# Чӣ гуна ҳидоят ёфтам

(чаро Суннӣ шудам)

Таваллуди дубора ва интихоби нав

(چرا سنی شدم)

Муртазо Родмеҳр

﴿إِنَّكَ لَا تَهْدِي مَنْ أَحْبَبْتَ وَلَـٰكِنَّ اللَّـهَ يَهْدِي مَن يَشَاءُ﴾[1].

"Ту наметавонӣ касеро, ки дӯст дорӣ ҳидоят кунӣ, вале Худованд ҳар касеро, ки бихоҳад ҳидоят мекунад".

[1] : Сураи Қасас 56

## Тақдим:

Ба падару модари азизам.

Ба Навид, фарзанди азизам, фарзанде, ки падарашро намешиносад.

Ба тамоми ҳамсинфон ва ҳамдавраҳоям.

Ба ҷавононе, ки дунболи ҳақиқат мегарданд.

Ба ононе, ки аз ширк ва бидъат ва хурофот хаста шуданд.

Ба ононе, ки озод ба дунё омаданд, озод зиндагӣ мекунанд ва мехоҳанд озод бимиранд.

Ба ононе, ки ихлос, истиқомат ва субот дар динро аз онҳо омухтам.

Ба ту эй "Мавлой"и ман, туе ки сабаби ҳидояти ман гардидӣ.

## Феҳрасти мундариҷот

Тақдим......3
Феҳраст......4
Фақат ба хотири ақидааш......6
Нисбат ба вазъи хонаводагӣ......13
Аз кудакӣ то булӯғ......19
Оғози таҳсилоти ҳавзаӣ......20
Оғози таҳсилоти донишгоҳӣ соли 1369......26
Сафар ба минтақаи "Кунгон", вилояти Бушеҳр......42
Сафар ба диёри ишқ (Балучистон)......43
Рӯзи аввали иқомат......47
Рӯзи савуми иқомат......51
Сафари ҳаҷ......60
Таҳлиле аз суханронӣ дар Мадина дар мавриди воқеъаи "Ифк"......61
Сафар ба кишвари Сурия ва Сулаймонияи Ироқ......67
Сафар ба Сурия......67
Сафар ба Курдистон......69
Сафар ба Машҳад......72
Оғози фасли ҷадид ва таҳаввулоти тоза......74
Дидор бо Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ ва Оятуллоҳ.Устодӣ......78
Сафар ба Кошон ва суханронӣ дар масҷиди он......81
Ихроҷ аз донишгоҳ, шиканҷа ва зиндон......83
Сафаре ба сӯи Балучистон......86
Бозгашт ба Теҳрон......86
Дастгирии муҷаддад......87
Интиқол ба шиканҷагоҳи мухаввафи иттилоъот......88
Мунтақил шудан ба зиндони "Увин"......92
Сафари Машҳад ҳамроҳи падар ва модар......93

Шаҳодати Алиризо Муҳаммадӣ..........................................96
Шаҳодати Арасту Родмеҳр...................................................97
Дастгирӣ дар Кирмоншоҳ ва зиндонии муҷаддад...........99
Оворагӣ ва дарбадарӣ ва терор дар Покистон................102
Сухани охар..........................................................................105
Ба ёддошти ҳамеша ҷовид, шаҳид,
Ҳуҷҷатулислом Муртазо Родмеҳр...................................110
Тазаккур..............................................................................121
Ёдоварӣ...............................................................................122

* * *

## Фақат ба хотири ақидааш.

Пас аз он ҳама дарду ранҷҳои тоқатфарсое, ки ба хотири ишқ ба ӯ чашида будам, ором ором дар биёбони ҳайрат ва саргардонӣ ва дар тепа ва дарраҳои мазлумият ва фироқ ва хиҷрон қадам мезадам, ногоҳ нигоҳам ба чизе афтод, аз дӯр таваҷҷӯҳамро ба худ ҷалб мекард. Пеш рафтам, садои оҳу нола ва фиғонаш танамро ларзонд, пештар рафтам дастонашро ба сӯйи ман дароз кард, гӯё медонист ман кистам?

Ба чашмонаш нигаристам, эҳсоси бисёр аҷибе ба ман даст дод, шояд ин низ оворае бошад, аз ашки ҳалқа зада дар чашмонаш, достони зулм ва ситамро мехондам, аз садои гирифта ва дарднокаш, достони шиканҷа ва азияти ҷабборони замонро, варақ мезадам.

Оре! Ӯ низ ғарибе буд мисли ман оворае ранҷдида, ошиқе дилсӯхта, муҷоҳиде воломаком ва парандае пару бол шикаста. Пас аз андаке дар чашмони зебояш нигаристам, ном ва насабашро пурсидам, Муртзои порсол, Мусъаби имсол ва роҳнамое барои дигарон дар фардо, канораш нишастам ва достони зиндагиашро ба гушу ҷон, шунидам.

Рӯҳонии мумтоз, пизишки фаъол, ошиқе ба тамоми маъно ва ҳақиқатҷӯи воқеъӣ, ӯро ёфтам.

Зиндагии мураффаҳе дошта буд. Падар ва модараш низ пизишк буданд. Мошин, мубойл ва каср низ дошт, аммо ба хотири ақидааш, фақат ба хотири ақидааш, ҳамаро раҳо карда буд.

Шиканҷаву зиндон, оворагию дарбадарӣ, маҳрӯм шудан аз ҳама чизҳоро, танҳо ба хотири интихоби ақидаи солим ва саҳеҳ, қабул карда буд.

Ба ӯ ишқ меварзидам, вақте ки садоқат ва покиро аз ӯ дарк кардам, вақте ин хулуси ниятиашро ҳис кардам дар аъмоқи қалбам, ҷой гирифт.

Ба хотири ақидаҳ, зан ва фарзандашро аз ӯ гирифта буданд.

Ба хотири ақидаҳ, пулу сарват ва дороияшро ғасб карда буданд.

Ба хотири ақидааш, аз донишгоҳу ҳавза ва ҳар мансАбӯ мақом, ихроҷаш карда буданд.

Вақте, ки Муртазоро дидам, вақте даст кашидан аз зан ва фарзандашро мутаваҷҷеҳ шудам, вақте раҳо кардани дарс ва донишгоҳ ва шуғл ва мақомро эҳсос намудам, фаҳмидам вақте ҳақиқат худро намоён кунад ва ҳақиқатҷӯ ба ҳақиқат даст ёбад, даст кашидан ва фидо кардани ҳар чизе дар роҳи ҳақиқат барояш чӣ қадар осон ва ширин аст.

Ба хотири он ишқи даруниаш, ки воқеъан содиқ ва ҳақиқӣ буд, ҳар касеро ба худ ҷазб мекард, ва дар ҳар маҷлисе, ки менишаст, бе ихтиёр атрофиёнро ба самти худ мекашид ва аз он оташи даруниаш ба дигарон гармо ва нӯр мебахшид. Худ банда аз ӯ дарси истиқомат, ихлос ва азхудгузариро омухтам. Истиқомат дар роҳи дин, истиқомат бар ақидаҳ ва ормони хеш ва дар як калом баҳо додан ба ҳадаф ва ормони ҳақиқӣ. Вақте ба далели мушкилоте, ки пеш омада маҷбӯр шуд, маро тарк кунад ва ба сӯй диёри номаълум сафар намояд, маро бо дунёе аз ғам ва андуҳ ба ҷой гузошт.

Дар охирин лаҳазот буд, вақте фарзанди кучаки маро нигоҳ мекард ва ӯро мебусид, эҳсос мекардам ба ёди "Навид"и кучаки худаш афтодааст, ашк дар чашмонаш ҳалқа мезад ва садояш мегирифт, аммо ба хотири иззати

нафсе, ки дошт худашро ба ханда мезад, то дигарон эҳсос накунанд.

Ҳеҷ гоҳ ҳисси охирин лаҳазоти дидорамонро фаромӯш намекунам, ки бо садои пӯр аз ҳӯзн ва андӯҳ ва ғам калимоте, ки ҳокӣ аз дард ва фироқ ва хиҷрон буданд, мехонд:

Рӯзҳо фикри ман инаст, ҳама шаб суханам
Ки чаро ғофил аз аҳволи дили хештанам

Вақте аз дард ва нороҳатӣ мегуфт, ӯро бо ҷумлаи зебои ﴿حَسْبُنَا اللَّـــهُ وَنِعْـمَ الْوَكِيـلُ﴾[2], таскин медодам ва бо шиъори ﴿لا تَحْزَنْ إِنَّ اللَّـــهَ مَعَنَا﴾[3], ӯро гусел намудам.

Аммо ба куҷо рафт, ба сӯйи кадом диёр ва сарзамин, ва ба сӯйи кадом сарнавишт? Ростӣ, агар қалам намебуд, агар калимот вуҷуд намедошт ва агар навиштанӣ даркор намебуд, чӣ гуна мо аз зиндагии дилсухтагони Илоҳӣ бохабар мешудем, чӣ гуна ҷараёни зиндагии онҳоро мефаҳмидем.

Пас эй қалам! дастҳои нозанинатро мебусам ва дар муқобили азамат ва ҷалоли холиқат, сари таъзим ва бандагӣ фурӯд меорем.

Мутолиъа ва шуру тафаккур дар равиши зиндагии бузургон ва гузаштагон ва ҳамчунин хотирот ва ҳаводиси зиндагии мардон, саросар таҷриба ва дарс аст барои ононе, ки мутолиъа мекунанд.

Ба ҳамин хотир, дӯстоне аз ин ғариби гӯмшуда хоста буданд, то воқеъаҳои зандагии пӯр дард ва ранҷи хешро бар коғаз бирезад, шояд дар оянда ҳақиқатҷуёне бар асари мутолиъаи он, ҳақиқатро биёбад ва ё шояд рӯзе "Навиди" кӯчак, ба ёди падари оворааш афтод ва билохира тавонист

---

[2] : Сураи Оли Имрон 173
[3] : Сураи Тавба 40

ӯро бишиносад ва ё шояд, рӯзе падару модараш ҳақиқатро фаҳманд ва отифаашон ба ҷӯш ояд ва фарзанди дилбандашонро дар оғӯш бигиранд.

Аммо мутаасифона, ӯ ба иллати мушкилоти ҳабс, шиканҷа ва оворагӣ, дер иқдом кардааст, ҳоло ки мехоҳад аз зиндагияш бинависад, дард ва ранҷи он шиканҷаҳо, қудрати  тафаккурро аз ӯ мегирад ва вақте ин ҳама оворагӣ ва дарбариро тасаввур мекунад, қудрати баён ва андешиданро аз даст медиҳад. Аммо бо тамоми ин авсоф боз бар он шудем, ки ҳамин қадр ҳам, ки тавонистааст бинависад онро мунташир намоем, то хонандагон ба унвони як дардномаи пур сӯзу гудоз ба он бингаранд ва насли ҷавони имрӯз дар дунёи шак ва тардид зиндагӣ накунад.

Ба умеди он рӯз
25-5-1381 ҳиҷрӣ шамсӣ

## Ба номи Худованди бахшандаи муҳрубон

الحمد لله رب العالمين، الذي هدانا طريق الإسلام والإيمان والإحسان والصلاة والسلام على سيدنا ومولانا محمد وعلى آله وأصحابه وأتباعه أجمعين إلى يوم الدين.

Сипос Холиқи ҳастӣро, ки фикру андеша, ақлу хирад ва ҳидояту нӯрро офарид. Зоти покро ситоиш мекунем, ки ҳама ҷаҳони ҳастӣ дар қабза ва иҳотаи мутлақи ӯст, сари таъзим ва таврим ва бандагӣ ба пешгоҳи Худованде фуруд меоварем, ки ба мо илму маърифат ва хираду андешаро арзонӣ фармудааст.

Худоё! Туро сипос мегуям, ки нӯри ҳидоятро бар қалби ман низ тобондӣ.

Илоҳӣ! ман туро ситоиш мекунам, ки неъмати андешиданро ба ман додӣ.

Парвардигоро! туро шокирам, ки шаҳоматро ба ман бахшидӣ, то битавонам дар роҳи шаҳодат қадам бардорам.

Он чӣ пеши рӯй шумо хонандаи гиромӣ аст, сӯгномаест аз даврони гумроҳӣ ва залолат, гузоришест аз зулми зулумоти даврон, дар муқобила бо озодӣ, дардномаест аз даврони ҳидоят ва васл шудан ба маҳбуб ва маъбуди ҳақиқӣ ва билохира, калимотест дар мавриди "**таваллуди дубора ва зистани нав бо андешаи нав**" дар паймудани роҳи саҳеҳ ва дурӯст, ки ҳамоно роҳи расидан ба маҳбуб ва маъбуд аст.

Пас агар дар навиштани матлаб ишколот ва камбудиҳои адабӣ дида шавад, умедворам хонандагони азиз ин каминаро мавриди бахшиш қарор диҳанд чаро, ки банда то ба ҳол дар заминаи адабӣ, қалам назадам, риштаи донишгоҳии ман низ адабиёт набудааст, пас пешопеш ба хотири набудани адабиёти хуб ва стандард дар навиштаам, пузиш металабам.

Аммо бино ба таъаҳуд ва рисолате, ки дар худ эҳсос мекардам, маҷбӯр шудам, мухтасаре аз зиндагии хеш ва воқеъаҳо ва лаҳзаҳое, ки ҳосили мутолиъот ва таҳқиқоти чандсола дар муҳити донишгоҳӣ ва ҳавзавӣ, таҷориби даврони зиндон, шиканҷа, ҳабс, оворагӣ ва муҳимтар аз ҳама, он чӣ сабаби таҳаввул ва дигаргунии фикрӣ ва ақидатӣ дар ман гардид, ба сурати рисолаи мудавван, тадвин ва таҳрир намоям, ба ин умед, ки ононе ки мехоҳанд, озодона бияндешанд ва дӯр аз ҳар гуна тақлид ва аз рӯйи таҳқиқ ва тафаҳҳус, ойин ва мазҳаби дурӯст ва саҳеҳро интихоб намоянд, дар паймудани ин роҳ, таҷриба дошта бошанд.

Хонандаи гиромӣ! Агар чӣ мехостам тасаввури комилан равшане аз воқеъаҳо ва он чӣ бар ман гузашта буд ва дар вуҷудам нуфӯз карда буд, ва асосан заминаҳои таҳаввули фикрӣ ва ақидатӣро дар ман эҷод кард, тасвир кунам, аммо ба иллати бемории шадиде, ки ба он мубтало шудам, ва ҳамчунин ба далели надоштани тахассуси кофӣ ва омодагии лозим дар ин замина, натавонистам тамоми он чиро ки бояд менавиштам, бинависам ва дар ихтиёри шумо азизон қарор диҳам, аммо ба ҳар ҳол ба хотири ташвиқи теъдоде аз атрофиён ва дӯстон, бар он шудам, ки сафаҳоте ҳар чанд мухтасар ва андак аз он даврон, бар коғаз бикашам, шояд Парвардигор умр ва тавфиқе дод, то дар оянда бештар битавонам ба таври муфассал, зиндагии пурфароз ва нишеби хешро тасвир намоям.

Саъй намудам, то ҳадде, ки бароям мумкин бошад, ҳаводис ва иттифоқот дар ин маҷмӯъа ба асоси воқеъаҳо ва ҳамроҳ бо шавоҳид, бошанд, албатта на ба сабки романи классик, балки ба забони сода ва гӯё онро ба риштаи таҳрир дароварам.

Аз дидгоҳи худ, возеҳтар бигӯям ба ақидаи худ, аз матолиб ва ҳаводис дарҷшуда дар ин маҷмӯъа ба унвони гусастани занҳирҳои асорат аз доми хурофот, мавҳумот ва фурӯ рехтани деворҳои баланди ҷаҳолат, тафаккуроти сирф ҷоҳилона ва таъассубгунаи мазҳабӣ ва гурез аз дунёи торикии ибҳомоти ифрот ва тафрит, ташкик ва тардид ва ниҳоятан, фарозам бар қуллаи баланди илм ва маърифат ва расидан ба уфуқи ҳақиқат ва ҳидоят, таъбир намоям.

Албатта, хурӯҷ аз дунёи торики ибҳомот ва таъассуботи ҷоҳилона ва ифрот ва тафритҳои мазҳабӣ ба наҳве, ки зери борони шадиди таблиғоти ва тарбияти, падидае ба номи "мазҳаб", ки дар кишвари мо мавриди таваҷҷӯҳи умум ҳаст, ҷуз бо таваҷҷӯҳ ва истиъонат ба Худо, кори бас дӯшворе аст.

Худованди субҳонро сипосгузорам, ки тавфиқи иноят фармуд, бо мутолиъа ва таҳқиқи ҳар чанд мухтасар ва маҳдуд, огоҳона ва бо итминони хотир ба зиндагии бисёр мураффаҳ ва ашрофӣ ва таҷаддудгароёнаи падар ва ҳамчунин, дунёи мутаъассибона ва сирф мазҳабии модар, бе эътино ва бо даридани пардаҳои торикӣ ва ибҳом ва баъзан хурофот ва мавҳумот ва пазируфтани ин воқеъият, ки ҷуз олами Шиъа, дунёи Исломи дигаре низ ҳаст, поён диҳам, ва рӯ ба таҳқиқе биёварам, ки боъиси наҷот ва сарбаландиям дар дунё ва охират мегардад.

Бо пушт кардан ба мазҳаб ва хутути фикрии Шиъа, гарвидан ва пайвастан ба мазҳаби Аҳли Суннат ва Ҷамоъат, ба воқеъияти бисёр мустаҳками динӣ иттисол пайдо кардам.

Хоҳар ва бародари мусалмон! матолиб ва мабоҳиси дарҷшуда дар ин маҷмӯъа, умдатан эътиқодӣ ва меҳвари бархурди мутақобили ду андеша ва хатти фикрии

мутафовит ва мутамоиз, яъне, мазҳаби Аҳли Суннат ва Ҷамоъат ва мазҳаби Шиъа аст. Лизо ба сароҳат эълон медорам, ки ба ҳеҷ яке аз аҳзоби сиёсӣ вабастагӣ надошта ва ғаразҳои таъомулот, муносбот ва дидгоҳҳои сиёсӣ, мавриди лиҳоз қарор нагирифтааст.

Аз Худованд субҳон хосторам, то ба ҳама ҷавонони ҷомеъаи мо, тавфиқи дурусти фаҳмидан ва дуруст андешидан ва дуруст интихоб карданро иноят фармояд, иншоаллоҳ.

Муртазо Родмеҳр
1/1/1371 ҳ, ш.
Панҷшанбе 6 муҳаррам 1423 ҳ, к.

## Нисбат ва вазъияти хонаводагӣ.

Ман Муртазо Родмеҳр, фарзанди дуктур Фарзоди Родмеҳр, дар соли 1351 ҳиҷрӣ шамсӣ, дар яке аз маҳалаҳои ашрофнишини Теҳрон таваллуд шудам. Бар асоси ривоёт ва хотироте аз волидайн, ки дар фикр ва зеҳнам нақш баста ба ва субут расидааст, насаби падарам ба Қоҷориён ва ашрофи силсилаи Қоҷор мерасад. Дар воқеъ ҷадди падарам, нувосаи Фахрулмулук, (хоҳари Носируддиншоҳи Қоҷор) мебошад. Хонаводаи падарам, ки худро аз ашрофи Қоҷор медонанд, то ҳанӯз ҳам ба фарҳанг ва манишҳои Қоҷориён, ба сабки таҷаддудгароии аврупоӣ, эътиқод ва таваҷҷӯҳи хосе доранд.

Модарам, дуктур Сайида Олия Ҳусайнӣ, ки аз лиҳози насаб мансуб ба содоти Ҳусайнӣ аст, бо вуҷуде, ки дуктур ва дорои таҳсилоти олӣ ва истилоҳан равшанфикр аст, аммо ба малок ва меъёрҳои мазҳабгуна, пойбандии шадид дорад.

Аз ҷиҳати фикрӣ ва шахсият, хонаводаи падар ва модарам, дорои ду дидгоҳи мутафовит ва мутамоиз бо якдигар ҳастанд. Ба ривояти волидайн, издивоҷи онон бармегардад ба солиён ва даврони донишҷӯ, ки ниёз ба як киссаи муфассал ва тӯлонӣ дорад.

Ба ин тартиб, падар ва модар замони донишҷӯи, ки ба таври ҳамзамон дар як донишгоҳ машғули таҳсили улуми пизишкӣ буданд, ҳар ду донишҷӯёни барҷаста ва мумтоз дар замони худ ва дар фарогирии улуми пизишкӣ мебошанд. Барҷастагӣ ва боло будани сатҳи фикрӣ ва тақрибан муъошарати онон дар донишгоҳ, заминаи иртибот ва алоқамандии онон нисбат ба якдигар фароҳам менамояд, ки ниҳоятан тасмим ба издивоҷ мегиранд.

Аммо қабл аз издивоҷ ба лиҳози тазоди фикрӣ ва тафовутҳои табақоти ҳоким дар байни ду хонавода ба наҳве буд, ки падар худро аз табақаи соҳибноми ашрофӣ, бо фарҳанг, бо шахсият ва дар сатҳи боло медонист, ба ҳамин хотир падару модари ин ду, бо издивоҷ мухолифат мекарданд, то ҳадде ки муҳолифатҳо ва муҷодалот байни онон ба авҷ расид, аммо бо вуҷуди мухолифатҳои шадид дар ниҳоят издивоҷи волидайн сурат гирифт. Аммо заминаҳои муносибати фикрӣ ва равонӣ, ки дар навбати худ мунҳасир ба фард буда, ҳамчунон побарҷо ва дар фазои хонавода, соя андохта ва таъсир гузошта шуда буд.

Сарфи назар аз ин, ки ба ҳар ҳол издивоҷи воладайн сурат гирифт ва зиндагии хонавода ба масири табиъи идома ёфт, аммо шакл гирифтани зиндагии табиъи хонавода осори он мушахасан мувоҷеҳ бо ҳодисаи ҷолиби ногувор ба ин тартиб иттифоқ афтод:

Падару модар дар даврони донишҷӯи бо фарде бо номи оқои дуктур Мансур Ҳакокиён ҳамдавра ва ҳамсинф буданд, ки эшон бо лиҳози насабӣ, вабастагии бисёр наздик бо хонаводаи модарӣ дошт, гӯё эшон низ ибрози тамоюл намуда буд, то бо модарам издивоҷ намояд.

Пас аз ин, ки пешниҳоди вай тавассути модар дар издивоҷ бо падарам шакл гирифт, аз ин шадидан нороҳат ва бо доштани кинаву инод бо волидайн, ҳамвора дар садади интиқомҷӯйи ва эҷоди заминаҳои даргирӣ ба шакли хос бо падар буд.

Бо тахриби шахсияти падар дар маҷомеъ ва сӯйзани муҳит ва фазои донишгоҳ уқда гушоид, то ҳадде инод ва душманиии дуктур Ҳакокиён бо падар ба ҷое расид, ки падарро ногузир ба тарки ватан намояд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки дар ин мақтаъи замонии хос, падар дар донишгоҳи

улуми пизишкӣ, зимни тадрис дар донишгоҳ дар бахши мутолиъа ва пажуҳиш, низ эҳтимом дошт ва ба иттифоқ оқои Ҳакокиён узви ҳайати илмии донишгоҳ низ буданд- ҳодисаи бисёр ҷолибе низ иттифоқ афтод, ба ин тартиб, ки падар дар ҷараёни таҳқиқот ва пажуҳиш муваффақ ба кашфи формулаи дорӯйи саратони шуш шуда буд. Чун оқои дуктур Ҳакокиён аз моҷарои кашфи дорӯйи зикр шуда, огоҳ шуда буд ва дар садади дастёбӣ ба формул ва эҳтимоли сабти он ба номи худ буд, аммо муваффақ нашуда буд. Назар ба ҳасодат ва адоватҳои қаблӣ, ки реша дар адами тавфиқи издивоҷ бо модар дошт, иқдом ба туҳматзаданҳо, ифтиро ва тахриби шахсияти падарро, хосатан дар маҷомеъи илмии донишгоҳӣ, дунбол намуд, то ҳадде ки арсаро барои падар чунон танг намуда буд, ки падар ногузир шуд дар соли 1357 зоҳиран таҳти унвони идома ва такмили таҳсилоти худ (гирифтани тахассус дар мағз ва аъсоб) ба хориҷ аз кишвар (Фаронса) сафар кунад.

Падар дар кишвари Фаронса ҳудуди се сол иқомат дошт ва бо як духтари масеҳӣ ба номи хонум дуктур "Морило" ба ин тартиб издивоҷ кард. Онҳо дар як донишгоҳ машғули таҳсил буданд. Морила духтари устоди падарам бо номи дуктур Фриштер (Frishter) буд. Эшон рӯзе аз падарам суол кард, ки шумо аҳли кадом сарзамин ҳастед? Падарам дар ҷавоб мегуфт: Ирон. Сипас аз падарам суол мекунад: оё шумо мусалмон ҳастед ё Муҳаммадӣ? Падарам мефаҳмад, ки Морило аз ойини Муҳаммадӣ бештар хушаш меояд, дар ҷавобаш мегуяд: ман Муҳаммадӣ ҳастам ва ӯ ҳам содиқона ҳарфи падарро қабул мекунад, аммо пас аз таҳқиқ мутаваҷҷеҳ мешавад, ки падарам Муҳаммадӣ нест. Падар ҳар чӣ мехоҳад ӯро тавҷеҳ кунад, ки ӯ Муҳаммадӣ аст аммо Морило ҷавоби

дандоншикане ба падарам медиҳад ва мегуяд: Муҳаммадӣ на ин, ки Муҳаммадро мепарастанд ва ё ин, ки Муҳаммадро намунаи зиндагӣ ва маънои зиндагии худ қарор додаанд, Муҳаммадӣ, яъне амал дар кирдори Муҳаммад, ки ҳамон Аҳли Суннат ҳастанд, шумо Ирониҳо барои зиндагии худ, ҳазорон маъно ихтиёр кардаед.

Аммо муддати издивоҷи маҳдуд бидуни он, ки мавлудеро дар бар дошта бошад, хотима меёбад, сипас падар аз Фаронса ба кишвари Канада сафар мекунад ва ҳудуди 12 сол дар хориҷ аз кишвар, иқомат доштааст.

Дар тӯли ин муддате, ки падар дар хориҷ аз кишвар иқомат дошт, иртиботи вай бо хонавода идома дошт, ба наҳве ки модар ду бор ба хориҷ аз кишвар ба мулоқоти падар рафт ва аксаран иртиботи телефонӣ барқарор будааст. Дар тӯли ғайбати ва адами ҳузури падар дар хонавода, кафолат ва сарпарастии хонавода бо падарбузурги падарӣ буд. Оқои дуктур Ҳакокиён, хабосат ва разолатро ба ҳадде расонид, ки дар ғайбати падар чандин маврид ба суратҳои мухталиф ва эҷоди арса ва заминаҳои номуносиб, ба модарам пешниҳод дод, то аз падар талоқ гирифта ва бо вай издивоҷ намояд, аммо дустиву вафо ва ҳаёи модар сабаб гардид, то вай (дуктур Ҳакокиён) барои ҳамеша, номуваффақ бимонад.

Пас аз бозгашти падар аз хориҷ дар соли 1370 ва ҳузури эшон дар донишгоҳ ва ишғол ба тадриси донишгоҳӣ, хонум Морило, зани масеҳии фаронсавии талоқшудаи падарам, ба Теҳрон омад. Бо ин ки вай издивоҷи муҷаддад карда буд, аммо муносиботи бисёр муҳтарамона ва дӯстона, зимни ҳифзи шууни ахлоқӣ бо падар дошт ва шояд вафодории эшон нистбати падар сабаб шуда бошад, то дар сафари Теҳрон маҳлул ва

формули кашфи дорӯйи саратони шушро, ки фаромӯш шуда ва дар гузашти замон, мадфун шуда буд, аз падар бигирад ва ба Амрико барад ва пас аз озмоиши комил ва тести ниҳоии формули кашф шуда ба сурати маҷмӯъа ва китобе даромода ва интишор ёбад, ки як нусха аз ин китоб тавассути хонум Морило барои падарам фиристода шуд, ки падар ин тавфиқ ва ифтихори арзишмандро марҳун ва вафодории зани масеҳии фаронсавии худ медонад. Гар чӣ дорӯйи саратони шуш, ба исми падар сабт нашуд, аммо ҳамин ки дорӯйи саратони шуш кашф шуд ва падар дар ин амри хайр шарик буд, ин чиз ба ҷой худ бисёр бо арзиш буд, бо ин тартиб ҳузур надоштани падар дар хонавода ва кишвар, фароз ва нишебиҳои фаровоне ба дунбол дошт. Дар таҳлили муносабот ва фазои хонавода ва ин ки асосан ҳузур надоштани падар дар хонавода, ки реша дар инод ва хушунатҳои қабл аз издивоҷ, дошта ва ҳамвора таъсиргузор буда ва заминаҳои изтироб ва парешонии хонаводаро фароҳам карда буд, ҳосил ва самараи издивоҷи волидайн, се фарзанд ба тартиби ду писар ва як духтар буд.

Мушаххасан, он чӣ дар ин ҷо лозим медонам ба иттилоъи хонандагони гиромӣ бирасонам, масъалаест, ки хонаводаи мо таркиб ва талфиқе аз ду дидгоҳи мутафовит ва мутазод бо якдигар ва ё ба иборате, фазои хонавода ҷой иртиботи ду фарҳанг ва ё ду биниши мутафовит мунҳасир ба фард буд, ба наҳве ки хонаводаи падарӣ дорои фарҳанг ва манишҳои таҷаддудгароёна ва хонаводаи модар, низ мазҳабии маҳз, ки нигаришҳои сирф мазҳабӣ доштанд.

Вазъияти молии хонавода дар ҳадди бисёр хуб ва фазои отифи ва самими дар хонавода, комилан барқарор буд. Фитратан ҳар падару модаре орзу доранд фарзандони

солим ва муваффақ дошта бошанд. Хонаводаам низ аз ин қоъидаи куллӣ мустасно набуданд, лизо валидайнам бо тарзи тафаккури хоси худ ба наҳве, ки падар ва хонаводаи падарӣ кушиш доштанд, пизишк шавам ва хонаводаи модарӣ тамоюл доштан рӯҳонӣ ва дар силки рӯҳоният қарор гирам. Бо вуҷуди ин ки, амалан аз назари волидайн матруд ва манфур ҳастам, аммо ҳеҷ гоҳ, бусаҳои пӯр аз меҳри модар ва нигоҳҳои муҳаббатомези падарро аз ёд нАбӯрда ва баъд аз муҳаббати Худованди субҳон ва ақидаам, дар марҳалаи дуввум ҷойгоҳи волидайнро дар қалби худ медонам ва дӯсташон дорам.

Аз ин ки ман боис шудам, падар ва модарам кишварро барои ҳамешагӣ тарк кунанд, зиёд бороҳатам ва аз онҳо пӯзиш металабам.

## Аз кӯдакӣ то булӯғ.

То он ҷое, ки ба хотир дорам, пас аз он ки падарам ҷиҳати такмили улуми пизишкӣ (гирифтани тахассус) ё дар воқеъ ба ҷиҳати инод ва тахрибӣ шахсият, тавассути дуктур Ҳакокиён, дӯст ва ҳамсинфи қадимияш ва эҷоди мушкил ва гирифторӣ то ҳадде, ки маҷбӯр ба тарк диёр гардид, сарпарастии хонавода ба ӯҳдаи падарбузурги падарам вогузор гардид. Мавориди хосе аз он замон ба хотир надорам, аммо шояд ин эҳсосро доштам, ки носозгориҳое дар байни ду хонаводаи падарӣ ва модарӣ ва ҳозир набудани падар дар хонаводае, ки реша дар муҷодалот ва носозгориҳои хонаводагӣ бармегардад ба даврони издивоҷӣ волиидайн, ки маъмулан эҷоди кудуратро ба дунбол дошт ба наҳве, ки тафовут ва тазодҳои тарбиятӣ ва таъомулоти ахлоқӣ, дар хонавода комилан таъсиргузор буд ва танҳо мавриде, ки дар

хотирам ҳаст, ба соли 59 ва замоне бар мегардад, ки барои аввалин бор, модар дастамро гирифта ва дар мактаби маҳалаи Ниёварон -ки он замон ба дабистони "Ёсман" маъруф буд- сабти ном намуд. Гар чӣ дар он замон ва дар дунёи кӯдакона, таваҷҷӯҳе ба атроф надоштам, аммо сабти ном дар дабистони Ёсман, он қадар хушҳолам карда буд, ки васфи онро номумкин медонад. Ба ҳар ҳол давраи дабистонро пушти сар гузоштам, ки тақрибан дар синни ёздаҳ ё дувоздаҳ солагӣ қарор доштам ва дар ин мақтаъи синнӣ, гароишот ва тамоюлоти мазҳабиро дар худ комилан эҳсос менамудам, албатта намедонам, ки чӣ гуна ва чӣ тавр шуд, ки якдафъа баҳси сабти ном дар ҳавзаи илмияи "Валии аср", матраҳ шуд, аммо бо таваҷҷӯҳ ба фазои ҳоким дар хонавода, хосатан алоқамандии модар нисбат ба мулоҳазоти мазҳабӣ, ки комилан таъсиргузор буд, зимни идомаи таҳсилот аз фарогирии улуми ҳавзавӣ, низ истиқбол намудам. Ба ин тартиб дар соли 1363 ва дар дувоздаҳ ё сездаҳ солагӣ, ҳамзамон ва дар канори идомаи таҳсилот дар мактаъи роҳнамоӣ, улуми ҳавзавии худро низ оғоз намудам.

## Оғози таҳсилоти ҳавзавӣ (мадрасаи мазҳабӣ).

Пас аз тавофуқи нисбии ду хонаводаи падарӣ ва модариям, ва хост ва алоқамандии модарам, ва вуҷуди ангезаҳои дарунии таҳсили ҳавзавӣ, дар соли 1363 дар ҳавзаи илмияи "Валии аср"и Теҳрон сабти ном кардам. Масъала ва баҳси сабти ном дар ҳавзаи илмия ба иттилоъи падарам, ки он замон дар Канада ба сар мебурд, расид. Аз он ҷое, ки падар орзу дошт, ки роҳи ӯро идома диҳам ва пизишк шавам ва ба таҳсилоти олӣ дар бахши тиб бипардозам, лизо аз тасмими гирифта шуда, яъне

сабти ном дар ҳавзаи илмия, шадидан нороҳат ва мутаасир шуд ва таъкид дошт, то аз ҳавза ба мадрасаи давлатӣ баргардам ва таҳсилоти худро дар мақтаъи роҳнамоӣ, дунбол кунам.

Дугонагии тасмимгирӣ дар хонавода низ, ки ба лиҳози шароити хоси хонаводагӣ, мазҳабӣ ва доштани гароишҳои шадиди мазҳабӣ, эҳсос мекардам ба таҳсилоти ҳавзавӣ алоқамандам, лизо бо таваҷҷӯҳ бо ду рӯйкарди комилан мутафовит ва мухолифати ҷиддии падар, ниҳоятан модар тасмими худро гирифт ва қарор шуд, зимни идомаи таҳсилоти ҳавзавӣ ва бо гирифтани муаллими хусусӣ, таҳсилоти худро дар мақтаъи роҳнамоӣ низ идома диҳам, то ба ин тартиб, ҳам назари падар иҷро гардад, ва ҳам вақфае дар таҳсилоти ҳавзавии ман эҷод нашавад, ки бо ба коргири ин равиш, давраи яксолаи фарогирии улуми ҳавзавӣ (ҷомеъулмуқаддимот) ва яксолаи аввали мақтаъи роҳнамоӣ ба таври ҳамзамон, шуруъ ва хотима ёфт.  Назар ба алоқамандӣ ва истеъдоди зотӣ ва ин ки аз заковати  фавқулъодае, бархурдор будам, лизо дар имтиҳоноти ҳавзавӣ ва мутафарриқа дар роҳнамоӣ бо намороти (баҳои) қобили қабул ва бисёр хуб, соли аввалро пушти сар гузоштам, гар чӣ баҳрагирӣ аз муаллими хусусӣ, харҷи бисёр болоеро бар хонавода таҳмил мекард, аммо бо таваҷҷӯҳ ба вазъияти бисёр хуби хонавода аз лиҳози молӣ, ҳеҷ гоҳ мушкиле эҷод нашуд. Ба ҳар ҳол, аввали роҳнамоӣ ва аввали мукаддимоти ҳавзавӣ, ба итмом расид.

Модар тасмим гирифт дар соли дуввуми роҳнамоӣ ва дуввуми мукаддимоти ҳавзавӣ, дар яке аз ҳавзаҳои илмияе дар Қум, ки модар тасаввур дошт аз муҳит ва фазои илмии муносибтаре бархурдор ҳастанд, сабти ном

намоям, лизо соли дуввумро дар Қум ва ҳавзаи илмияи "Кирмониҳо", сабти ном кардам, аммо пас аз муддати кутоҳе, ки модар ҷиҳати дидоре ба Қум омада буд, то аз мизони пешрафти дарсӣ ва вазъияти таҳсилии ман огоҳ шавад, бо мушоҳидаи муҳит ва фазои ҳавзаи илмия хусусан, маҳали сукунат ва тағзияи донишҷӯён, ки ба таври табиъи, вазъияти мутаввасит дошт, аз вазъияти мавҷуд эҳсоси норизоият намуд, лизо дар маҳали "Замбилобод"и Қум, як боб манзили муносиб, иҷора ва бо гирифтани муаллими хусусӣ ва тадриси шабона, соли дуввуми роҳнамоиро ҳамзамон бо дуввуми мукаддимоти ҳавзавӣ ба поён расонидам.

Марҳалаи аввалро дар мадрасаи илмияи "Қадирия" назди масҷиди "Шоҳ Иброҳим Собиқ" буд, гузарондам. Истеъдоди зотӣ ва алоқамандии шадиди ман ба таҳсилот ва ба таври хос дар фарогирии улуми ҳавзавӣ, ду соли муқаддамот ва марҳалаи аввал ҳамзамон будани он бо итмоми се солаи давраи раҳнамоӣ, на танҳо таваққуф ё эҷоди мушкил нанамуд, балки ҳамвора аз талабаҳои муваффақ ва дар сатҳи мутамоиз будам, ки мавриди таваҷҷӯҳ ва ташвиқи асотиде, ҳамчун Оятуллоҳи Мусавӣ, Оятуллоҳи Устодӣ, Оятуллоҳи Ваҳиди Хуросонӣ ва Оятуллоҳи Ҳусайнӣ, қарор гирифтам.

Ишора ба ин матлабро, низ зарурӣ медонам, ки муваффақиятҳои таҳсилӣ, дар ин мақтаъи замони хос, натиҷа ва марҳуни таваҷҷӯҳ ва заҳамоти модари меҳрубон ва огоҳ буд, ки лозим медонам дар ҳамин ҷо ва дар ҳадди бисёр боло, аз модарам ташаккур намоям.

Билохира, таҳсилоти давраи дабиристон, низ ба ҳамин тартиб дар канори гузаронидани дуруси ҳавзавӣ, ба поён расид.

Давраи Сатҳ ва Хориҷи улуми ҳавзавиро дар ҳавзаи илмияи "Ризавӣ", сипарӣ кардам.

Ҳамзамон бо бозгашти падарам аз хориҷи кишвар пас аз дувоздаҳ сол, таътилоти тобистониро мегузарондам, ки ҳодисаи бисёр ҷолибе бароям иттифоқ афтод. Ба ин тартиб, бо яке аз рӯҳониёни ҳавзаи илмияи "Файзия" ба номи Ҳуҷҷатулислом Сайид Ғулом Ҳусайни Ҳусайнӣ, ки зоҳиран маъмурият ёфта буд, ба манзури анҷоми пораи таблиғот ва арзёбии вазъияти ақидатӣ, ба минтақаи Балучистон сарзамине ба номи "Рамшак", ки ҷузъи ҳавзаи истеҳфозии Кирмон мебошад, мусофирате дошта бошад, ба лиҳози ташнагии мутолиъа ва таҳқиқ, хостам дар сафар эшонро ҳамроҳӣ намоям, ки бо эшон ба "Рамшак", ки комилан минтақаи Суннинишин аст, бо теъдоде аз ҷавонони "Рамшак", ки чанд нафар талабаи ҳавзавии ҷавони суннӣ, низ дар ҷамъи онон буданд, пиромуни масоили ақидатӣ, музокира ва мубоҳаса шуд, ки талабаҳои ҷавони Суннӣ, суолоте матраҳ намуданд, ба наҳве, ки иҷтимоъи маҳдуди зикршуда ба ҷаласаи мунозара ва муҷодалаи фикрӣ, шакл гирифт, ки дар поён эҳсос кардам дар посӯх ба суолоти талабаҳои Суннии ҷавон, бе ҷавоб мондем, лизо зимни ин ки иттифоқи мазбур шадидан эҳсоси шармандагӣ ва сарафкандагиро бароям ба дунбол дошт. Ин ҳодиса дар он замон, бароям то ҳадде гарон тамом шуд, ки ҳеҷ гоҳ онро фаромӯш нахоҳам кард.

Дар соли 1368, барои гузаронидани соли шашум ҳавзавӣ (аввали хориҷ) дар ҳавзаи илмияи "Файзия"и Қум, сабти ном кардам.

Дар ин мақтаъи замонӣ, дар ҳавзаи фарогирии улуми ҳавзавӣ, мутолиъот ва таҳқиқот, ҳодисаи муҳими дигаре низ иттифоқ афтод ба ин тартиб:

1. Муносибати хосе пеш омада буд ва теъдоде аз талабаҳои ҳавзавии илмияи "Файзия", мақолоте дар васфи марҳум Мустафо Хумайнӣ, фарзанди имом Хумайнӣ, таҳия карда буданд. Ман низ бо ҳамин муносибат, мақолае омодаи қироъат намудам, ки дар ҷамъи мақолот ироъа шуда, бештар мавриди таваҷҷӯҳ ва писанди баргузоркунандагони маросим, қарор гирифт, ва аз ҷониби устондори Қум, як сиккаи баҳори озодӣ, ба унвони ҷоиза, дарёфт кардам.

2. Ба муносибати нимаи Шаъбон дар масҷиди "Ҷамкарон"и Қум, мақолае таҳти унвони "Қоими имом Маҳдӣ", таҳия ва қироъат намудам, ки мавриди таваҷҷӯҳи баргузоркунандагони маросим қарор гирифт, ки дар авохир ва ҳусни хитоми мақолаам ин ҳадис буд: " وأفضل الأعمال إنتظار الفرج", ва аз ҷониби Ҳуҷҷатулислом "Тавҳиди Наё", як ангуштар ва як шиша атр ба унвони ёдбуд, дарёфт кардам.

Дар ин замон ба таҳияи мақолот ва таҳқиқоти ҷонибӣ, низ таваҷҷӯҳ доштам, ба наҳве, ки алоқамандӣ ва тавоноии ман дар фарогирии улуми ҳавзавӣ ва мутолиъаву таҳқиқ таваҷҷӯҳи устодон ва атрофиёнро ба худ ҷалб карда буд ва ин ки пас аз панҷ соли таҳсил, дар ҳавзаи илмияи Қум ба мақтаъи хориҷ по ниҳода будам, барҷастагӣ ва ваҷҳи тамоюзи ман дар байни донишҷӯён комилан маҳсус буд, хусусан ин ки ташнагии мутолиъа ва таҳқиқ ва ҳолати ҷустуҷӯгаронаи шадид дар ман эҷод шуда буд, ки ба ҳамин лиҳоз, ҳамвора ба дунболи маҷмӯъа, мақола, манобеъ ва ғайра будам, то ин ки ҳодисаи муҳими дигаре ба ин тартиб иттифоқ афтод:

Аз шахсе ба номи "Сайид Ҳусайни Аббосӣ", маҷмӯъаи мақолаи мудавванеро дарёфт кардам, ки тавассути Рӯҳонийёни Суннии шаҳри Чобаҳори вилояти Балучистон ва таҳти унвони "Рози дилбарон", номае аз Чобаҳор ба Қум навишта шуда буд.

Матолиб ва мазомини маҷмӯъа махсусан, пиромуни усул ва мабонии эътиқоди Аҳли Суннат нигариш, ва эътиқодоти онон нисбат ба аҳли байти Расули Худо(с) ва Саҳобаи киром, мавриди баҳс ва таҳлил қарор гирифта буд, ки пас аз мутолиъаи маҷмӯъаи зикршуда ва ду мавриди иттифоқоти мавриди ишораи қаблӣ, иттифоқи минтақаи Рамшак ва доштани ангезаи мутолиъа ва таҳқиқ, пас аз мутолиъаи маҷмӯъа, суолоти гуногуне барои ман матраҳ шуд, ба наҳве, ки эҳсоси ниёз мекардам, то посухи суолотро аз манобеъи ғанӣ ва мутмаъин, дарёфт кунам. Лизо бо ҷамъбандии феҳрасти суолот ба маркази мудирияти ҳавзаи илмияи "Файзия", дар ҳузури мароҷеъ масоилро матраҳ намудам, ки тавсия шуд ба дафтари ҳазрати Оятуллоҳ Аминӣ, ҷонишини имомҷумъаи Қум, ки яке аз мударрисин соҳибном ва устод дар илми мантиқ ва фалсафа аст, мурочаъа намоям, ки бо роҳнамоии Ҳуҷҷатулислом "Тавҳиди Наё" ба дафтари ҳазрати Оятуллоҳ Аминӣ, мароҷиъа ва дархости худро матраҳ намудам. Аммо масъӯлини дафтар таҳти ин баҳона, ки барномаи мулоқоти Оятуллоҳ Аминӣ, муҳдуд аст, машғалаи зиёди фикрӣ ва корӣ ва ғайра дорад, тавфиқи мулоқот ҳосил нашуд, то ин ки пас аз ҳудуди се ҳафта пайгирӣ ва пофишорӣ, ниҳоятан бо Оятуллоҳ Аминӣ мулоқот ва феҳрасти суолоти худро тақдим кардам. Дар ҳоле, ки эшон машғӯли мутолиъаи феҳрасти мутолиъот буданд, аз чеҳра ва симои эшон эҳсос кардам, ки нороҳат

ва музтариб ба назар мерасанд, ки дафъатан ҳазрати Оятуллоҳ бо асабоният, носазо гуфтан ва дашном додан ба нависандаи маҷмӯъа, дучори он чунон хашм ва ғазабе шуда буданд, ки ҳар гиз тасаввур намекардам, ки чунин бархурд ва калимоте аз забони шахсияти Рӯҳонӣ, ки худ устод дар мантиқ ва фалсафа аст, ҷорӣ шавад.

Оятуллоҳ Аминӣ бо ҳолати хашмгӯёна гуфтанд: бирав китобҳоямро мутолиъа кун, агар мутақоъид нашудӣ, ба масҷиди Аъзам биё, то ҷавобатро бидиҳам. Ёдовар шавам, ки масҷиди Аъзам дар яке аз саҳнҳои ҳарами ҳазрати Маъсума, қарор дорад.

Ба ҳар ҳол, бо иттифоқи Ҳуҷҷатулислом "Тавҳиди Наё" ва баъдан дар замони муносиби дигире дар масҷиди Аъзам, ки маҳали тадриси Оятуллоҳ Аминӣ буд, ба ҳузури эшон шарафёб шудам ва суолоти худро матраҳ намудам, аммо ин бор, ҳазрати Оятуллоҳ хашмгинтар аз қабл ва дар ҳузури теъдоде аз донишҷӯён зимни ин, ки посухи  суолотро надод, то ҷое ки тавонист, туҳмат ва дашном ва ифтиро ба нигорандаи маҷмӯъа нисор карданд. Назар ба асабоният беандоза, ки дар он лаҳза ба ман ғолиб шуда буд ва ба ҳеҷ ваҷҳ натавонистам оромиши худро ҳифз кунам, мутақобилан ҳазрати Оятуллоҳ Аминиро мухотаб қарор дода гуфтам: устод! Тарҷеҳ медиҳам дар синфи касоне, ки савод надоранд, ҳузур надошта бошам. Ин аксулъамал, ҳазрати Оятуллоҳро хашмгин сохт, ки баъдан дастӯри қатъи идомаи моҳонаи маро содир фармуданд.  Бояд тавзеҳ диҳам, ки дар ҳавзаи илмияи Қум ривоҷ бар ин буд, ки кумаки хазинаҳои таҳсилии донишҷӯён, ки муъодили шаш то ҳафт ҳазор тумон, аз тарафи дафотири сегона ва таҳти назорати шахсияти марҷеъи рӯҳонӣ буд. Кӯмаки таҳсилии ман дар

зери назари Оятуллоҳ Аминӣ, Оятуллоҳ Мушкинӣ ва Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ, пардохт мешуд.

Дар ин ҷо лозим медонам, ишора дошта бошам ба ин, ки маҷмӯъаи ҳаводис ва иттифоқоти соли шашӯми ҳавзавӣ дар ҳавзаи илмияи "Файзия"и Қум, ки ҳамзамон бо хотимаи таҳсилоти дабиристони буд ва мутолиъот ва таҳқиқоти ҷонибии дигар сабаб шуда буд, то аз лиҳози фикрӣ ва эътиқодӣ, таҳаввули асосӣ дар ман эҷод гардад, ки маҷмӯъаи иттифоқоти зикршуда, нуқтаи атфи ин таҳаввул буд. Ҳар чӣ бештар ва амиқтар низ ба ин воқеъаҳо мӯътақид шуда будам, ки ҷуз олами Шиъа, дунёи Исломи дигаре низ вуҷуд дорад, ва шояд аввалин шӯълаҳои ҳаракати дарунӣ ва эътиқодӣ буд, ки маро беш аз пеш ногузир сохт, дар таъомулоти бунёди ва ақидатии Шиъа будани худ, мутолиъа ва таҳқиқи бештар намоям.

## Оғози таҳсилоти донишгоҳии соли 1369.

Бо фарорасиданди конкурси соли 1369 ва ширкат дар конкурси саросарӣ, тавонистам муваффақияи хуберо ба даст оварам, ба  тавре ки дар 16 риштаи таҳсилии бисёр муҳим, аз ҷумла: пизишкӣ, домпизишкӣ (табиби ҳайвонот), дорӯсозӣ ва... иҷоза доштам, таҳсил намоям. Ин кор сабаб шуд, то ризояти хонавода, хосатан падарро ҷалб намоям. Пас аз эълони натоиҷ ва тавфиқ дар имтиҳон ба хост ва тавсияи падар, риштаи пизишкиро интихоб карда ва дар меҳрмоҳи соли 1369, дар донишқадаи улӯми пизишкии донишгоҳи "Шаҳид Биҳишти"и Теҳрон, сабти ном кардам.

Бо оғози таҳсилоти донишгоҳӣ, идомаи фарогирии улуми ҳавзавӣ, дучори вақфа гардид. Фазои донишгоҳ дунёи дигаре буд, ки бо таваҷҷӯҳ ба фазо ва муҳити

донишгоҳ тарҷеҳ додам, ки аз либоси ғайри рӯҳонӣ истифода барам.

Паз аз гузашти зомони маҳдуде, гӯё бо ҳамоҳангиҳое, ки аз тариқи Анҷумани Исломии донишгоҳ, бо ҳавзаи илмияи "Фавзия"и Қум ба амал омада буд ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки, дар ҳавзаи илмияи "Фавзия"и Қум, дорои салоҳият ва барҷастагиҳое будам, пешниҳоди узвият дар басиҷи донишгоҳ ва фаъолият дар он бо ман дода шуд.

Ба хотири доштани ангезаҳои даруни ва таҳаввули фикрӣ ва ақидатие, ки дар худ эҳсос мекардам, майл ба пазириши пешниҳоди узвият дар басиҷи донишҷӯи надоштам ва онро рад кардам, аммо иртиботе, ки баъдан аз тариқи Анҷумани Исломии донишгоҳ бо падар барқарор шуд ва тавсия ва таъкиди падар, ниҳоятан ногузир ба пазириши узвият дар басиҷи донишҷӯи, шудам. Ба ҳар ҳол, терми аввали донишгоҳ тақрибан ба сукун ва оромиш ба итмом расид.

Дар оғози нимаи дуввуми соли аввал, ки то ҳудуде бо фазо ва муҳити донишгоҳ ва донишҷӯи, огоҳии нисбӣ ҳосил намуда будам, ва ин ки узвияти басиҷи донишҷӯи, заминаҳои иртибот ва пайванди ҳар чӣ бештари ман бо Анҷумани Исломии донишгоҳро фароҳам сохта буд, назар ба ин нигариш, ки бар ҳасби зотӣ ва фалсафаи вуҷудӣ, тавфиқи назариёт, мубоҳасот ва муҷодалоти фикрии мутафовит низ ҳастанд, лизо ҳузури ман дар арсаҳои мухталифи донишгоҳӣ ба лиҳози масъулияте, ки доштам, иҷтинобнопазир менамуд. Гар чӣ эътироф дорам ба лиҳози ноогоҳӣ ва таҷрибаи нокофӣ дар бархурд бо масоили донишгоҳӣ ва тасмимоте, ки гирифта мешуд, ба таври хосе бо Анҷумани Исломӣ, бархурдҳои номуносиб ва ҳамроҳ ба сӯйй тафоҳумот вуҷуд дошт. Ё ба таъбири

дигар, тасмимоти гирифта шуда бар пояи ақл ва мантиқ набуд, шояд содалавҳона, эҳсосӣ ва усулан дар ҷиҳати таъмини хостаҳои қишри донишҷӯи буд. Зимни ин, ки заминаҳои таваҷҷӯҳи қишри донишҷӯиро ба ман ҳавола карда буд, аз ҷиҳати дигар, заминаҳои адами ризояти шахсиятҳоеро, ки дар пушти парда гардонандагони аслӣ дар фазои донишгоҳ буданд, ба дунбол дошт. Аммо бо ҳар ҳол он чӣ, ки эҳсос мекардам дар барномаи масъулиятпазирии худ ба он таваҷҷӯҳ доштам ҳимоят аз ҳуқуқи қишри донишҷӯ буд, на чизи дигар, ки шояд ҳамин мавзеъгириҳои сарсахтона ва ба ҳимоят аз қишри донишҷӯ буд, ки ман аз чеҳраи ҷаззоб ва ба истилоҳ, дӯстдоштанӣ сохта буд. Дар тавсиф ва таъбире, ки шахсан аз донишгоҳ доштам, ё эҳсос мекардам, ки дигарон низ доранд, асосан ин гуна буд, ки донишгоҳро фазои илмӣ, маҳали парвариш ва шукуфоии истеъдодҳо ва ҳаракат ба сӯйи пешрафт медонистам, аммо дар ин таърифи мазкур, воқеъиятҳои дигаре, низ вуҷуд дошт, ки эҳсос мекардам дар навъи худ, бисёр муҳим ва таъсиргузор мебошанд, ки аз нигоҳи маъқул, решаи ин воқеъиятҳо дар мулоҳазоти фитрии инсони ба наҳве, ки қишри донишҷӯи дар донишгоҳ, ки мақтаъи ҷавонӣ ва булуғ ва дорои ғаризаҳои фитрӣ ва физикии инкорнопазир, ки баъзан ба сурати лағжишҳо ва фасоди ахлоқӣ, бурӯз ва зоҳир мекард, ки натанҳо дар фазои илмии донишгоҳ соя андохта, ва онро масмум ҷилва дод, балки заминаҳои мафосиди дигареро, низ эҷод менамуд, ки бо ин таҳлили мухтасар, фасоди ахлоқии донишҷӯи ба сурати як мушкили муҳим дар донишгоҳ, бурӯз ва зуҳур кард, ки бар ин асос, дар нимаи дуввуми соли аввал дар донишгоҳ, доштани иртиботи давомдор бо Анҷумани Исломии донишгоҳ, ба хотири

масъулияте, ки доштам (басиҷи донишҷӯи), чандин бор аз ин гуна норасоиҳои ахлоқӣ бо Анҷумани Исломии Донтишгоҳ (Сайид Муҳаммад Ризо Ҳусайнӣ) бархурдҳои номуносиб, албатта дар ҳадди бисёр заъиф ва ҷузъӣ доштам, ки қоъидатан заминаҳои норизоияти Анҷумани Исломии донишгоҳро нисбат ба амалкарди мо ба дунбол дошт, ки чунин маврид, байни ман ва оқои Ҳусайнӣ, махсусан, ду мавриди иттифоқе ба тартиби зер буд:

1. Духтари донишҷӯе ба хотири доштани иртиботи номашрӯъ ва фасоди ахлоқӣ дар хориҷ аз муҳити донишгоҳ бо теъдоде ҷавонон, тавассути маъмурини мункарот дастгир мешавад, дар хилоли таҳқиқот, чун духтари ҷавон иддиъо менамояд, ки донишҷӯи донишгоҳӣ аст, лизо табъан масъала ба донишгоҳ иртибот пайдо мекунад, ва дар Анҷумани Исломии донишгоҳ аз духтари ҷавон таҳқиқ ба амал меояд, ки эшон дар тавҷеҳи амали фасоди худро тавҷеҳ мекунад ва масъала тамом мешавад. (бояд тавзеҳ дод, ки дар фазои донишгоҳ ин масъала, ба ин сурат таъбир мешавад, ки гӯё оқои масъули Анҷумани Исломии донишгоҳ шахсан бо ин духтари ҷавон, иртиботи номашруъ доштааст).

2. Муҷаддадан, ба хотири иртиботи номашруъ ва фасоди ахлоқӣ, дастгирии писар ва духтари донишҷӯе дар фазои донишгоҳ, матраҳ шуд. Анҷумани Исломии донишгоҳ, ки масъули таҳқиқ ва пайгирии масъала буд, аз онон таҳқиқ ба амал овард, аммо писар ва духтари ҷавони донишҷӯ, доштани ҳар гуна муносибот ва амали хилофи ахлоқӣро, рад карданд ва иброз доштанд, ки иртиботи онон, сирфан ошиқона ва муҳтарамона ба наҳве, ки ҳамдигарро дӯст дошта ва қасди издивоҷ доранд. Аммо масъулини донишгоҳ ва масъулини Анҷумани Исломи

мутақоъид нашуда ва духтарро ҷиҳати муъоина ба пизишк муаррифӣ карданд. Натиҷаи муъоиноти пизишкӣ дар хусуси эшон манфӣ эълон шуд.

Шахсан дар Анҷумани Исломии донишгоҳ ҳузур доштам, ки духтари донишҷӯе бо чашмони гирён ва хитоб ба маъулини донишгоҳ ва Анҷумани Исломи, муътариз буд, ки чаро обрӯямонро бурдаанд? Ба ҳар ҳол, дифоъиёти духтар ва писари донишҷӯ мавриди лиҳоз қарор нагирифт ва ниҳоятан мунтаҳӣ ба ихроҷи ҳар ду аз донишгоҳ гардид.

Пас аз эътирози донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ, маъулони донишгон ба ночор ҷаласаи суханрониро тартиб доданд, ки ман дар ин суханронӣ, аз қишри донишҷӯ дифоъ кардам ва бо кашидани ба идораи иттилоъот ва гирифтани таъаҳуди ахлоқӣ ва таҳмил ба ин, ки дар донишгоҳ, дар ҳузури донишҷӯён бигуям, ки, иштибоҳ кардам, баъдан дар ҷаласае, ки ба ҳамин манзур дар донишгоҳ тартиб дода шуд, дар ҳузури донишҷӯён ва бо ҳолати хиҷолатзада ва эҳсоси шарм, суҳбат мекардам, ки яке аз донишҷӯён, ки ҳолати асабоният дошт, гуфт: оқои Родмеҳр! Чӣ қадар гирифтӣ, ки чанд рӯза афкорат иваз шуд ва албатта эҳсос мекардам, нигоҳи соири донишҷӯёни ҳозир нисбат бо ман тағйир пайдо кардааст ва ҳолати изтироб ва нафрат дар чеҳраи ононро комилан, дарк кардам.

Ба ҳар ҳол, маҷмӯъаи ҳаводис ва иттифоқоти марбуз дар аввали сол ва оғози таҳсилоти донишгоҳӣ, шояд муқаддима ва нуқтаи оғози эҷоди заминаи мушкилот ва гирифториҳои баъди аз ҳабс ва зиндон ва шиканҷа гирифа, то марҳалаи феълиро барои ман дунбол дошт, ки

бо ин тартиб соли аввали таҳсилоти донишгоҳӣ ба поён расид.

Пас аз поёни терми дуввум ва соли дуввуми таҳсилоти донишгоҳӣ дар риштаи улуми пизишкӣ ва бо таваҷҷӯҳ ба ҳаводис ва иттифоқоти маътуф ба терми аввал маҷмӯъаи мубоҳисот ва муҷодалот ба Анҷумани Исломии донишгоҳ ва ба ҷиҳати масъулиятҳое, ки доштам ва иттифоқоти муҳими дигаре ва мушахассан, мушоҷароти лафзи ва бархурд бо оқои Кошонӣ ва ба ҳам хурдани ҷаласаи суханронӣ, масоъил ва паёмадҳои баъдии он, яъне сарзанишҳои бисёр тунди падар, боз шудан ва кашидани пойи ман ба идораи иттилоъот ва ахзи таъаҳуд хаттӣ, эҳзор ба ҳавзаи илмияи "Файзия"и Қум, иттифоқ афтод, ҳамагӣ сабаб гардид, ки эҳсоси сархурдагӣ кунам ва шахсияти худро дар донишгоҳ то ҳадде тахриб шуда медонистам.

Лизо тамаюли ҳузури муҷаддад дар донишгоҳ ва идомаи таҳсилоти донигоҳӣро надоштам, ба ҳамин лиҳоз ҳам буд, ки дар терми тобистони дар донишгоҳ, сабти ном накардам ва дар чунин вазъият Рӯҳӣ ва равонӣ, бо вуҷуде ки рағбати чандоне низ бо идомаи таҳсилоти ҳавзавӣ надоштам, аммо ба ҳар ҳол, чун эҳсос карда будам бо фазои ҳавзаи илмия, созгори бештаре нисбат ба муҳити бисёр танги донишгоҳ дорам. Дар ҳавзаи илмияи Файзияи Қум, сабти ном ва улуми ҳавзавии худро дар мақтаъи хориҷ, оғоз намудам.

Тақрибан муҳити ҳавзаи илмияро қобили таҳаммултар медонистам ва пас аз чанде, ки дарсоҳои ҳавзавии худро мехондам, ва доим саладор шуда будам, тасмими қатъи доштам ба таҳсилоти ҳавзавӣ ҳамчунон идома бидиҳам, аммо ҳузури падар дар Қум, пофишорӣ

ва исрори эшон дар хусуси идомаи идомаи таҳсилоти донишгоҳӣ, ногузир ба бозгашт ба Теҳрон гардид. Терми аввали соли дуввумро дар меҳрмоҳи 1370, оғоз намудам. Ин мақтаъи замонӣ, тафовутҳои фаровоне нисбат ба соли қабл ва термҳои гузашта дошт, бо ин тартиб, ки дар терми аввали донишгоҳ бо ангеза ва бо ғурур ва бо ҳадаф ва мусаммам будам. Аммо дар соли дуввум худро инсони заъиф ва сархурда, бидуни ангеза ва бемаъно эҳсос мекардам. Дар оғози терми дуввум, ки саладор низ шуда будам ва бо либоси Рӯҳонӣ дар донишгоҳ ҳозир шуда будам, эҳсос мекардам фазои донишгоҳ нисбат ба соли қабл, тафовути кулли карда ва эҳсоси бегонагӣ ва инзиво доштам. Нигоҳ ва бархурдҳои ҳамсинфҳои терми гузашта ва дӯстони донишҷӯ, ин маъно ва ин паёмро ба ҳамроҳ дошт, ки мавриди танаффур ба инзиҷори онон ҳастам. Ба ҳар ҳол бо вуҷуди ин, ҷуз татбиқ додани худ ба вазъи мавҷуд, чораи дигар надоштам.

Терми дуввуми соли дуввум, зимни ин ки дар фаъолиятҳои мазҳабӣ ва басиҷии донишҷӯи дар донишгоҳ, машғул будам ва дар ғиёби имоми ҷамоъати донишгоҳ, низ намозро мегузоридам ва эҳсос мекардам, то ҳамон ҳад ки мавриди танаффур ва инзиҷори қишри донишҷӯи қарор дорам, мутақобилан, нигариши мутаваллиёни донишгоҳ ва Анҷумани Исломӣ, нисбат ба ман мутаъодилтар шудааст, ва ба қавли падар, ки мегуфт: ба вуҷуди фарзандии чун ман, ифтихор мекунад, ки албатта мудонистам, ки ибрози муҳаббати падар фақат ба хотири эҷоди тақвияти рӯҳӣ, нисбат ба ман аст, ки бо вуҷуди бухрони дурунии шадид, чорае ҷуз ҳифзи зоҳир надоштам.

Дақиқан ба хотир дорам, ки ба ҳасби масъулияти шуғлӣ (басиҷи донишҷӯӣ) ва дар мавориде бо хобгоҳи донишҷӯ ба вижа, хобгоҳи донишҷӯёни хоҳарони донишҷӯ, мерафтам, нигоҳҳои хоҳарони донишҷӯ ба гунае буд, ки маро ба истилоҳ, ҳизби Илоҳӣ, инқилобӣ ва мазҳабии хос ва асосан музоҳим дошта, ки нигоҳҳои танаффуромезиононро бо тамоми вуҷуд ҳис мекардам. Ба ҳар тартиб замон дар ҳоли гузар буд, ки дар тӯли муддати таҳсил дар терми дуввум, ҳаводис ва иттифоқоти зиёде рух дод, ки муҳимтарини он ба тартиби зер аст:

1. Ба иттифоқи ду тан аз донишҷӯён ба номи Алиризо Муҳаммадӣ, ки худи эшон талабаи ҳавзаи илмияи Қум ва ҳамсинфам буд ва донишҷӯи ҷомеъашиносӣ дар донишгоҳи Теҳрон, низ буд, ва дигаре Абӯтолиб Солиҳӣ, ки дар риштаи ҷомеъашиносӣ дар донишгоҳ машғули таҳсил буданд, аз Таҷриш ба ҷануби Теҳрон (майдони тубхона) рафта будем, албатта ҳадафи хосе надоштем, ки дар майдони тупхона ҷиҳати барқарории иртиботи телефонӣ бо хонавода ба марказ мухобарот, ки наздик буд муроҷаъа намудем. Пас аз ҳузур дар дафтари мухобарот ва ин ки дар солуни интизор нишаста будам вуҷуди як нафар, ки бо либоси Балӯчӣ ва зоҳиран либоси рӯҳонияти Аҳли Суннат ба тан дошт, назари манро ҷалб кард ва дар канори чанд нафар ҷавон нишаста буд. Гӯё эшон низ ба интизори барқарории иртибот нишаста буд, ки як дафъа мутаваҷҷеҳ шудем, яке аз ҷавонон хитоб ба Рӯҳонии марбуз гуфт: шумо Суннӣ ҳастед ё Шиъа? Рӯҳонӣ посух дод: Худо накунад, ки ман Шиъа бошам. Чун пурсид: Айби Шиъа чӣст? Рӯҳонӣ ҷавоб дод: Дар инсоният чӣ айбе ҳаст, ки Шиъа надошта бошад.

Ҳасосияти баҳс моро низ бо худ ҷалб кард. Муҷаддадан, ҷавон хитоб ба Рӯҳонӣ гуфт: Айби шумо Сунниҳо "Умар" аст, ки ҳаромро ҳалол ва ҳалолро ҳаром кардааст. Рӯҳонӣ пурсид: Умар чӣ чизро ҳаром ва чӣ чизро ҳалол кардааст? Ҷавон посух дод, ки сиға ҳалол буда, аммо Умар онро ҳаром эълон кардааст. Рӯҳонӣ аз ҷавон пурсид: Оё бо назари шумо сиға хуб аст? Ҷавон гуфт: Бале. Рӯҳонӣ ҷавоб ба ҷавон гуфт: Агар сиға хуб аст, пас ман ба унвони бародари мусалмони шумо муддате ҳаст, ки дар мусофират ҳастам ва эҳсос ниёз дорам, хоҳаратонро биёваред ва бо сиғаи ман дароваред, ки хеле савоб дорад. Ҷавон дар посухи рӯҳонӣ шадидан асабонӣ шуд ва ба кумаки ҳамрохонаш Рӯҳонии мазбурро калтаккорӣ карданд ва аз солуни интизорӣ берӯн андохтанд ва ман ва ду нафари ҳамроҳ дар берӯн аз солун эшонро савори мошини шахсии худамон кардем ва дар ресторани суннатии Хусом, уро асрона меҳмон кардем. Дар хилоли хурдани ғизо ду нафар донишҷӯи ҳамроҳи ман ба таври маҳрамона бо эшон дар мавриди масъалаи пешомада дар заминаи ҳазрати Алӣ нисбат ба Хулафои сегона, баҳс карданд, ки ду нафар донишҷӯ ин суолро матраҳ карданд, ки фазилати ҳазрати Алӣ бар Хулафои сегона бар инаст, ки ҳазрати Алӣ савод дошт ва китоб навиштааст, аммо Хулафои дигар савод надошта ва китоб надоранд.

Рӯҳонии мазбур дар посух гуфт: замоне, ки падари ҳазрати Алӣ савод надошт, эшон саводро аз чӣ касе омухта? Пас ҳазрати Алӣ дар мазҳаби мо Аҳли Суннат котиби ваҳй буда, ва ҳазрати Муъовия ҳам котиби буда ҳам ба савод. Баъдан Расули Худо(с) аз Алӣ хост, ки савод ёд бигирад ва дар бахши посух, бо ишора ба китоби

навишта шуда тавассути ҳазрати Алӣ (Наҳҷулбалоға) гуфт: китобе ки навишта шуда, ҳазрати Алӣ онро percentnanaвиштааст, ин китоби "Шайх Ризо"и малъун аст, ки чандин ҳазор ҳадиси дурӯғе низ дорад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки беш аз ҳад ҳавсалаи бугу мугу надоштем, эшоро тарк кардем. Ҳодисаи бархурди рӯҳонии мазбур дар робита бо баҳси сиға, комилан дар ман таъсиргузор буд.

2. Бар ҳасби тасодуф дар мусофирати Теҳрон ба Қум бо афтобус бо оқои Ғуломризо Кордон, ки гӯё ҳофизи кулли Қуръон Маҷид ва яке аз шахсиятҳои барҷастаи мазҳабӣ, ки дар барномарезиҳои тақриби мазоҳиб ва ваҳдати Шиъа ва Суннӣ соҳиби назар мебошад, ҳамсафар шудем. Наздики сандалии оқои Кордон, хонуми ҷавоне қарор дошт, ки ороиши тамом карда буд ва зебо ба назар мерасид, баъд аз муддате мутаваҷҷеҳ шудам, ки оқои Кордон бо хонуми мазбур ҳамсуҳбат ва ё ба истилоҳ чақчақ дорад, ки албатта дақиқан мутаваҷҷеҳи баҳсҳои онон нашудам, аммо дар марҳалаи расидан ба Қум ва пиёда шудан аз афтобус мутаваҷҷеҳ шудам, ки оқои Кордон тикаи коғазе ба хонум доданд. Дар се рӯзи баъд, ки барои анҷоми дидор ва кори шахсӣ ва гирифтани китоб ба манзили оқои Кордон рафтам, мутаваҷҷеҳи ҳузури ҳамон хонум дар манзили оқои Кордон шудам, ки бо либоси роҳат ва дар манзили эшон буданд ва тавзеҳан ин ки хонаводаи оқои Кордон дар манзил ташриф надоштанд. Хеле таъаҷҷуб кардам, ба ҳар ҳол бо таваҷҷӯҳ ба ин ки тасмим надоштам ба таври хеле зиёд музоҳими вақти оқои Кордон шавам, аммо ҳузури хонуми мазбур дар манзили оқои Кордон боис шуда буд шаккокӣ шавам. Гар чӣ аз чеҳраи оқои Кордон ҳолати худгумкардагӣ

мушаххас буд, изҳор дошт, ки машғули навиштани матне мебошад, ки ҳузури ман дар манзил ҳавсалаи эшонро кам карда ва роғиб буд ҳар чӣ зудтар рафъи музоҳимат кунам, аммо бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мусаммам шуда будам, то иллати ҳузури хонумро дар манзили оқои Кордон бидонам ва оқои Кордон низ, ки мутаваҷҷеҳи назарам шуда буд, гуфт: ин хонум ҳоло бароям ҳалол аст, чун уро сиға кардам. Бо таваҷҷӯҳ ба таъбироте, ки аз мақулаи сиға дошт, хост амали худро Исломӣ ва тавҷеҳ намояд, ки ҳатто баҳси марҳум Оятуллоҳ Толиқонӣ ва Оятуллоҳ Ҳошими Рафсанҷонӣ, ки таъкид бар анҷоми сиға на танҳо муғоир бо усули намедонистанд, балки мазиди онро савоб медонистанд, ки бар ин асос ҳатто оқои Кордон ба ман низ тавсия намуд дар ҳолати ниёз сиға дошта бошам. Ба ҳар ҳол, оқои Кордон зимни тафсир ва фалсафаи сиға, онро аз муҳимтарин омил дар ҷалавгирӣ аз тарвиҷи фасоди ахлоқӣ таъбир намуд ва ба ин тартиб аз пеши эшон рухсат шудам.

3. Муддате баъд ду нафар донишҷӯ, ки аз дӯстони ман дар риштаи ҷомеъашиносӣ дар донишгоҳ машғули таҳсил буданд (Алиризо Муҳаммадӣ ва Сайид Абӯтолиби Солиҳӣ) ҷиҳати мутолиъа ва таҳқиқ дар риштаи ҷомеъашиносӣ бо ахзи муҷаввизи расмӣ аз ниҳодҳои қонунӣ, қасди мусоҳаба ва таҳияи филм ва гузоришро доштанд. Қарор буд дар маҳалаҳо ва поркҳое, ки шуҳрат ба фасод ахлоқӣ доштанд, мусоҳаба ва филм таҳия намоянд, ки хостам ҳамроҳи эшон бошам, ки дар ҷое (порки Акботон –порки Донишҷӯ) мустақар ва дар ҳоле, ки дар канори гулҳои табиъи хостем акс ва филм таҳия намоем, яке аз ҳамроҳон аз хонуми солхурда ва дар ҳоли гузар буд пурсид: Хонум! дар мавриди масоили иҷтимоъӣ

мехоҳем гузорише таҳия кунем, мехоҳем назари шуморо дар ин маврид бипурсем! Хонум ки хеле нороҳат ва асабӣ шуда буд, бо ҳолати хашмолуд гуфт: оқо! биёед аз дили ман акс бигиред, то бидонед духтарони мардум чӣ гуна ба хотири пур кардани шиками худ ба фасод кашида мешаванд ва тан ба сиға медиҳанд. Хулосаи мутолабот бо хонуми мазбур, осор ва авоқиби шӯми сиғаро ба ҳадде номуносиб тавсиф кард, ки қалби ҳар инсони бовиҷдонро ҷариҳадор мекард.

4. Дар марҳалаи баъд аз хонуми ҷавони дигаре низ дар ин маврид суол ва аз эшон пурсида шуд: Ишқ яъне чӣ? Хонум ҷавоб гуфт: Ишқ яъне нон!, ишқ яъне об, ишқ яъне таъмини зиндагӣ, ишқ яъне пур кардани шикам дар ҳоле, ки ашк резон буд гуфт: ҳоли духтарони ҷавон бо ҷое расида аст, ки барои пур кардани шикам тан ба сиға медиҳанд, пас аз тақбеҳи сиға гуфт: Оқоёне, ки пас аз сиға бачадор мешаванд, ҳатто ҳозир нестанд, шиносномаи худро ҷиҳати судури шиносномаи навзод дар ихтиёри модари навзод қарор диҳанд. Ба ҳар ҳол чунон аз сиға ва нафрат ва инзиҷор аз худ нишон дод, ки васфи онро номумкин медонам.

5. Аз хонуми дигаре, низ мусоҳиба ба амал омад ва аз вай пурсида шуда: ишқ яъне чӣ? Гуфт: ишқ имрӯз яъне гуноҳ, яъне зино, яъне сиға ва охираш ҷудоӣ...

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мусоҳабаи мазбур аз тариқи ду нафар донишҷӯ ба ҷой дахлдор таслим шуд, аммо ба лиҳози ҷанбаҳои ифшогарона ва расвогуна, гузориш пахш нашуд.

Рӯзе дар класси дарси маъориф ҳузур доштам, ки оқои Муҳаммадиён машғули тадрис буд, чанд нафар донишҷӯи ҷавон, ки яке аз онон либоси Курдӣ пушида

буд ва бақия гӯё Туркман ва Суннӣ буданд, ба сурати донишҷӯи меҳмон ҳузур доштанд. Як дафъа баҳси мазҳаб матраҳ шуд ва оқои Муҳаммадиён дар тавҷеҳи матлаби хос иртиботи Хулафои сегона (Абӯбакр, Умар ва Усмон)ро ба сурати тамсил мисдоқи гови ширӣ донист, ки пас аз ҷушидан бо лагардзадан шири худро ба замин рехт. Тасаввур намекардам тамсили марбут тавассути оқои Муҳаммадиён барои донишҷӯёни ҳозири Суннӣ, гарон тамом шавад, то ҳадде ки донишҷӯ Курд ҷаласаи дарсро раҳо кард ва дубора барнагашт.

Маҷмӯъаи ҳаводис ва иттифоқоти ба шарҳи фавқ дар терми дуввуми соли дуввуми донишгоҳ зимни ин, ки ҳол ва ҳавсалаи лозимро дар ҷиҳати фарогирии дуруси таҳсилӣ аз мо салб ва мувоҷеҳ бо хастагиҳои давомдор ва муфрит Рӯҳӣ шуда буд, сиғаро он чунон мавриди нафрат ва инзиҷор қарор додам, ки васфи онро наметавонам бикунам. Ба ҳар ҳол, соли савуми донишгоҳ низ ба поён расид.

Дар ибтидои соли савуми донишгоҳ, ки ҳамзамон бо поёни терми аввал хориҷи дуруси ҳавзавиям буд мушкили ҷадиде, ки монеъи идомаи таҳсил дар ҳавза шуда ин буд, ки бештар дуруси ин сол дар донишгоҳ ба сурати амали буд ва мебоист дар бемористон ҳузур меёфтам. Ба ҳамин далел вақфае дар дуруси ҳавзавӣ эҷод шуд.

Ҳамчунин дар ин сол буд ки хонаводаам пешниҳоди издивоҷ ба ман доданд, ки кам кам фикре барои худам бикунам. Хонаводаи падарам ва падарбузург ва модарбузургам исрор доштанд, ки бояд бо духтари аммаам издивоҷ кунам. Ӯ низ донишҷӯи риштаи пизишкӣ буд ва дар як класс дарс мехондем, якдигарро

хуб мешинохтем, аммо баъид медонистем, ки битавонем ба ҳам канор биёем, чаро ки навъи биниш ва тафаккури ӯ дигар буд ва нигоҳи ман ба ҷомеъа ва атрофиён навъи дигар.

Ба ҳар ҳол бо иҷбор ва икроҳ ин издивоҷ сурат гирифт ва тасмим бар ин шуд, ки бо ҳам барои идомаи таҳсилот ба Амрико биравем. Ин сол ҳузур дар донишгоҳ микдоре роҳаттар буд ва он мушкилот ва гирифториҳои солҳои қабл камтар ба назар мерасид. Гар чӣ табиъати донишгоҳ чунин аст, ки ҳамеша маҳали бархурди андеша ва афкори мутафовит аст, таҳаввулотеро иҷтинобнопазир менамуд, аммо дар соли савум фақат ду мавриди иттифоқи муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ рух дод:

1. Дар вақти машғул ба дуруси донишгоҳиям будам, ки якдафъа бо ҳавзаи илмияи Файзияи Қум эҳзор шудам, гӯё барномарезиҳои анҷомшуда буд, то ҷаласаи мубоҳиса ва мунозара пиромуни усул ва мабонии эътиқодии мазҳабӣ Шиъа ва мазоҳиби чаҳоргонаи Аҳли Суннат дар Қум баргузор шавад, ва маро хоста буданд, то дар ин ҷаласа ширкат дошта бошам. Албатта интихоб дар гузиниши ман ва ширкат дар ин мунозараи илмӣ ба наҳве буд, ки гӯё дар шумори талабаҳои муваффақ ва мумтоз қарор гирифта будам. Ба иттифоқи чанд талабаи дигар ҷиҳати мубоҳаса ва мунозара дар муқобили теъдоде аз Рӯҳониёни Суннии минтақаи Туркмансаҳро қарор гирифтем.

Барномаҳое, ки аз қабл тарроҳӣ шуда буд, ин буд ки аз ҷаласаи марбуз филм таҳия шавад ва дар байни мардум пахш гардад. Ниҳоятан ҷаласа оғоз гардид, пас аз чанд соати баҳс ва мунозара натиҷа ин тавр шуд, ки Рӯҳониёни Суннӣ ба истилоҳ дар муқобили суолоти мо беҷавоб

монданд, ва гӯё мо муваффақ будем. Бо хотима ёфтани ҷаласа, хабари муваффақияти мо ва шикаст додан ва маҳкум кардани уламои Суннӣ дар рӯзномаҳо ҳамроҳ бо аксҳое аз ман ба чоп расиданд.

Ин ба истилоҳ муваффақиятро чунон бузург ва муҳим ҷилва доданд, ки гӯё инқилоби азиме ба вуқуъ пайвастааст, ки инъикоси хабари муваффақиятомез дар афкор ва азҳони умуми хосатан дар байни талабаҳои ҷавони ҳавзаи илмия бозтоби бисёр шигифтовар ва хушҳолкунандаеро дарбар дошт, аммо дар таҳлиле, ки шахсан аз ҷаласаи мунозараь марбуз, ё ба иборати иттифоқи муваффақиятомез доштам, асосан ин буд, ки ҳеҷ гоҳ ин ҳодиса ва муваффақият илмӣ тавфиқе дар ғолиб шудани андешае бар андешаи дигар ба наҳве, ки дар рӯзномаи мазбур ва маҳофили умуми инъикос дода буданд, набуд.

Худам аз ин муваффақият хушҳол набудам, чаро ки ҳам аз ҷойгоҳи илмии худам иттилоъ доштам ва ҳам аз ин ки бо ин далел ва истидолол ва мантиқе, ки балад будам, ҳеҷ вақт намешавад андешаи фикрии ҳазору чаҳорсадсоларо ин чунин содда ва роҳат рад кард ва шикаст дод.

Ба ақидаи ман, беҷавоб мондани Рӯҳониёни Суннӣ ва муқабили ман ки талабаи ҷавони Шиъа будам, на танҳо реша дар заъфи илми ва беэътилоъии онон дар улуми Исломӣ надошт, балки масъала аз ду ҷиҳати усулӣ қобили баҳс ва баррасӣ буд:

Аввлан: ин ки бо вазъияти эҷодшуда ва ин ки Рӯҳониёни Суннӣ мутаваҷҷеҳ шуда буданд, ки аз ҷаласаи мунозара филм таҳия мешавад. Аз ҳамон ибтидо мушаххас буд, ки тамоюле ба анҷоми баҳси эътиқодӣ

надоранд, лизо комилан мушаххас буд, ки дар ибрози назарот ва истидлолҳои фиқҳии худ, икроҳ доштанд.

Сониян: эҳсос менамуданд, ки ғофилгирона вориди моҷарои ҷаласаи баҳс ва мунозара шудаанд, лизо саъй доштанд дар посух ба суолот комилан ҷониби эхтиётро муроъот намоянд, ки бо ин тартиб баҳси беҷавоб мондан вакеъият надошт, балки баҳс сукути бештар мавриди таваҷҷӯҳ, ки шояд Рӯҳониёни Суннӣ ба истилоҳ худ медонистанд баъзан сукутро ихтиёр намоянд.

Ба ҳар ҳол, назари шахсии ман ба ин буд, ки тартиб додани ҷаласаи баҳс ва мунозараи мазбур, ки инъикос ва бозтоб он чуноне дар сатҳ Қум дошт, асосан ҷузъи бузургнамоии беш аз ҳад ин ҷаласа фақат як монёвр ва кори таблиғотӣ буд, чун агар қарор бошад воқеъан пиромуни усул ва мабонии эътиқодӣ ва хатти фикрии мазҳаб, мубоҳаса ва мунозарае сурат бигирад, қатъан иҷоб менамояд дар ҷаласаи мубоҳаса ва мунозра аз ашхоси соҳибназар, ки дар Исломшиносӣ ва фиқҳ ва мантиқ ва истидлол устод ҳастанд, даъват ба амал ояд, на аз ман, талабаи ҷавоне, ки ҳатто аз алифбои усули мабонии эътиқоди Аҳли Суннат ҳеҷ гуна огоҳӣ надорам.

2. Баъд аз тамом шудани ҷаласаи мазбур аз ман як шахсияти илмии шинохта ва пардохта тасвир шуда буд. Барномарезии дигаре дар донишгоҳ сурат гирифт ба наҳве, ки қарор шуд дар ҷаласаи дигар ва дар донишгоҳ пиромуни масоили ахлоқӣ суханрони дошта бошам. Назар ба ин ки мавзуъи баҳс барои ман пешбинӣ нашуда буд ва гуфтанд ба сурати куллӣ баҳси шууни Исломӣ ва ё истилоҳан дар мавриди парҳез аз гуноҳ суҳбат дошта бошем, лизо пас аз ташкили ҷаласа, мавзуи худро бо таваҷҷӯҳ ба хотироти бисёр талхи гузашта ва марҳалаи

поёни соли дуввум ва мусоҳиба бо се нафар хонум, ки қаблан ба он ишора шуд, пиромуни мақолаи мутъа (сиға) ва осор ва паёмадҳои он дар ҷомеъа, суханронӣ кардам. Бо вуҷуди ин, ки комилан воқиф будам, ба лиҳози эътиқодӣ будани масъалаи сиға назди ташаюъ, зери суол хоҳам рафт, аммо ба ҳар ҳол, он чӣ ки лозим буд, ҳамроҳи хотироти талхи худ аз мақолаи сиға дар хилоли суханронӣ баён доштам. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳозирин дар ҷаласа умдатан донишгоҳӣ буданд, ва оқои дуктур Ҳакокиён, ки шарҳи ҳоли вай қаблан баён шуд, дар ҷамъи теъдоди зиёде аз устодон изҳор дошт, ки оқои суханрон аз хонаводаест, ки дорои фарҳанг ва гароиши ғарбӣ ва аврупоист. Чаро сиғаро, ки яке аз мусалламоти аҳли ташаюъ аст, зери суол бибарад. Аз чунин фарде интизори беш аз ин бояд надошта бошем.

Эҳсос мекардам, ки эшон дар садади тахриби шахсияти хонаводаам мебошад. Мавзеъгирии оқои дуктур Ҳакокиён дар он замон то ҳадде бароям гарон тамом шуд, ки тасмим гирифтам ҳар тавре, ки шуда аз эшон интиқом гирам, ки бар ин асос ба Қум сафар ва масъаларо ба оқои "Оятуллоҳи Ваҳиди Хуросонӣ", ки устод ва маҳрами рози ман буд, дар миён гузоштам ва аз эшон тақозои мусоъадат, низ намудам. Оқои Ваҳиди Хуросонӣ тавсия намуданд, ки нуқтаи заъф ва ё мавриди хосе аз эшон ба даст оварам ва ҳазрати Оятуллоҳро дар ҷараён бигзорам, лизо ҳамвора дар садади касби нуқтаи заъфи оқои Ҳакокиён будам.

Бар ҳасби тасодуф навори хитоба ва муколамоти дуктур Ҳакокиёнро ки зиъомат ва раҳбарии Иронро зери суол бурда буд, ба дасти ҳазрати Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ тақдим кардам. Навори муколамоти мазбур

барои оқои Ҳакокиён эҷоди мушкилоти зиёде намуд ва зиндонӣ кардани эшонро ба дунбол дошт.

Бо ин тартиб, соли саввуми донишгоҳ низ бо таҳаввулоти маврид ишора ба поён расид, гар чӣ таҳаввулоти мазбӯр асбоб ва заминаҳои номуносиб ва авоқиби ногувореро барои ман низ ба дунбол дошт.

Таҷориби ҳосила аз иттифоқоти термҳои гузашта дар донишгоҳ бар ман таъсиргузор буд ва тақрибан бо ман омухта буд, ки чӣ гуна ва чӣ тавр бо масоил бархурд кунам, ва бо муҳити донишгоҳ ва масоил ва мавзуъоти марбута худро татбиқ диҳам ва ба иборате таҷрибҳои гузашта аз ман шахсияти боэхтиёттар, муътадилтар, мантиқитар ва дӯр аз эҳсосот ва ғурури ҷавонӣ, сохта буд.

Дар ин мақтаъи замонӣ, ду ҳодиса бисёр муҳим ва сарнавиштсоз иттифоқ афтод, ки натанҳо бар нигаришҳо ва дидгоҳои эътиқодиям, таъсир гузошт, балки нақши комилан асосӣ ва муҳимро дар ҷиҳати тағйири ақидаҳ дар ман эҷод намуд.

## Сафар ба минтақаи "Кунгон", устони Бушеҳр.

Дар остонаи фаро расидани солгарди воқеъаи муҳим ва тарихӣ -албатта аз дидгоҳи ташаюъ- шаҳодати ҳазрати Фотимаи Заҳро(р), қарор доштем, ки бар дару девори масҷид плакатҳои насб шуда: "Шаҳодати ҳазрати Фотимаи Заҳро тасаллият бод ва бар қотилони он ҳазрат лаънат" навишта буд ва дар ҷойи дигаре мушоҳида мекардам, ки бар минбарҳо мегуфтанд: "Мо ба ваҳдат мӯтақидем". Бар асоси барномае, ки дар ҳавзаи илмияи Қум тарроҳӣ шуда буд, ба иттифоқи Ҳуҷҷатул-исломи вал-муслимин "Муҳаммад Ҳусайнӣ Фотимӣ" ба манзури ташкили ҷаласоти таъзия ва равзахонӣ (марсияхонӣ) ва суханронӣ

ба минтақаи Кунгон, устони Бушеҳр, ки тақрибан минтақаи Суннинишин буд, эъзом шудем.

Дар он ҷо ҳар шаб пиромуни чӣ гунагии шаҳодати ҳазрати Фотима(р) ва инод ва дӯшмании эшон ба суханронӣ мепардохтем, лизо бо таваҷҷӯҳ ба фазои минтақа, табъан фазои комилан номуносибе дар минтақаи Сунни-нишин эҷод гардид, то ҳадде, ки пас аз баргашт аз ҷаласаи суханронӣ ва равзахонӣ, ба маҳали иқомати яке аз дӯстони мо, ки дар он ҷо зиндагӣ мекард ва бо мо иртибот дошт, рафтем. Шахсе омад, ки хеле нороҳат ва парешон ба назар мерасид, хитоб ба оқои Фотимӣ гуфт: чанд суол дорам, ҳоҷӣ оқои Фотимӣ гуфт: бифармоед. Фарди мазбур аз оқои Фотимӣ пурсид: оё шумо зан доред? Оқои Фотимӣ гуфтанд: оре, сипас суол карданд: зани шумо ҳатман хеле зебост? Оқои Фотимӣ, ки аз тарзи тарҳи идомаи суолоти фарди мавриди назар хеле ба хашм омада буд, контроли худро аз даст дода ва як шапалоқи муҳкам ба сурати эшон зад ва ба ин тартиб мушоҷара ва мунозаъа оғоз шуд, ки балохира ба ҳимояти хонаводаи мизбон мавзӯъ хотима ёфт. Аммо шахси мавриди назар, ки Суннӣ буд, сахт нороҳат ва хашмгин шуда буд, ба оқои Фотимӣ гуфт: ту ки як охунди бештар нестӣ, то ин ҳад ба ҳамсари худат таъаҳҳуд ва ҳасосият дорӣ, пас эй номард! Он Алӣ, ки ба фотеҳи Хайбар ва шери Худо шуҳрат дорад, чӣ гуна дар муқобили дӯшманони худ, ки ҳамсарашро мавриди зарбу шатм ва иҳонат қарор доданд, сукут ихтиёр кард? Ту аз худ хиҷолат намекашӣ, ки чунин калимоти зиштро бар забон ҷорӣ мекунӣ, ки тавҳин ба шахсияти Алӣ аст? Сипас бо фаҳш ва носазо хитоб ба моён гуфт: охундҳои касиф! Зуд гуратонро

аз инҷо гум кунед ва ба хонаводаи мизбон гуфт: ҳар чӣ зудтар инҳоро аз манзилат берӯн бияндозед.

Иттифоқи мазбур, то ҳадде аъсоби моро ба ҳам рехт, ки хотираи талхи он ҳеҷ гоҳ аз зеҳнам маҳв намешавад. Пас аз баргашт ба Қум ва ҳузур дар маркази мудирияти ҳавзаи илмияи Қум ва додан гузориши сафар, масъулони ин тарҳ мегуфтанд: асосан Сунниҳо бо мактаб ва аҳли байт инод ва адовати тарихӣ доранд. Ҳодисаи мазбурро бе аҳамият талаққи намоед ва ба тафсир ва таъбироти мутафовит аз мо дилҷӯйи менамуданд, аммо таъсиргузорӣ ва осори тахрибии иттифоқи мазбур дар ман ба ҳадде буд, ки шак ва тардид ҳар чӣ бештар дар ҷиҳати таҷдиди назари эътиқодии Шиъаро дар ман эҷод намуд.

## Сафар ба диёри ишқ (Балучистон)

Ба номи Худое, ки дорад то кунад
Хору дармонда ӯ золимон
Пас аз он бихонам дуруду салом
Ба Аҳмад ва ёрони ӯ зоте мақом
Сипас азр дорам сафарномае
Барои рафиқони худ номае
Гуруҳе зи Қум баҳри баҳсу ҷадал
Шудем ҷамъу якҷо ба ҳукми азал
Ба дастӯру фармони устоди хеш
Масири сафарро гирифтем пеш
Шудем рахсипори диёри Балӯч
Хушо нақши пур ифтихори Балӯч
Ғизо аз фазо косаи кашк(қурут) буд
Таъаҷҷуби мо мояи рашк буд
Сар баҳси мо ояи татҳир шуд

Азин гуфта ҳолам тағйир шуд
Ки мо Шиъа бунёду аслу усус
Надорем чизе бағайр аз ҳавас
Ба ҷуз сиға ё ки сина бизан
Дигар ҳарф аз лофу мардӣ мазан
Чӣ гуям зи ҳолӣ Алӣ ризо
Фидо ақидат шуда аз қазо
Зи баъде тир хурдан он Гулризо
Дар он вақти шаб ба ҳукми қазо
Ки соъат ба дувоздаҳ шаб ки чун дар расид
Ки он ҷони шириш зи ҷонаш парид
Васият кард ба ман Муртазо ки ту
Раҳбаре ба Суннӣ бипайванд ва кун сарварӣ
Васият асар кард бар ҷону дил
Ҳамин аст тавҳиду то зери гил
Падарҷон куҷои куҷо меравӣ?
Ба дунболи ботил куҷо меравӣ?
Куҷо эй рафиқу ҳамсинфим ман?
Биёву бихон ҳамҳалоси ман
Агар кушта шавам ба мисли Ризо
Умедаст шавам шаҳид назди Худо

Ҳудуди панҷ ё шаш моҳ аз сафари минтақаи Суннинишини "Кангон" аз сӯйи маркази мудирияти ҳавзаи илмияи Қум барномаи мусофиратии дигаре ба "Ироншаҳр"и Балучистон тарҳрезӣ шуда буд, ки тибқи барнома як тими ба истилоҳ зубда ва муҷарраб ба таркибе аз барҷастатарин ва шоҳистарин талабаҳои ҳавзаи илмияи Қум, ба зоҳир таҳти пушини арзёбии натоиҷи гиридҳамои ва ҷаласоти тақриби мазоҳиб (ваҳдати Шиъа ва Суннӣ) ба минтақаи Балучистон эъзом шуд, аммо дар воқеъ ҳадафи аслии тарроҳон ва барномарезон аз ин

сафар, мубоҳаса ва мунозара бо яке аз уламои соҳибномӣ Балучистон, ки зиндагии содда дошт, буд.

Чун эшон мавзеъи бисёр тунде дар муқобили мазҳаби Шиъа доро буданд, ба ҳамин хотир барои устодон ва масъулони ҳавзаи илмияи Қум аз аҳамияти вижае бархурдор буданд ва назари ҳама устодон бар ин буд, ки эшон ваҳҳобимаслак аст, зеро ин олим дар арсаҳои сиёсат набуд.

Билохира мо барои заъф гирифтан ва даст ёфтан ба нукоти заъфи аз он олими бузургвор ва муталлеъ шудан аз наҳваи чопи китоби эшон ва ҳамчунин манбаъи даромад ва таъмини хазинаи мадрасаи эшон, бо онҷо эъзом шуда будем. Тартиби гуруҳи шашнафара иборат аз ашхоси зер буданд:

1- Сайид Абӯзари Фотимӣ, 2- Алиризои Муҳаммадӣ, 3- Сайид Абӯтолиби Ҳусайнӣ, 4- Муҳаммади Ризоӣ, 5- Абдулҳусайни Ҷалолӣён, 6- Муртазо Родмеҳр.

Сарпарасти ин гуруҳ ба уҳдаи оқои Фотимӣ буд. Аъзои гуруҳ ба ду қисм эҳзор шуданд, ва бо ҳузур дар дафтари Оқои Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ, ки оқоён Алиризои Кордон, Сайид Абӯзари Фотимӣ, ва Оятуллоҳи Устодӣ, низ ҳузур доштанд. Охирин тавсияҳо ва супоришҳо ба аъзои гуруҳ гуфта шуд. Зимни ин ки оқои Ваҳиди Хуросонӣ аҳамияти сафар ва барномарезиҳои мазбурро барои аъзои гуруҳ тавҷеҳ менамуд, ишора дошт ба ин ки бо шахси мавлоно, ки аз Рӯҳониёни номдор дар минтақа аст, дар як ҷаласаи тақрибӣ мазоҳиб мулоқот дошта, ки бо ин тартиб дар назар дошт ба истилоҳ аҳамияти сафар, мавқеъият, ва ҷойгоҳи илмии мавлоноро ташреҳ намоянд.

Ба ҳар ҳол, пас аз хатми ҷаласа, тавҷеҳ ва худоҳофизӣ, аъзои гуруҳ тибқи барнома аз Теҳрон ба Зоҳидон ва аз он ҷо ба минтақаи мавриди назар интиқол ёфтем.

Азин ҷамъ, фақат оқои Фотимӣ, ки сарпарасти гуруҳ буд, бо либоси Рӯҳонӣ буд ва бақия аз шиму курта истифода менамуедем. Тақрибан вақти намози мағриб буд, ки ман ва Алиризо Муҳаммадӣ вориди яке аз масоҷиди Аҳли Суннат шудем. Як нафар, ки либоси маҳаллӣ ба тан дошт ва шакл ва шамоили суннатӣ ба худ дода буд, таваҷҷӯҳи моро ба худ ҷалб кард, ки пас аз салом мухтасар хитоб ба вай гуфтам, ки мо қаблан Шиъа ва ҳоло Суннӣ шудем, ва ниёз ба мутолиъа ва таҳқиқи бештар пиромуни мазҳаби Суннӣ дорем ва аз вай хостем, то моро бо яке аз шахсиятҳои Рӯҳонии минтақа ошно кунад. Хеле роҳат ва содда пазирӯфт, ва суроғаи шахсияти илмии Рӯҳонӣро ба мо дод, аммо гуфт, ки аз вай ба касе чизе нагӯем, ки бо иқомаи намоз дар саффи намозгузорон ва канори вай қарор гирифтем, аммо намозро ба сурати дастбаста, ба ҷо овардем, то ба истилоҳ собит кунем, ки Суннӣ ҳастем.

Пас аз баргузории намоз фаҳмидем, суроғаи Рӯҳонии мавриди назаре, ки ба мо дода аст, дақиқан суроғаи ҳамон касест, ки мо ба сӯй эшон маъмурият дорем. Билохира ба манзили имомҷумъаи аҳли ташаюъи Ироншаҳр рафта ва мавқеъиятро бо аъзои гуруҳ дар миён гузоштем, ки бо барномарезӣ баъд аз зуҳри рӯзи баъд ба мошини дафтари мақоми муъаззами раҳбарӣ, ба иттифоқи як нафар раҳнамо ба самти маҳали сукунати мавлоно ҳарақат кардем. Қарор бар ин шуд, ки як ҳафта баъд потрул ҷиҳати баргардонидони аъзои гуруҳ бар гардад. Тақрибан ҳаво торик шуда буд, ки бо ҳамроҳии як нафар талаба ба

меҳмонхонаи ҳавзаи илмия ва ба истилоҳ мадрасаи динӣ, ҳидоят ва мустақар шудем.

Пас аз муддати кутоҳе барои мо шом аварданд, ки нон ва қурутоб буд, ки тибқи барнома ғизои донишҷӯён ва аз қабл омода шуда буд. Таъаҷҷуб кардем, ки мо меҳмони вижа ва ҳайати Рӯҳонӣ ва аз роҳи дӯр омадаем, ки бо нон ва қишқ аз мо пазироӣ мешавад ва аз ин ҷиҳат сахт нороҳат шуда будем, ки чандон рағбат ба хурдани шом надоштем. Тавзиҳан ин, ки баъдан мутаваҷҷеҳ шудем, ки баҳси меҳмон ва меҳмонии вижа ба ҳеҷ ваҷҳ матраҳ набуда ва нест, ҳар кас ҳар вақте бирасад, аз ғизои омодаи донишҷӯён истифода мекунад ва ҳеҷ гуна табақабандӣ ва имтиёзе байни меҳмонон муроъот намешавад.

Пас аз хурдани ғизои шом, ҷиҳати иқомаи намоз ба масҷид рафтем ва намози хуфтанро ба имомати "мавлоно" гузоридем, ва барои аввалин бор буд, ки эшонро мулоқот мекардем. Пас аз баргузории намоз ва бидуни ин, ки бо мавлоно салому алайк дошта бошем, эшон аз масҷид хориҷ шуд ва ба вуҷуде, ки аз наҳваи либоспушии мо, хосатан оқои Фотимӣ, ки либоси Рӯҳоният пушида буд, мушаххас буд, ки ғайри маҳалӣ ва меҳмон ҳастем ва бо доштани салому алайки мухтасар бо теъдоде аз намозгузорон назари касе ба мо ҷалб нашуд ва гӯё рафту омадҳое азин қабил барои сокинони маҳалӣ табиъи ба назар мерасид. Ба ҳар ҳол ба меҳмонхонаи ҳавза ба аъсоби дарҳамрехта ва нороҳат аз наҳваи истиқбол ва пазироӣ, хусусан ин, ки аз мо монанд меҳмонони маъмулӣ ва содда бархурд ва пазирои мешуд, баргаштем.

## Рӯзи аввали иқомат:

Субҳи аввали рӯзи иқомат ва пас аз иқомати намози субҳ ва дарси тафсир дар масҷид, тавонистем бо мавлоно салом алайки мухтасаре дошта бошем. Тавзеҳан ин ки дарси тафсири мавлоно сураи муборакаи "Нӯр", ки мавлоно дар мавриди бароъати Умулмуминин ҳазрати Ойшаи Сиддиқа(р) суханоне эрод фармуд ва бо лаҳне, ки баъзе аз бечораҳо ба ҳазрати Ойша(р) тавҳин мекунанд, зиёд гиламанд буд. Баъдан ба иттифоқи эшон ҷиҳати тановули субҳона ба меҳмонхона омадем.

Ҳангоме, ки дар меҳмонхона нишаста будем, мавлоно лабханд ва табассуми бисёр маҳрамонае бар лаб дошт, бо матонат ва садоқати хос гуфт: ҳатман дишаб ба шумо бад гузашта бошад? Зимни узрхоҳи фармӯд ба далели маҳдудиятхое, ки дорем, наметавонем аз меҳмонон дурӯст пазирои кунем.

Дар хилоли тановули субҳона ва гуфтушуниди маҳдуд, ки ҳудудан 45 дақиқа ба тӯл анҷомид, мавлоно ба баҳонаи ин ки меравад то омодаи рафтан бо класс шавад, аз меҳмонхона хориҷ шуд. Мулоқоти 45 дақиқа бо эшон ин ҳақиқатро барои мо равшан кард, ки он шахсияте, ки тасвири вайро дар Қум барои мо тарсим карда буданд, нест ва тақрибан мутақоъид шудем, ки ҷойгоҳи илмии мавлоно дар ҳадде аст, ки дараҷаи муваффақияти гуруҳро дар баҳс ва мунозара ва мубоҳаса коҳиш хоҳад дод ва ё ба иборате фаҳмидем, ки тавони илмии гуруҳ дар сатҳи хело поёнтар аз эшон қарор дорад.

Ба ҳар ҳол, то субҳи рӯзи баъд мулоқоти дигаре пешбинӣ намешуд, ногузир ба интизори мулоқоти рӯзи баъд мондем, лизо тасмим гирифтем, муҷаддадан бо китобхонаи ҳавзаи илмия (мадрасаи динӣ) биравем ва аз он ҷо боздиде ба амал оварем ва шояд ҳам дар садад

будем бо ҳузур дар китобхона ва шиносои мавқеъият ва ё ҳадди ақал он чиро ки мехостем ва тибқи барномаи сафар, дар пайи он будем, яъне дастёбӣ ба кутуб, мақола ва маҷмӯъа ва мушаххасан мадорике, ки ба истилоҳ музир бошанд, даст биёбем.

Лизо пас аз ҳузур дар китобхона бо яке аз мударрисини ҳавза мулоқот кардем ва пас аз салому алайки мухтасар, мутаваҷҷеҳ шудем, ки ишон яке аз аршадтарин мударрисини ҳавза мебошанд. Як қитъаи нақшаи ҷуғрофиёи сиёсӣ, ки футуҳоти Хулафои Рошидинро дар садри Ислом нишон медод ва ба сурати лавҳа танзим ва ба девор часпонда шуда буд, таваҷҷӯҳи моро ба худ ҷалб кард, ки пас аз баҳс пиромуни нақша, эшон ба суолоти мо ба сурати шаффоф посух дод, ки воқеъан ҳайратзада  шуда будем ва низ таъаҷҷуб мекардем азин ки дар минтақаи маҳрум ва маҳдуд, шахсиятҳои илмӣ бо огоҳиҳои илмӣ, то ҳадде вуҷуд дорад ва муҳимтар ин ки бидуни таваҷҷӯҳ ба ин масъала, ки мо ҳайати Рӯҳонӣ шояд ба манзури анҷоми маъмурият он ҷо сафар намудаем, аммо вай аз ҳар гуна ибрози ақидаҳ ва назари сареҳ ҳарос надошт. Ба ҳар ҳол пас аз гузашти замоне шояд ҳудудан як соъат ва бидуни ин ки ба мадорик ва ё маҷмӯъае ба истилоҳ музир даст ёбем, ба меҳмонхона мурољаъат намудем.

Дар меҳмонхона мушвараи аъзои гуруҳ бо якдигар сурат гирифт. Мубоҳасаи чиҳилу панҷ дақиқаи бо "Мавлоно" ва ҳамчунин музокираи ҳудуди як соата бо мударрис дар китобхона ва воқеъиятҳо ва сароҳатҳое, ки бо он мувоҷеҳ шуда будем, аъзои гуруҳ ҳамагӣ ба ин натиҷа расида будем, ки зимни ҷамъбандӣ ва феҳраст кардани суолот ҷиҳати тарҳ дар барномаи мулоқоти рӯзи

баъд бо Мавлоно зимни тарҳи ҳади ақал як ё ду суол дар ҳар рӯз аз тарҳи суолоти эҳсос барангез ва ихтилофӣ, парҳез шавад, лизо қарор шуд, ки мулоқоти рӯзи баъди дар ҳавза ва маҳдудаи баррасии осор ва натоиҷи ҷаласот ва гидиҳамоиҳои тақриби мазоҳиб (ваҳдати Шиъа ва Суннӣ) бо Мавлонобаҳс ва гуфтугу дошта бошем.

Эшон баъд аз намози субҳи дуввумин рӯз бо матонати хос, эълони омодагӣ намуд, то агар суоле бошад, бо он посух бигуяд. Лизо тибқи барнома, мавзӯъи гирдиҳамои ва ҷаласоти тақриби мазоҳиб (ваҳдати Суннӣ ва Шиъа)ро матраҳ ва назари Мавлоноро дар ин боб, хосторем.

Мавлоно бо таъбироти мутафовит пиромуни натоиҷи ин ҷаласот, арзёбии худро ба ин сурат эълон дошт ва гуфт: Гар чӣ шакли ин ҷаласот ҳар чанд қадаме ба пеш аст, аммо арзёбӣ ва эътиқоде дар хусуси осор ва натоиҷи ҷаласот ба наҳве аст, ки умеди чандоне ба таҳқиқи ваҳдати Шиъа ва Суннӣ ва ба иборати дигаре, натиҷаи матлуб дар ин замина надорад, ва изофа кард: ваҳдати Шиъа ва Суннӣ дар сурате таҳқиқ хоҳад шуд, ки Рӯҳониёни Шиъа чӣ ишоратан ва чӣ сароҳатан ба мукаддасоти Аҳли Суннат тавҳин накунанд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки дар ҷаласа теъдоде аз мударрисин ва донишҷӯёни ҳавзаи илмия низ ҳузур доштанд, мударрисин ва донишҷӯёни ҳозир дар ҷаласа, баъзан бо қатъи суҳбатҳои Мавлоно ибрози ақида ва назар мекарданд ва гуфтанд замоне, ки иддаъо бар ин аст, ки низом ва ситемаи ҳукумат Исломӣ аст, бо кадом фатвои фиқҳӣ "Масҷиди Шайх Файз Муҳаммад" дар шаҳри Машҳад тахриб ва ба парк мубаддал мешавад. Дар ҷавоб оқои Фотимӣ ба ин суоли мударриси ҳавза ҷавоб дод, ки замини масҷиди

Шайх Файз Муҳаммад, вақфи боргоҳи малакутии имом Ризо будааст. Мавлоно бо ҳолати хашмгинонае ҷавоб дод: ин ки масҷид бошад ва як мусалмон ба масҷид намоз ва Қуръон бихонад, савобаш ба имом Ризо бештар мерасад, ё ин ки ба фазои сабз мубаддал шавад ва дар рӯйи он фасоди ахлоқӣ анҷом пазирад? Дар ҳоле, ки расонаҳои гуруҳии матбуъот ба таври афсоргусехта ва ғайри қобили контрол, ба муътақадоти динӣ ва Исломии Суннӣҳо иҳонат менамоянд, дар замоне, ки Сунниҳои Ирон дар пойтахти кишвар ба номи Ислом иҷоза надоранд масҷид дошта бошанд, чӣ гуна ваҳдати Шиъа ва Суннӣ таҳқиқ ва барқарор хоҳад шуд. Баъзан ва шояд тамоман баҳси ваҳдати Шиъа ва Суннӣ як бозии сиёсӣ аст, ки фақат масрафи таблиғотӣ дорад. Дар ин ҷаласа, ки ҳудуди як соат ба тӯл анҷомид ва Мавлоно боз ҷиҳати тадрис ба класси дарс рафтанд, ногузир ба интизори мулоқоти рӯзи баъд мондем. Баъд аз зуҳри ҳамон рӯз ҳодисаи начандон муҳим, аммо ҷолибе иттифоқ афтод, ба ин тартиб оқои Фотимӣ, сарпарасти гуруҳ, ки либоси Рӯҳонӣ дар тан дошт, аз мехмотхона хориҷ шуд. Пирамандe, ки либоси дарози Арабӣ дар тан дошт, офтобаи обро бо эшон доданд ва хитоб ба оқои Фотимӣ гуфт: бигир! Эй ҷуллии мушрик. (ҷӯл ба забони Балӯчӣ ба ҷома ва чӯллӣ ба охундҳои Шиъа мегуянд).

Оқои Фотимӣ ва соири аъзои гуруҳ аз иттилоъи ин ҷумла шадидан эҳсоси нороҳатӣ карданд, ба наҳве, ки шабро натавонистем ба дурустӣ бихобед.

### **Рӯзи саввуми иқомат**:

Субҳи рӯзи саввум дар мулоқот бо Мавлоно мавзуъи дирӯз ва иҳонат пирамардро, матраҳ кардем ва шадидан

аз норозигӣ, гила ва шикоят доштем, ки Мавлоно зимни узрхоҳи азин бархурди номуносиб, изофа намуд: Ин навъ бархурдҳо дурӯст нест ва бо Рӯҳӣ мутаъоли Ислом созгорӣ надорад, мутаасифона мо дар ҷомеъа шоҳид чунин бархурдҳои номуносиб ҳастем, ба наҳве, ки ҳатто бародарони Аҳли Суннат, ки бо либосҳои маҳаллӣ дар шаҳристонҳои бузург, ҳузӯр пайдо мукунанд, маъмулан зери тамасхур қарор гирифта ва ба онон Суннии Умарӣ, низ гуфта мешавад.

Ба ҳар ҳол, Мавлоно зимни ин ки аз аъзои гуруҳ ба сабаби бархурди баде, ки сурат гирифта буд, узрхоҳӣ дошт, масъаларо бе аҳамият талаққӣ намудем, ки пас аз сарфи субҳона, эълони омодагӣ намуд, то суолоти худро матраҳ созем, ки тибқи барномаи аз қабл пешбинӣ шуда қарор буд дар мулоқоти рӯзи чаҳорум мавориди суолоти ихтилофӣ ва асосӣ, яъне мафҳуми ояти татҳир, баҳси хилофат ва шаҳодати ҳазрати Заҳро ва масъалаи Ғадир фақат як мавриди суол матраҳ шуд, яъне баҳси ояти татҳир:

﴿إِنَّمَا يُرِيدُ اللَّـهُ لِيُذْهِبَ عَنكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا﴾[4].

[4]: Манзур аз Аҳли Байт дар ин оят аз назари аҳли ташаюъ, фақат Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусайн(р), мебошад ва дигар ҳамсарони Паёмбарро дар ин маҷмуъа дохил намекунанд, аммо Аҳли Суннат назараш фаротар аз ин аст. Калимаи "аҳл" ба кули хонавода гуфта мешавад. Замоне, ки ҳазрати Мӯсо(а) дар куҳи Тӯр буд, на домоде дошт ва на нувоса, аммо ваќте хост ба зан ва фарзандаш бигуяд: инҷо бимонед, дар Қуръон мефармояд: (قال لأهله امكثوا...), пас ин ки калимаи "аҳл"ро фақат барои домод ва нувоса ба кор бурдан, комилан иштибоҳ аст. Маънои дурусти ин оят ин аст, ки "Худованд фақат мехоҳад палиди ва гуноҳро аз шумо аҳли байт дӯр кунад ва комилан шуморо пок созад". Дар ин васиятҳо барои занони Паёмбар(с) ба маънои он нест, ки ҳамсарони паёмбар дар чунон ҳолати баде карор доштанд, ки иқтизои манъи ононро мекарда аст, балки мурод, водошнашон ба фазоил ва арзишҳои бартар ва волотар аст,

Яъне: "Худованд фақат мехоҳад палидӣ ва гуноҳро аз шумо аҳли байт дӯр кунад ва комилан шуморо пок созад".

Хостем, то ояти мавриди назарро, ки яке аз мавориди ихтилофи Шиъа ва Суннӣ аст, тафсир намояд. Мавлоно фармӯд, ки ҳамсарони Расули Худо(с) ҷузъи Аҳли Байти Расули Худо(с) буданд.

Дар ҳамин ҳол яке аз Рӯҳониёни ҳозир дар ҷаласа аз Мавлоно дар мавриди ҳазрати Ойша суоли аблаҳонае кард ва Мавлоно суолро ин чунин боз кард, ки ҳазрати Ойша Сиддиқа ба иттифоқ ва гувоҳии тарих, ҳамсари гиромии Набии Мукаррами Ислом ва яке аз Уммаҳотул-муминин мебошад ва бар асоси фармони Худованди Мутаъол, ки дар Қуръони Карим мефармояд:

﴿النَّبِيُّ أَوْلَىٰ بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنفُسِهِمْ ۖ وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ﴾[5].

Яъне: "Паёмбар нисбат ба муминон аз худашон сазовортар аст, ва ҳамсарони ӯ модарони онҳо (муминон), маҳсӯб мешаванд".

Ва эшон тавзеҳи мухтасаре дар мавриди насаби хонаводаи ҳазрати Ойша(р), ишора фармуданд ва ҳама саропо бо диққат гӯш мекардем, ки эшон дар муъаррифии насаби ҳазрати Ойша суханро чунин оғоз намуданд: Ҳазрати Ойша бинти Абӯбакр ва кунияи эшон

---

шоёни зикр аст занони Уммат низ дар лузуми ороста шудан ба ин ахлоқ ва одот, табъи занони Паёмбар(с) ҳастанд. Ибни Аббос, Икрима, Ато ва Саъид бин Ҷубайр(р) мегуянд: мурод аз "аҳли байт", махсусан занони Паёмбар ҳастанд, ва ҳақ ҳам ҳамин аст, зеро ояти карима дар бораи онон нозил шудааст ва мо қабл ва мо баъди оят низ дар бораи онҳост ва зикре аз Алӣ ва Фотима ва Ҳасан ва Ҳусайн дар ин оёт вуҷуд надорад. (барои тафсили бештар дар ин мавзуъ ба китоб ояи татҳир ва иртиботи он бо исмати айммаҳ, навишатаи дуктӯр Сайид Абдулҳодӣ Ҳусайнӣ, мурочаъа шавад. Ин китоб ба забони форсӣ тарҷума ва чоп шуда аст ва дар сайти аҳли суннат карор дода шудааст. www.ahlesunnah.com)

[5] : Сураи Аҳзоб 6

Сиддиқа, падари бузургворашон Абдуллоҳ, Халифаи аввали Муслимин ва ёри ғори Расули Худо ва модари гиромиашон Умми Руммон, дар силсилаи насабӣ дар пушти ҳаштум ба Расули Худо мерасад, ки ба тартиби зайл аст:

Ойиша бинти Абӯбакр бин Аби Қаҳофа Усмон бин Омир бин Каъб бин Саъд бин Тайм бин Мурраҳ бин Каъб Таймий.

Силсилаи насабии Паёмбари Акрам(с): Муҳаммад бин Абдуллоҳ бин Абдулмутталиб бин Ҳошим, бин Абдулманоф бин Қусай бин Мурраҳ бин Каъб. Замоне, ки Расули Худо(с) бо Ойша издивоҷ карданд, пас аз чанде ба эшон фармуданд: Эй Сиддиқа! Ман шуморо дар хоб дидам, ки бар чеҳраи шумо, порчаи абрешими сафед қарор дода шуда буд, фариштае шуморо ба назди ман овард ва гуфт: ин ҳамсари шумост ва ман порчаро аз чеҳраи шумо канор задам ва дидам шумоед. Бо худ гуфтам: агар ин амр аз ҷониби Аллоҳ аст, онро иҷро мегардонад ва ман аз шумо хостгорӣ кардам. Хавла ҳазрати Ойшаи Сиддиқаро барои Паёмбар(с) хостгорӣ кард ва ин чунин Худованди Муттаъол ҳазрати Ойшаро барои ҳамсарии Паёмбари худ баргузид.

Он Олими Раббонӣ аз илми Ойша сухан ба миён овард ва фармуд, ки ҳазрати Ойша(р) дар ҷамъи Саҳоба ба унвони яке аз паҳнкунандаи илми Нубавват маҳсӯб мешаванд ва аз ҷойгоҳи илмии бисёр болое бархурдор буданд.

Имом Зуҳрӣ мефармояд: Агар илми Ойша ҷамъоварӣ шавад, бар тамоми улуми азвоҷӣ мутаххарот ва дигар занон бартарӣ пайдо мекунад.[6]

[6] : Ал-исобату фи тамйизис-саҳоба, Ибни Ҳаҷари Асқолонӣ 13/40

Мавлоно дар идомаи сухан дар мавриди муҳаббат ва маҳбубияти Ойша(р) назди Паёмбар(с) сухан гуфта ва ин ҳадиси Паёмбарро хонданд: "Аз Паёмбар(с) суол шуд, ки чӣ касе пеши шумо аз ҳама маҳбубтар аст? Паёмбар(с) фармуданд: Ойша, сипас пурсиданд: Аз мардон? Посух доданд: Падараш, Абӯбакри Сиддиқ".

Мавлоно ҳудуди ду соат пиромуни ояти татҳир ва Азвоҷи Мутаҳҳарот хусусан, ҳазрати Ойша тавзеҳ доданд. Эшон он чунон дар тафсири оёти Қуръон, ба вижа татҳир ва дигар оёте, ки дар мавриди Азвоҷи Мутаҳҳарот буд, иҳота ва тасаллут доштанд ва ибрози ақидаи сареҳ менамуданд, ки васфи онро номумкин медонам. Бо вуҷуде, ки қарор шуда буд дар мулоқоти рӯзи ҷорӣ, ҷуз тафсири ояти татҳир, мавориди дигаре ба ҳеҷ ваҷҳ матраҳ нашавад, аммо тафсири ояти татҳир тавассути эшон ва иртибот пайдо кардани мавзӯот ва мубоҳасот ба соири оёти Қуръонӣ ва масоили ақидатӣ, он чунон аъзои гуруҳро дучори заъф ва тазалзули рӯҳӣ карда буд, ё ин ки тормузамон канда буд, он чиро, ки дар сабад доштем, ҳамаро берӯн андохтем, сипас ман аз Мавлоно дар мавриди имомати ҳазрати Алӣ(р) суол кардам ва ба эшон гуфтам, ки ҳақ бо Алӣ буда, аммо Хулафои сегона васияти Паёмбарро нодида гирифта ва хаққи Алиро ғасб карданд. Мавлоно мусаммимона суол карданд: Кадом васият ва амал накардани кадом Саҳоба?! Ман ин ҳадисро хондам, ки Расули Худо(с) дар сарзамини Ғадири Хум, ки ҳама мусалмонон ҷамъ буданд, даст Алиро гирифта ва боло бурд ва фармуд:

"من كنت مولاه فهذا علي مولاه".

Дар ин ҳангом Мавлоно фармуданд: Шумо мавлоро чӣ гуна маъно мекунед? Ман гуфтам: Дар ин ҷо мавло ба

маънои ҷонишин аст. Мавлоно бо адрес додан ба фарҳанги луғатҳо, чандин маъно аз мавлоро барои мо бозгӯ карданд ва сипас гуфанд: Агар Расули Худо мехост Алиро ба ҷонишинии худ баргузинад, чаро ҳадисеро баён карданд, ки барои умум номафҳум буд? ва чаро лафзи мавлоро истеъмол кард? Дар сурате, ки он ҳазрат медонист, ки мавло чандин маъноро медиҳад, ва агар Расули Худо мехост Алиро ба ҷонишинии хеш баргузинад, чаро содатар аз он нафармуд: эй мардум!

" من كنت رسوله فهذا علي خليفتي وولي من بعدي"

Албатта банда бо ин мантиқи Мавлоно эҳсос мекардам, ки гӯнг шудаам. Дар идомаи баҳс пиромуни эътиқодоти Шиъа, аъзои гуруҳ саъй доштанд, то ироъаи истидлол ба китобҳои Шиъа, ҳаққонияти мазҳаби Шиъаро исбот намоянд, аммо дар ҳар бор ва ироъаи истидлол ва мантиқ, ки албатта наметавонистем ба сурати решаӣ ва мулоҳазоти Қуръонӣ матраҳ ва баъзан аз кутуб ва манобеъ шиъӣ, истинод мешуд, Мавлоно изҳор медошт, ки инҳо мантиқ ва истидлоли Шиъа ҳастанд, на Қуръонӣ.

Дар мавриди муртад шудани Саҳоба(р) баъд аз Паёмбар(с), ки ин яке аз эътиқодоти Шиъа мебошад, Мавлоно ба далоили мустанад ва муҳкам инро низ рад карданд, ки мухтасаре аз он ба шарҳи зер мебошад:

Мавлоно бо қиёфаи ҷидди хитоб ба оқои Фотимӣ гуфт: Дар ҳавзаҳои илмияи шумо ҳар сол, дар садди қабулӣ, чӣ қадар аст? Оқои Фотимӣ гуфт? 97-98%. Мавлоно фармӯд: Худоё туро сипос мегуям фисади қабули инҳо дар ҳавзаҳои илмияе, ки доранд 97 ва 98% аст, бо ин ҳама нақс ва гуноҳ ва фисқ ва фуҷӯр, аммо фисади қабули мактаби Расули Худо(с) фақат 5 ё 6 нафар аз он

ҷамъи бузурги сад ҳазор нафарӣ аст. Инро кадом ақли солим қабул мекунад? Оё ин худ иҳонат ва тавҳин ба равиши тарбияти Расули Худо(с) нест? Оё ин як заъф ва нақси бузург барои Паёмбар(с) нест, ки натавониста шогирдоне тарбият намоянд, ки бар ақидаҳ ва боварияшон бимонанд? ва ба муҷарради реҳлати эшон аз дунё, ба хотири матоъи дунявӣ муртад шаванд.

Кадом ақли солим қабул мекунад, ки онон барои дунё аз дин баргаштаанд, дар ҳоле, ки ҳасту нести худашон, мол ва зан ва фарзанд ва посту мақом ва тамоми он чӣ доштанд, дар роҳи пешрафти тараққии дин фидо намуданд.

Чаро онон, ки ҳамин тавре ба ёвагӯйи ва ҳарзагӯйи нисбат ба асҳоби Расули Худо(с) мепардозанд, андаке тафаккур ва тадаббур ва таъақул наменамоянд?

Худован худаш дар Қуръон фармудааст:

﴿رَّضِيَ اللَّـــهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا عَنْهُ ﴾[٧].

Магар мешавад, ки Худо дар он вақт аз он розӣ бошад ва дар оянда онҳоро бо дузах бифиристад. Оё ин низ айб ва нақсе барои Худованди Муттаъол намебошад? Магар Худованди Муттаъол аз ояндаи ин афрод хабар надошта, ки мутлақан фармуда, аз онон розиям ва биҳиштро бар онон додам, оё илми Худованд маҳдӯд аст ва ояндаро намедонад, ки шумоҳо ин эътиқодро доред? Агар Худованд ба оянда илм дорад ва медонист, ки инҳо муртад мешаванд ва аз дин хориҷ мегарданд, чаро Худованд фармуда:

﴿وَالسَّابِقُونَ الْأَوَّلُونَ مِنَ الْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنصَارِ وَالَّذِينَ اتَّبَعُوهُم بِإِحْسَانٍ رَّضِيَ اللَّـــهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي تَحْتَهَا الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ ﴾[٨].

[7]: Сурахои Моида 119, Тавба 100, Муҷодалаҳ 22, Байина 8.

[8]: Сураи Тавба 100

Ононе, ки аз аҳли ташаюъанд ва худро олим медонанд, ин оятро чӣ тавр мехоҳанд тафсир намоянд. Пас ин биҳиште, ки Худо фармуда барои абад дар он мемонанд ва инро низ барои инҳо омода карда, оё инҳо дурӯғ ҳастанд? Чаро ононе, ки ҳиҷрат карданд, муҳоҷирини Макка буданд, амсоли ҳазрати Абӯбакр ва Умар ва Усмон ва Талҳа ва Зубайр ва Абдурраҳмон ва... .

Ба ҳар сурат пас аз ҳудуди ду соати тафсири ояти татҳир ва мубоҳасоти эътиқодӣ тавре худро гӯм карда будем, ки тасаввур мерафт, ки аз аввал реша надоштем ва ё ин ки бо алифбои воқеъиёт ва адабиёти мабонии эътиқоди Исломӣ бегонаем. Воқеъан эҳсоси шикаст ва адами тавфиқ дар фазо ва ҷамъи аъзои гуруҳ комилан ҳоким шуда буд, лизо пас аз хатми ҷаласа тасмим гирифтем оқои Ҳусайнро ба дафтари мақоми муъаззами раҳбарӣ бифиристем, то автомобилро биёварад ва гуруҳро баргардонад. Баъд аз зуҳри ҳамон рӯз ва пас аз се рӯзи таваққуф дар маҳал, ба дафтари мақоми муъаззами раҳбарӣ баргаштем. Дар таҳлили кулли аъзои гуруҳ, ин фарозҳо ба мушоҳида мерасид: баҳси тафсири ояти татҳир моҳавли комилан рӯҳонии ҳоким дар ҷаласа, воқеъиятҳои Қуръонӣ, динӣ, ақадитӣ, иҳота ва тасаллути комили Мавлоно дар тафсири оёти Қуръонӣ ва динӣ, сароҳат дар баёни ақидаҳ, бархурдҳои олимона ва орифонаи Мавлоно, субот ва виқор ва шахсиятҳои илмии эшон, ибрози муҳаббати эшон нисбат бо улгӯҳои динӣ, хосатан Аҳли Байт (ҳазрати Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусайн ва...) комилан қобили таваҷҷӯҳ буд.

Аъзои гуруҳ пас аз бозгашт ба Қум ва тақдими гузориши сафар ва навори муколамоти забт шуда дар мақотеъи мухталиф ба маркази мудирияти ҳавзаи

илмияи Қум ва эътироф ба адами тавфиқ ва шикаст дар сафари мазбур ва баёни шарҳи комили сафар намуданд. Зимни ин ки оқоёни тарроҳони барномарезон ба одати ҳамешагӣ изҳор доштанд, ки масъала ҳамин ҷост ва мушкил ҳамин аст, ки бар усӯли Сунниҳо бо мактаби Алавӣ ва Аҳли Байт инод ва адовати тарихӣ доранд ва изофа намуданд, ки барномаи сафари мазбур оромише ва мавриди хосе буда, гар чӣ маъмурияти гурӯҳи эъзоми номуваффақ буда, аммо онро мусбат арзёбӣ менамуданд ва ҳатто мазидан унвон доштанд, ки сафарномаи мазбур дар оянда малоки тасмимгирӣ дар маркази ҳавзаи илмии Қум қарор хоҳад гирифт.

Албатта ин тавр ба назар мерасид, тавҷеҳ ва таъбироти оқоён ва арзёбии мусбати сафарномаи мазбур, сирфан дорои абъоди хос ва ба манзури дилҷӯйи аъзои гурӯҳ мебошад, ки ба ҳамин лиҳоз ҳам маблағи панҷоҳ ҳазор тумон ба унвони ҷоиза ба ман пардохт шуд, аммо бо таҳлили кӯл, ки аъзои гурӯҳ ироъа намуданд, зимни ин ки тавҷеҳот ва таъбири мутафовит ва саховатмандӣҳои оқоён дар рӯҳияи шикаст хурда ва номуваффақи гурӯҳ асари мусбат ба ҷо нагузошт ва баъзан барномаҳои тарроҳони маркази мудирият ҳавзаи илмияи Қумро зери суол бурд ва сафари мазкурро умдатан як барномаи хабарӣ, иттилоъотӣ ва заъфҳое аз Мавлоно талаққӣ карданд, на баҳси илмӣ.

Дар иртибот бо масоили эътиқодӣ, решаи шикаст ва адами тавфиқи гурӯҳи эъзомиро асосан ба ин ҷиҳат маътуф ва нисбат доданд, ки чаро тарроҳон ва барномарезони маркази мудирияти ҳавзаи илмия Қум ба дур аз воқеъиёт ва бо рӯ дар рӯ қарор додани теъдодӣ талабаи ҷавон ва кам таҷриба дар садади эҷоди тарҳи

масоили ихтилофӣ ва эътиқодӣ ин гуна баромада ва ба ановини мухталиф дар садади заъфёбии дигарон сирф доштани ихтилофи ақидатӣ ва маслакӣ ва қарор додани муҳиббон воқеъии улгӯҳои динӣ (Аҳли Байт) дар шумор ва радифи мухосимин ва дӯшманони ҳазарот ва бо барномарезӣ ташкил ҷаласоти тақриби мазоҳиб (ваҳдати Шиъа ва Суннӣ) шиъорҳои ваҳдатталабона сар медиҳанд.

Албатта ва ба таври мушаххас ва сарфи назар аз таҳлили кулияи аъзои гуруҳи эъзомӣ, ки дар маркази мудирияти ҳавзаи илмияи Қум ба истимоъи тарроҳон ва барномарезон расид, шахсан илова бар он, таҳлили дигаре низ дорам ба ин тартиб, ки барномарезиҳои азин навъ на танҳо ҳар гиз андешаи ваҳдати Шиъа ва Суннӣро мутаҳаққиқ нахоҳад сохт, балки мӯътақидин ба эътиқодот ва хати фикрии Шиъаро дар дунёи Ислом ҳар чӣ бештар мунзавӣ аз пайкари ҷаҳони Ислом мегардонад.

Ин масъала маро беш аз ҳар замони дигар ба ин воқеъияти бисёр муҳим мӯътақид сохт, ки на танҳо машиати Худовандӣ буд, то гуруҳи эъзомӣ шикаст хурда ва номуваффақ ба Қум баргардад, балки тақдир буд, то заминаҳои шаклгирии як ақидаи солим дар ман ба вуҷуд омад ва ангезаҳои дарунӣ ва таҷдиди назар дар муътақадоти Шиъа ва мушаххасан гаравидан ва пайвастан ва пайванд хурдан ба интихоби дуввум ва зистании нав, мазҳаби Аҳли Суннатро дар ман эҷод ва эҳё намояд.

## Сафари Ҳаҷ.

Баъд аз он сафари сарнавиштсоз ба Балучистон, иродаи Ҳаҷ дар ман пайдо шуд. Асбоби он фароҳам гардид ва билохира ба Ҳаҷ мушарраф шудам.

Дар Макка бо хело инсонҳои муваҳҳид мулоқот кардам. Дар Мадинаи Мунаввара, суханронии уламои Аҳли Суннатро вақте гӯш медодам, мефаҳмидам, ки инҳо тамоми таваҷҷӯҳашонро ба сӯйи Худованди Муттаъол маътуф медоранд ва фақат ӯро ибодат ва бандагӣ мекунанд.

Вақте ба зиёрати Расули Худо(с) рафтам, аҳли ташаюъро дидам ҳатто қабри ҳазрати Абӯбакр ва ҳазрати Умар(р)ро нигоҳ намекарданд. Дар зимни сафари Ҳаҷ нисбат ба ҳазрати Ойшаи Сиддиқа(р) тавассути яке аз уламои соҳибноми Арабистон, ки суханронӣ ирод фармуданд, шинохти кулли пайдо кардам. Аз ҷумлаи дӯшманиҳое, ки мунофиқин бар Ислом ва аҳли Ислом раво доштанд, туҳматҳоест, ки ба шахсияти ҳазрати Ойшаи Сиддиқа ворид карда ва воқеъаи ифк мебошад ва бо гумони худ бо ин дасиса бузургтарин зарбаро ба Ислом ва Мусалмонон ворид сохтанд ва дар воқеъ агар ёрӣ ва нусрати Худованди Муттаъол ва тадбир ва таҳаммули фавқулъодаи мусалмонон набуд, фоҷиъаи бузурге ва фитнаи фарогире рух медод.

Мусалмонон дар он шароити сахт ва ҳассоси тарихӣ, камоли ҳусни ният ва сабрро дар пеш гирифта ва чунин мавзуъеро комилан дурӯғ ва бе асос дониста ва онро тавтиъае аз ҷониби мунофиқин дарёфтанд.

Ин иттифоқ ба хости Худованд ба нафъи муминин тамом шуд ва ҳикматҳои фаровон ба ҳамроҳ дошт, ки чанд маврид аз онҳо дар зайл омадааст:

1. Мусалмонон дар ин иттифоқ имтиҳон шуданд ва аз лиҳози ахлоқӣ парвариш ёфта ва тараққӣ карданд, ки дар сурати бурузи ҳодисаи мушобеҳ ҳусни тадбирро дошт ва махсусан обруйи мусалмононро муҳим талаққӣ кунанд, чунон чӣ дар ин ҳодиса ҷуз се нафар аз мусалмонон, касе ҳозир ба лаб гушойи набуд.

2: Вуқуъи ин иттифоқ сабаби нузули бисёре аз аҳком ва қавонини иҷтимоъи шуд, ки агар мусалмонон бар ин аҳком амал кунанд, ҷомеъаи онҳо аз мункарот ва зиштиҳои ахлоқӣ ва бурӯзи ҳар гуна ихтилоф ва фитнае маҳфуз мемонад.

3: Мусалмонон мутмаин шуданд, ки Паёмбар(с) илми ғайб надорад ва агар медошт, бароат ва покдомании ҳамсарашро эълон мекард.

4: Ва ин ки Паёмбар(с) ҳар чӣ мегӯяд аз ҷониби Аллоҳ(ҷ) аст, пас вақте, ки Паёмбар, ки афзали башар аст ва ҳатто аз Алӣ ва Аҳли Байт болотар ва комилтар мебошад, ғайбро намедонад, чӣ тавр онҳо медонанд?

5: Фазилати ҳамсари ҳазрати Расули Худо(с) ва хонаводааш боло рафта ва дар мавриди эшон оёте аз Қуръони Карим нозил шуд, ки то қиёмат бароати ва покизагии эшон тиловат ва такрор мешавад, лизо бар Уммати Ислом ба унвони яке аз шиъорҳои Исломӣ, такрим ва бузургдошти хонавондаи Набии Акрам(с) аз ҷӯмла ҳамсарони эшон, воҷиб мешавад.

6: Яке аз мавориди фавқулъода ва нодир дар тамоми тарихи Ислом вокуниши зебои тамоми мусалмонони он замон, Саҳобаи Паёмбар(с) мебошад ва мутобақат раъйи онҳо оёт нозил шуда, ки дар ҳақиқат сидқи амал ва гуфтори онҳоро дар бар доштааст.

## Таҳлиле аз суханронӣ дар Мадина дар мавриди воқеъаи ифк:

Дар соли шашуми ҳиҷрӣ вақте, ки ба Паёбар(с) хабар расид, ки қабилаи бани Мусталақ ба қасди ғорат намудан ва ҳамла бар мусалмонон ҷамъ шуда ва муттаҳид гардиданд ва он Ҳазрат(с) ба хотири решакании финтаи ба вуҷуд омада, азми ҷиҳод карданд, тибқи одат байни Азвоҷи Мутаҳҳарот қуръакашӣ карданд, то яке аз онҳоро бо худ бибаранд ва пас аз қуръакашӣ номи Ойша(р) даромад ва эшон ҳамроҳи Паёмбар(с) хориҷ шуданд. Дар бозгашт ба Мадина, корвони Паёмбар(с) дар ҷое манзил гирифт. Ҳазрати Ойша(р) дар ин асно барои рафъи ҳоҷат аз қофила ҷудо шуд. Омадани эшон ба далели гум шудани гулӯбанд ва талош барои ёфтани он, муддате тӯл кашид ва дар ин фосила корвониён, ки аз ғайбати эшон иттилоъ надоштанд, ба роҳи худ идома доданд. Эшон пас аз бозгашт ба маҳали корвон вақте дид хабаре аз корвон нест, аз он ҷо ки медонист ҳатман дунболи эшон хоҳанд омад, дар маҳал дароз кашида ва чодарро ба руйи худ кашид.

Паёмбар(с) ҳамеша як нафар дар ақиби корвон муваззаф мекард, то агар чизе боқӣ монда бошад онро биёварад, ва Саҳобие, ки муваззаф шуда буд Сафвон бини Муъаттали Салмӣ буд ва вақте аз дӯр ба маҳал наздик шуд, мутаваҷҷеҳи вуҷуде фарде шуд ва бо "инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун" шутурро дар наздикии эшон хобонд ва бидуни ҳеҷ гуфтугӯе эшонро савори шутур кард ва банди шутурро гирифта ва кофиларо дунбол карданд ва ба кофила расиданд.

Дӯшман аз ҳодиса сӯйистифода кард ва фитна ва ҳодисаи маъруф ба ифкро ба вуҷуд оварданд. Ин туҳмати

беҷо аз тарафи мунофиқин сурат гирифт, ки ба Уммул-муминин бо саҳобии мазкур (валаёзу биллоҳ) нисбати амали бад ва зиноро бастанд. Дар ин имтиҳони Илоҳӣ, ҷомеъаи Исломӣ, мусалмонон ба ҷуз се нафар мусалмон сар баланд берӯн омада ва ҳатто ҳозир ба лаб гушудан дар бораи он набуданд ва мунтазири каломи Худо ва Расулаш монданд, ки нозил шудани бароати ҳазрати Ойша(р) пас аз як моҳ ба тӯл анҷомид, ки даврони бисёр ҳузнангез ва пуризтиробе бар ҷомеъаи Исломӣ сипарӣ шуд.

Баъди сипари шудани беш аз як моҳ, оёти бароат нозил шуд ва покии ҳазрати Ойша(р) дар сураи Тоҳо аз оёти 11 то 26 нозил гардид.

Афроде чун Шиъа, нувосаҳои Абдуллоҳ бин Убай, раиси мунофиқин ба вуҷуд оварандаи ин қазия то ба имрӯз ҳам бо қалби наҷас ва забони нопок он афифаи тоҳираро мавриди тухмат қарор медиҳанд ва номи мадари муминонро барои худ бузургтарин дашном тасаввур мекунанд ва оёти сареҳи Қуръонро инкор карда ва азоби дарднок ва лаънати абадии Илоҳӣро барои худ касб мекунанд. Дар интизори рӯзе, ки ба гувоҳии забон, даст ва поҳои хеш, ботил ва дурӯғ будани худро мушоҳида кунанд ва азоб ва ғазаби Худованди Муттаъол гирифтор шуданд. Дар идомаи оёти мазкур ва тарҷамаи онҳо аст, натиҷагириро ба худи шумо вогузор мекунем.

﴿إِنَّ الَّذِينَ جَاءُوا بِالْإِفْكِ عُصْبَةٌ مِّنكُمْ ۚ لَا تَحْسَبُوهُ شَرًّا لَّكُم ۖ بَلْ هُوَ خَيْرٌ لَّكُمْ ۚ لِكُلِّ امْرِئٍ مِّنْهُم مَّا اكْتَسَبَ مِنَ الْإِثْمِ ۚ وَالَّذِي تَوَلَّىٰ كِبْرَهُ مِنْهُمْ لَهُ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿١١﴾ لَّوْلَا إِذْ سَمِعْتُمُوهُ ظَنَّ الْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بِأَنفُسِهِمْ خَيْرًا وَقَالُوا هَٰذَا إِفْكٌ مُّبِينٌ ﴿١٢﴾ لَّوْلَا جَاءُوا عَلَيْهِ بِأَرْبَعَةِ شُهَدَاءَ ۚ فَإِذْ لَمْ يَأْتُوا بِالشُّهَدَاءِ فَأُولَٰئِكَ عِندَ اللَّهِ هُمُ الْكَاذِبُونَ ﴿١٣﴾ وَلَوْلَا فَضْلُ اللَّهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ لَمَسَّكُمْ فِي مَا أَفَضْتُمْ فِيهِ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿١٤﴾ إِذْ تَلَقَّوْنَهُ بِأَلْسِنَتِكُمْ وَتَقُولُونَ بِأَفْوَاهِكُم مَّا لَيْسَ لَكُم بِهِ عِلْمٌ وَتَحْسَبُونَهُ هَيِّنًا وَهُوَ عِندَ اللَّهِ عَظِيمٌ ﴿١٥﴾ وَلَوْلَا إِذْ سَمِعْتُمُوهُ قُلْتُم مَّا يَكُونُ لَنَا أَن نَّتَكَلَّمَ بِهَٰذَا سُبْحَانَكَ هَٰذَا بُهْتَانٌ عَظِيمٌ ﴿١٦﴾ يَعِظُكُمُ اللَّهُ أَن تَعُودُوا لِمِثْلِهِ أَبَدًا إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٧﴾ وَيُبَيِّنُ

اللَّــهُ لَكُمُ الْآيَاتِ ۚ وَاللَّــهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿١٨﴾ إِنَّ الَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ الْفَاحِشَةُ فِي الَّذِينَ آمَنُوا لَهُــمْ
عَذَابٌ أَلِيمٌ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ ۚ وَاللَّــهُ يَعْلَمُ وَأَنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿١٩﴾ وَلَوْلَا فَضْلُ اللَّــهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُ وَأَنَّ
اللَّــهَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٠﴾يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّبِعُوا خُطُوَاتِ الشَّيْطَانِ ۚ وَمَن يَتَّبِعْ خُطُوَاتِ الشَّيْطَانِ فَإِنَّهُ
يَأْمُرُ بِالْفَحْشَاءِ وَالْمُنكَرِ ۚ وَلَوْلَا فَضْلُ اللَّــهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُ مَا زَكَىٰ مِنكُم مِّنْ أَحَدٍ أَبَدًا وَلَـــٰكِنَّ اللَّــــهَ
يُزَكِّي مَن يَشَاءُ ۗ وَاللَّــهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٢١﴾ وَلَا يَأْتَلِ أُولُو الْفَضْلِ مِنكُمْ وَالسَّعَةِ أَن يُؤْتُوا أُولِــي الْقُرْبَــىٰ
وَالْمَسَاكِينَ وَالْمُهَاجِرِينَ فِي سَبِيلِ اللَّــهِ ۖ وَلْيَعْفُوا وَلْيَصْفَحُوا ۗ أَلَا تُحِبُّونَ أَن يَغْفِرَ اللَّــهُ لَكُمْ ۗ وَاللَّــهُ غَفُورٌ
رَّحِيمٌ ﴿٢٢﴾ إِنَّ الَّذِينَ يَرْمُونَ الْمُحْصَنَاتِ الْغَافِلَاتِ الْمُؤْمِنَاتِ لُعِنُوا فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ
﴿٢٣﴾ يَوْمَ تَشْهَدُ عَلَيْهِمْ أَلْسِنَتُهُمْ وَأَيْدِيهِمْ وَأَرْجُلُهُم بِمَا كَانُوا يَعْمَلُونَ ﴿٢٤﴾ يَوْمَئِذٍ يُوَفِّيهِمُ اللَّــهُ دِينَهُمُ
الْحَقَّ وَيَعْلَمُونَ أَنَّ اللَّــهَ هُوَ الْحَقُّ الْمُبِينُ ﴿٢٥﴾ الْخَبِيثَاتُ لِلْخَبِيثِينَ وَالْخَبِيثُــونَ لِلْخَبِيثَــاتِ ۖ وَالطَّيِّبَــاتُ
لِلطَّيِّبِينَ وَالطَّيِّبُونَ لِلطَّيِّبَاتِ ۚ أُولَـٰئِكَ مُبَرَّءُونَ مِمَّا يَقُولُونَ ۖ لَهُم مَّغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ﴿٢٦﴾[9].

"Мусалламан, касоне, ки он тухмати азимро унвон карданд, гурухе (муташакил ва тавтиагар) аз шумо буданд, аммо гумон накунед ин моҷаро барои шумо бад аст, балки хайри шумо дар он аст, онҳо ҳар кадом саҳми худро аз ин гунохе, ки муртакиб шуданд, доранд, ва аз онон касе, ки бахши муҳими онро бар уҳда дошт, азоби азиме барои ӯст! Чаро ҳангоме ки ин (тухмат)ро шунидед, мардон ва занони боимон нисбат ба худ (касе, ки ҳамчун худи онҳо буд) гумони хайр набурданд, ва нагуфтанд ин дурӯғи бузург ва ошкор аст. Чаро чаҳор шоҳид барои он наёварданд?! Акнун, ки ин гувохро наёварданд, онон дар пешгоҳи Худо дуруғгӯёнанд. Ва агар фазл ва раҳмати Илоҳӣ дар дунё ва охират шомили шумо намешуд, ба хотири ин гуноҳе, ки кардед азоби сахте ба шумо мерасид. Ба хотир биёваред замонеро, ки ин шоэъаро аз забони якдигар мегирифтед, ва бо даҳони худ сухане мегуфтед, ки бо он яқин надоштед ва онро кучак мепиндоштед, дар ҳоле, ки назди Худо бузург аст. Чаро ҳангоме, ки онро шунидед нагуфтед: "мо хақ надорем, ки ба ин суханро

[9] : Сураи Нур 11то 26

бигуем, Худовандо муназзаҳи ту! ин бухтони бузургест", Худованд шуморо панд медиҳад, ки ҳар гиз чунин кореро такрор накунед агар имон дошта бошед ва Худованд оётро барои шумо баён мекунад, ва Худо доно ва ҳаким аст. Касоне, ки дӯст доранд зиштиҳо дар миёни мардӯми боимон паҳн шавад, азоби дардноке барои онон дар дунё ва охират аст, ва Худованд медонад ва шумо намедонед. Ва агар фазл ва раҳмати Илоҳӣ шомили ҳоли шумо набуд ва ин ки Худо меҳрубон ва раҳим аст (муҷозоти сахте домонатонро мегирифт). Эй касоне, ки имон овардаед! Аз гомҳои шайтон пайравӣ накунед! Ҳар кас пайрави шайтон шавад (гумроҳаш месозад, зеро) ӯ ба фаҳшо ва мункар фармон медиҳад ва агар фазл ва раҳмати Илоҳӣ бар шумо набуд, ҳар гиз касе аз шумо пок намешуд, вале Худованд ҳар киро бихоҳад, тазкия мекунад ва Худованд шунаво ва доност. Онҳо, ки аз миёни шумо дорои бартарӣ (молӣ) ва вусъат ҳастанд, набояд савганд ёд кунанд, ки аз инфоқ нисбат ба наздикон ва мустамандон ва муҳоҷирон дар роҳи Худо дареғ намоянд, онҳо бояд афв кунанд ва чашм пушанд, оё дӯст намедоред, ки Худованд шуморо бибахшад?! Ва Худованд омӯрзанда ва меҳрубон аст. Касоне, ки занони покдоман ва бехабар (аз ҳар гуна олудагӣ) ва муминро муттаҳам месозанд, дар дунё ва охират аз раҳмати Илоҳӣ дӯранд ва азоби бузурге барои онҳост. Дар он рӯз забон ва дастҳо ва пойҳояшон бар зидди оноҳо ба аъмоле, ки муртакиб мешуданд, гувоҳӣ медиҳад. Он рӯз Худованд ҷазои воқеъии ононро бе камукост медиҳад, ва медонанд, ки Худованд хаққи ошкор аст. Занон нопок барои мардони нопоканд ва мардони нопок низ ба занони нопок таъаллуқ доранд ва занони пок азони мардони пок ва мардони пок азони занони поканд!

Инҳо аз нисбатҳои норавое, ки (нопокон) ба онон медиҳанд, мубарро ҳастанд ва барои онон омурзиш (Илоҳӣ) ва рӯзии пурарзише аст".

Ва эшон изофа кард: Эй касоне, ки худро Шиъа медонед ва таҳти ин ном ба ҳазрати Ойша(р) ва Ҳумайрои Расули Худо(с) туҳмат ва ифтиро мебандед! Агар дар тӯҳмат ва ифтирои худ содиқ ҳастед, ба ин ду суол ҷавоб диҳед:

1- Оё Паёмбар(с) пок набудааст? Агар буд, пас бояд қабул кунед Ойша(р) ҳам пок ва мубароост. Чун бар асоси санади тарихӣ, ҳамсари Паёмбар(с) будааст ва худи шумо ҳам аз ин воқиф ҳастед ва покии эшон ба покии Расули Худо(с) марбут аст.

2- Агар мегуед (валаёзу биллоҳ) нопок ҳастанд, пас ҷавоби ин ояти Қуръон чист? Шумо бояд ояти Қуръонро инкор кунед, ё покдомани Паёмбарро, ки дар ҳар ду сурат аз имон хориҷ хоҳед шуд, роҳи имон фақат бо имон доштан бар пакии ҳар ду, Паёмбар ва ҳамсари гиромияш, Ойшаи Сиддиқа мебошад. Ҷавоби ду суоли боло ва интихоби роҳ бо шумост.

Баъд яке аз уламо дар Масҷиди Набавӣ дар мавриди фазоил ва мақоми Хулафои сегона суханронӣ намуд ва бо истидлоли қавӣ ва муҳкам мегуфт, ки онҳо беҳтарин ёрони Паёмбар(с) буданд ва Худованди Маннон ба инҳо ваъдаи биҳишт ва ҷаннатро додааст.

Дар ин сафар низ ба хақоиқи зиёде даст пайдо кардам.

## Сафар ба кишвари Сурия ва Сулаймонияи Ироқ.

Сафари Балучистон, то ҳадди зиёде дар ман таъсир гузошта буд, ки ба лиҳози фикрӣ ва ақидатӣ дар шароити

буҳрони рӯҳӣ ва равонӣ он  чунон қарор гирифтам, ки ташнагии мутолиъа ва таҳқиқи ҳар чӣ бештар пиромуни муътақадоти Суннӣ дар ман эҷод шуда буд ба наҳве, ки вазъияти пешомада, махсусан ин боварро дар зеҳнам эҳё карда буд, ки руйкарди эътиқоди асосӣ, яъне пушт кардан ба мазҳаби Шиъа, пайвастан ва ё пайванд хурдан ба мазҳаби Суннӣ, иҷтинобнопазир аст. Лизо тағйири ҷиҳат ва дидгоҳҳои эътиқодӣ, рафтор ва наҳваи бархурд ва асосан он чӣ, ки дар вуҷуди ман бурӯз ва зуҳур дошт, таваҷҷӯҳи атрофиён, ҷомеъа, донишгоҳ, устодон, хонавода ва хусусан Анҷумани Исломии Донишгоҳро нисбат ба ман маътуф дошт.

Доштани шароити хоси рӯҳӣ ва равонӣ он чунон таъсиргузор буд, ки бо таваҷҷӯҳ ба ин ки дар остонаи имтиҳонот қарор доштам ва аз донишҷӯёни мумтоз ва муваффақ дар донишгоҳ будам, аммо машғулаи фикрӣ ва ангезаи дарунӣ дақиқан таваҷҷӯҳи маро ба дунёи дигаре ҷуз донишгоҳ ва малҳузоти донишгоҳӣ маътуф дошта буд, лизо устодон дар донишгоҳ аз тағйири ҳолат ва ё пойн омадани  таҳсилии ман огоҳӣ пайдо карда буданд.

Рафторҳои ғайри одӣ ва ҳамроҳ бо изтиробот ва афсурдагии аз ҳад зиёд дар ман эҳсос менамуданд, лизо бо барқарории иртибот ва мушовара бо хонавода дар садади чораандешӣ баромаданд. Назар ба ин, ки мушкили ман масоили ба ҷуз мулоҳазоти таҳсилӣ ва донишгоҳӣ ва пойн омадани муставои таҳсилӣ, фаротар аз адабиёт ба шарҳи фавқ буд, лизо устодони донишгоҳ ва хонавода натавонистанд чораандешӣ кунанд ва роҳи ҳалли муносибе пешкаш кунанд. Дар чунин вазъияти рӯҳӣ ва равонӣ ҳамроҳ бо афти шадиди таҳсили ва ин, ки дар остонаи имтиҳоноти термӣ қарор доштем, фурсати

дигаре, яъне мусофират ба кишвари Сурия ҳамроҳ бо корвони зоирин ҳосил шуд.

## Сафар ба Сурия:

Қарор шуд бо модарбузурги модарӣ ҷиҳати зиёрати марқади мутаххари ҳазрати "Зайнаб"(р) ба ҳамроҳи корвони зиёратӣ ба кишвари Сурия мусофирате дошта бошем. Намедонам, ки чӣ тавр шуд ва чӣ гуна иттифоқ афтод, ки тасмим гирифта шуд, ки дар мусофират модарбузургамро ҳамроҳӣ кунам. Ин хабари аз ду ҷиҳат барои ман хушҳолкунанда буд:

Аввал: ин ки фурсате пеш омада буд, то аз муҳити донишгоҳ ва донишҷӯи ҳадди ақал барои муддати замони маҳдуд, фароғат ҳосил кунам ва ё ба ибарати дигар, аз шарри дарс ва муҳити донишгоҳӣ роҳат шавад.

Дуввум: ин фурсати хубе низ буд, то дар кишвари Сурия пиромуни усул ва мабонии эътиқоди Аҳли Суннат мутолиъа ва таҳқиқи бештаре дошта бошам.

Дар ин сафар дӯсти арҷмандам, ҷаноби оқои Алиризои Муҳаммадӣ(р) низ моро ҳамроҳӣ мекард.

Баъд аз зуҳри аввалин рӯзи иқомат, ҳодисаи на чандон муҳим, аммо ҷолибе иттифоқ афтод, ба ин тартиб, ки дар як мағозаи лукс фурушӣ, теъдоде аз хонумҳои Ironӣ ҳузур доштанд. Зоҳиран ин тавр ба назар мерасид, ки як нафар ё эҳтимолан соҳиби мағоза ба як хонуми Ironӣ чизе фурухта буд. Ин мавзуъ ҷанбаи мушоҷара ва мунозараи ҳамсари хонумро бо соҳиби мағоза фароҳам намуд. Бо миёнҷигарии мо масъала хотима ёфт. Ин ҳодисаи содда ва бидуни замина сабаб шуд, то бо соҳиби мағоза иртибот барқарор кунем. Албатта ишора ба ин масъаларо низ зарурӣ медонам, ки ман ва оқои

Муҳаммадӣ ба унвони рӯҳонӣ ва дар таркиби ходимини корвон қарор доштем. Ба сурати табиъи ва маъмул бояд барои роҳнамоии зоирин дар ҷаласот ва муносаботи мазҳабӣ ширкат менамудем, лизо зуд рафтан ва дер омадан бо заминаҳои адами ризоияти ходимини корвон ва мушаххасан хашм ва ғазаби модарбузургро, ба дунбол дошт.

Билохира тавассути ҳамон дӯсти ҷадид ва ё ба иборате соҳиби мағоза ба шахси рӯҳонии Суннимазҳаб, ошно шудем. Ба эшон гуфтам, ки қаблан Шиъа будем, ҳоло Суннӣ шудем ва ҷиҳати мутолиъа ва таҳқиқ омадем, аммо шайх Абдулло ба ҳеҷ ваҷҳ напазируфт, ки билохира пас аз як ду мавриди мусоҳаба ва муҷоласат ба эшон то ҳадде, ки ҳозир шудем ба Қуръон қасам ёд кунем, аммо шайх Абдуллоҳ гуфт: Шиъа на ба Қуръон эътиқод дорад, на ман ба шумо эътимод дорам. Ба ҳар шакл ва сурат ва самоҷат, билохира эшонро мутақоъид ва ҳудуди чанд рӯзе, ки дар Сурия иқомат доштем, аз мубоҳасот бо вай ин тавр бардошт кардем, ки634 сароҳати баён ва ақида ва тасаллути вай ба мафоҳими Қуръонӣ ба шакле буд, ки намунаи онро дар сафари Балучистон шоҳид будем.

Шайх Абдуллоҳ асолотан Араб буд, аммо ба Форсӣ тасаллути комил дошт. Ҳамчунин дар мусоҳабат бо вай, эшон изҳор дошт, ки қаблан ду сол дар зиндонҳои Ирон зиндонӣ буд ва иллати зиндон шуданашро ба ҷиҳати мулоҳазоти эътиқодӣ ва бархурд бо рӯҳониёни Шиъа, унвон дошт ва изофа намуд, ки ҳатто як бор низ мавриди суйқасд ва ба қавли худаш, мавриди тирандозии иттилоъотиҳо қарор гирифта аст. Ба ҳар ҳол ҳамнишинӣ ва муҷоласат бо шайх Абдуллоҳ он чунон моро машғул карда буд, ки зарфи муддати як ҳафтаи иқомат, на танҳо

чунон рағбат ба ҳузур дар маҷолис ва муносаботи мазҳаби Шиъа, мисли зиёрати қубур ва ғайра надоштем, балки аз он низ нафрат доштем, хусусан ин ки қарор буд дуои кумайл (дуоҳои мазҳаби шиъа ки дар он иҳонат ба Саҳоба аст) дар ҳарами ҳазрати "Зайнаб" тавассути ман қироъат шавад, аммо ба ҳасби муътақадоти Аҳли Суннат, ки хостан ва тақозои рафъи ҳоҷат, ҷуз аз зоти поки Худованд аз шахсиятҳо ва улгӯҳои динӣ таҳти ҳар шакл ва унвон, нодурӯст ва қариб ба ширк мебошад, лизо аз хондани дуои камил низ имтиноъ намудем.

Сафари чандрӯза дар Сурия, муҷоласат ва мусоҳабат бо "Шайх Абдуллоҳ" он чунон таҳаввули ақидатӣ ва асосӣ дар мо эҷод карда буд ва дидгоҳҳои эътиқодии моро дигаргун сохта буд, ки то он замон ҳеҷ гоҳ ба чунин ҳолоти рӯҳӣ ва равонӣ, мувоҷеҳ нашуда будем.

### Сафар ба Кӯрдистон (Санандаҷ ва Сулаймонияи Ироқ).

Пас аз баргашт аз сафари Сурия, ман ва оқои Муҳаммадӣ ба иттифоқ тасмим гирифтем аз тариқи Курдистон (Санандаҷ) ба Сулаймонияи Ироқ низ сафаре дошта бошем, гар чӣ тақрибан дар мароҳили поёнии терм ва оғози имтиҳонот қарор доштем, аммо эътиное ба дарс ва имтиҳонот ва ғайра намекардем. Лизо ба Санандаҷ ва сипас ба Маривон азимат намудем ва дар Маривон микдори пуле, ки ҷиҳати харҷи сафар ва пешбинӣ ба ҳамроҳ доштем, дуздида ва мо ногузир ба баргашт шудем ва ба Теҳрон баргаштем.

Пас аз тамоми имтиҳонот ва дар замони маҳдуд, дӯбора қасди сафар ба Сулаймонияро кардем. Аз тариқи Санандаҷ ва Маривон ва ба сурати ғайри муҷоз ба

Сулаймонияи Ироқ рафтем. Пас аз вуруд ба Сулаймония ва таваққуфи кутоҳ ба таваҷҷӯҳ ба ин, ки Сулаймония марказ ва пойгоҳи созмони ба истилоҳ "Муҷоҳидини ҳалқ" буд, лизо теъдоде аз аъзоёни созмон аз ҳузури мо дар Сулаймония иттилоъ ёфтанд, ки бо барқарории иртибот бо мо ба қавли онон донишҷӯ ва талабаи фирорӣ будем, хостанд, то ҷазби созмони онон шавем, аммо аз онҷое, ки мо дорои ҳадафи хос ва эътиқод ва хатти ҷудои аз хатти онон будем, аз пазируфтани ҳар гуна пешниҳоди онон имтиноъ варзидем.

Пас аз мудати замони кутоҳе, бо шахсияти рӯҳонии Суннӣ бо номи "Шайх Иброҳим" ва "Шайх Абдулқодир", ки асолатан Эронӣ (Санандаҷӣ) ва муқими Сулаймония буданд, ошно шудем ва дар ибтидо эшон низ ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир набуданд бо мо муҷоласат ва мусоҳабат дошта бошанд, аммо ба исрор ва самоҷати фаровон ва қасам ба Қуръон, билохира вайро мутақоъид намудем, то пиромуни муътақадоти Суннӣ бо мо муҷоласат ва суҳбат дошта бошад, ки пас аз ҳудудан чаҳор рӯз ҳамнишинӣ ва баҳс бо эшон пиромуни усул ва мабонии эътиқоди Суннӣ, дигар ҷойи ҳеҷ гуна шак ва тардиде дар ҷиҳати тағйир ва руйкарди асосӣ ва мушаххасан пушт кардан ба мазҳаби Шиъа ва пайванд хурдан ба мазҳаби Суннӣ барои мо боқӣ намонда буд, лизо пас аз бозгашт ба Теҳрон ва ҳузур дар донишгоҳ, эътиқодоти худро ба сурати аланӣ ва ошкор, матраҳ ва ё ба иборате, расман эълон намудем, ки мо ба мазҳаби Аҳли Суннат гаравидем.

Вақте, ки дар Маривон ба сар мебурдем, як шаб дар рустое хоб будем, ногаҳон Алиризо Муҳаммадӣ(р) ба як ҳолати аҷиб ва хавфнок аз хоб парид ва садое сар дод. Ман низ бедор шудам, пурсидам чӣ шуд? Алиризо бо ҳолате,

ки арақ аз сару руяш мерехт, фарёд зад: Дар имшаб Расули Худоро дар хоб дидам. Ман шигифтзада аз эшон пурсидам: Чӣ хобе дидӣ? Эшон дар ҷавоб гуфтанд: Расули Худоро дидам, ки дар миёни ҷамъе аз ёронаш нишаста буданд, фармуд: азизи манро бигуед биёяд, пас аз муддате нигоҳ кардам, ҷаноби "Мавлоно" ташриф оварданд. Эшон гуфтанд: Дар ҳамин лаҳза аз ҳӯш рафтам, ҳангоме ба ҳӯш омадам ташриф бурданд, вақте ба мо пушт карданд ва дар ҳоли рафтан буданд, дунболи эшон рафтам ва гуфтам: Эй Расули Худо ман аз Уммати шумо ҳастам. Паёмбар аз ман нороҳат шуд ва бо хашм ва ғазаб фармуд: Шиъа аз уммати ман намебошад.

Баъд аз таърифи хоб, ҳамон шаб ба таври сад дар сад ва бо камоли итминон аз мазҳаби худ баргаштем ва ба ҳақиқат пайвастем.

Равиши намозхонии мо, ки ба сурати дастбаста ва ҳамонанди Аҳли Суннат намоз барпо мекардем ва ҳамчунин ҳарфҳо ва ҳолоти мо таваҷҷӯҳи атрофиёнро комилан ба худ ҷалб карда буд, азин рӯ мо бо бархурдҳои Анҷумани Исломии Донишгоҳ ё аксулъамалҳои шадид онон мувоҷеҳ шудем ва аз чеҳра ва симои устодон ва донишгоҳиён дарёфта будем, ки бо нигоҳҳои таҳқиромез ва тамасхуромез ва баъзан ибороте ҳамонанди Суннӣ, Умарӣ, Ваҳҳобӣ, дӯшманон аҳли байт, то ҳадде таҳти фишори рӯҳӣ ва равонӣ қарор доштем, ки васфи онро номумкин медонам.

Ба ҳар ҳол, табиъат ва иқтизои зотӣ ва доштани ақидаҳ ба мо ҳукм мекард, то дар муқобили тамоми фишорҳои ворида сабр ва субот ва истиқомат дошта бошем.

Пас аз изҳори ақидаи хеш бо бақияи донишҷӯёни Аҳли Суннат, ки дар донишкада ҳудуди понздаҳ нафар буданд, шурӯъ ба баргузор кардани намози ҷамоъат намудем. Як рӯз бар тахтаи сиёҳи синф дар донишгоҳ ба хатти дурушти настаълиқ навиштем: "Ташаюъ ойини фиреб ва хурофот" ва дар зери он навиштем: "Ишқ ба суннати Расули Худо(с) зеҳнияти ҳар мусалмонест, ва Аҳли Суннат, яъне амал бар кирдори Расули Худо(с), ки ин ҷиҳатгирии эҳсосӣ ва ҳаракоте азин навъ, фазои муташануҷ дар донишгоҳ эҷод карда буд ба наҳве, ки ҳосил ин гуна бархурдҳои эҳсосӣ ба қавли оқоён шароити ғайри қобили таҳаммулро дар донишгоҳ ба вуҷуд овард. Дар чунин авзоъ ва аҳволе, ки тақрибан бо имтиҳонот поёни терм ҳамроҳ буд, бо Алиризо Муҳаммадӣ тасмим гирифтем ба Машҳад мусофирате дошта бошем.

**Сафар ба Машҳад**.

Пас аз он моҳавли нохушоянд дар донишгоҳ ба сӯйи Машҳад рахти сафар бастем. Дар чунин шароите пас аз вуруд ба Машҳад, як дур рӯз баъд ба маҳали собиқ масҷиди "Шайх Файз Муҳаммад", ки тахриб ва ба фазои сабз мубаддал шуда буд рафтем ва бо як ҷавони Суннӣ аз минтақаи "Хоф", ки бо либоси  маҳалӣ дар тан дошт, мулоқот кардем. Бидуни заминаи қаблӣ ба суҳбат кардан ва баҳс пиромуни тахриби масҷиди "Шайх Файз" ба табдили он ба фазои сабз пардохтем.

Ёдовар мешавам замоне, ки масҷиди "Шайх Файз Муҳаммад" тахриб шуд, ҳарду нафари мо ба унвони талаба дар ҳавзаи илмияи "Навоби Сафавӣ"и Машҳад ҳузур доштем ва бо чашмони худ дидем, ки пас аз тахриби масҷиди "Шайх Файз Муҳаммад", ҷомеъаи Аҳли Суннати

Машҳад, ки дар хиёбони аслии рӯбарӯйи бонки миллии маркизии Машҳад руймолҳои, ки бар дӯш доштанд, паҳн карда ва бо сафбандӣ ва иқомаи намоз, ҳамонанди сугворон амомаҳоро аз сар бардошта ва ашкрезон бар рӯйи чашмҳо мегузоштанд ва ба нола ва зорӣ мепардохтанд ва аксари ҷомеъаи Аҳли Суннати ғаюри сакини Машҳадро мушоҳида кардем, ки ҳама саршикаста ва якто пироҳан ва пажмӯрда буданд. Ҷавони талабае аз сокинони "Тақиобод"и Машҳад мегуфт: Рӯзе пирамандеро бо чеҳраи нуронӣ дидим, ки сараш шикаста ва побараҳна буд, мехостам ба ӯ ғизое бидиҳам, эшон дар ҷавоб гуфтанд: Ибодатгоҳи мо шаҳид шуда аст! ва ман ҳеҷ тамоюле ба ғизо надорам ва дар ҳамин лаҳза дидам, ки ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд, ки қалби ҳар инсони бо виҷдонеро захмолӯд мекард. Зимни баҳс пиромуни тахриби масҷиди мазкур ва таҷдиди хотирот бо якдигар аз шахсият ва ҷойгохи ҳазрати Алӣ(р) ба инки баъзеҳо бо тарҳи масоили ғайри воқеъӣ ва хурофӣ, шахсияти ҳазратро тахриб ва мадхуш менамоянд, баҳс ва гуфтугӯ доштем.

Дар ҳамин ҳол, пирамарде, ки канори фазои сабзи парк ва наздик ба мо нишаста буд  ва амомаи сабзе ба сар дошт ва гӯё, ки Сайид буд, ба тасаввури ин ки мо Суннӣ ҳастем ва дорем ба ҳазрати Алӣ(р) тавҳин мекунем, дафъътан бо санг ва ё хиште ба фарқи оқои Муҳаммадӣ зад ва вайро ба тавре маҷрӯҳ кард, то хун аз сараш ҷорӣ шуд.

Пас аз ду рӯзи сафар, дубора ба Теҳрон баргаштем. Дар ин вақт тақрибан имтиҳонот ба поён расида буд ва бо дараҷоти паст термро пушти сар гузоштем. Ҳудудан панҷ рӯз баъд баъд ба Анҷумани Исломии Донишгоҳ эҳзор ва пиромуни аъмоли хилофӣ аз мо тавзеҳоте хоста шуд, ки

ин иттифоқ аввалин шуъла ва ё оғози даргириҳои мо дар терми даҳум ва муҳити донишгоҳ буд.

### Оғози терми ҷадид ва таҳаввулоти тоза:

Пас аз баргашт аз шаҳри Машҳад, сабти ном ва шурӯъи терми даҳум ва асосан ҳузур дар донишгоҳ, як рӯз аз баладгӯяки донишгоҳ, ман ва оқои Муҳаммадиро ба дафтари Анҷумани Исломии Донишгоҳ садо зад. Дар дафтари Анҷумани Исломӣ аъзои ҳайати илмии донишгоҳ ва имоми ҷамоъати донишгоҳ ва низ масъӯли Анҷумани Исломии Донишгоҳ хитоб ба мо гуфт: рост бигуед, омили аслии инҳирофи ақидаи шумо ва эҷоди ташаннуҷ ва ошӯфтагӣ дар донишгоҳ (манзури эшон, шиъор нависӣ бар тахтаи синф буд), кист ва масъала чӣст? Оқои Ҳусайнӣ пас аз баҳсҳои фаровон гуфт: масъаларо он чунон, ки ҳаст ва иттифоқ афтода баён кунед, то битавонем қабл аз он ки масъала ба ҷойҳои борик бикашад (эҳтимолан манзураш иттилоъот буд), ба истилоҳи худамон, қазияро ҳал кунем.

Масъулин ба сурати ишора ва киноя мегуфтанд: аз Суннӣ шудан ва Суннӣ будани мо нороҳат нестанд ва бештар рӯи ин такя доштанд, ки дар ҳудуди масъулиятҳои Анҷумани Исломӣ бояд аз беназмӣ ва ташаннуҷ дар донишгоҳ ҷалавгирӣ намоянд ва мегуфтанд, ба ҳамин далел масъаларо пайгирӣ менамоянд. Аммо мо комилан мутаваҷҷеҳ ин масъала будем, ки баҳси ноамнии донишгоҳ ба таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳеҷ гуна ноамнӣ ва ташаннуҷ дар донишгоҳ вуҷуд надошта ва мо низ ба ҳеҷ ваҷҳ омили ноамнӣ набуда ва нахоҳем буд. Таъбири мо ин буд, ки масъулини Анҷумани Исломии Донишгоҳ ва дигарон аз Суннӣ шудан ё Суннӣ будани мо бисёр ҳассос

ва нороҳат ҳастанд. Бо ин ҳол дар посух ба суолоти оқои Ҳусайнӣ гуфтем, ки мутолиъа ва таҳқиқ тағйири ҷиҳат ва ақидаҳ, ва ё баибораи дигар Суннӣ шудем, лизо аз баҳси Суннӣ шудани худ, омилро фақат хости Худованди медонем ва на ғайр аз он. Ба ҳар ҳол, таъкиди оқоён то ҳадде буд, ки ба истилоҳ агар воқеъиятро нагуем, контрол аз дасти онон хориҷ ва сару кори мо ба иттилоъот кашида хоҳад шуд, аммо воқеъият ҷуз он ки гуфтем, чизи дигаре набуд. Лизо назарм оқоён тамин нашуд ва ниҳоятан масъули Анҷумани Исломии Донишгоҳ қалам ва коғаз ба оқои Муҳаммадӣ дод ва гуфт: бинависед, ки иштибоҳ кардем ва дубора муртакиби амали хилоф нахоҳем шуд. Оқои Муҳаммадӣ қалам ва коғазро гирифт ва навишт: То ба ҳол иштибоҳе накардем, фақат иштибоҳи мо ин буд, ки ошиқи дини Худо шудем ва мехоҳем, ки муваҳҳид бошем. Навиштаро ба вай дод. Ӯ пас аз мутолаъаи коғаз хашмгинтар аз қабл шуда моро аз дафтари Анҷумани Исломии Донишгоҳ берӯн карданд.

Чанд рӯзе гузашт, ки дар фазои донишгоҳ ва дар ҳоле, ки ба иттифоқи теъдоде аз ҳамсинфон ва донишҷӯён дар ҳавлии донишгоҳ будем, як дастгоҳи автомобили Патрул дар пеши дарвоза истод ва ду нафар омаданд ва бидуни суол ва ҷавоб, ман ва оқои Муҳаммадиро мехостанд савори мошин кунанд. Замоне, ки кашон кашон мехостанд моро ба тарафи мошин бибаранд, донишҷӯёни ҳозир дар ҳавлӣ бо дидани ин саҳна, ки онро таҳқир ва иҳонат ба қишри донишҷӯ медонистанд, ба эътироз пардохтанд, то ҳадде ки ташаннуҷи бештар ва бархурди донишҷӯёнро бо маъмурони иттилоъот, муҳтамал менамуд. Маъмури иттилоъоти бо мушоҳидаи вазъияти пеш омада, аз мавзеъи сарсахтонаи худ сарфи назар карда

ва бо унвони ин масъала, ки маъмур ҳастанд ва маъзур ва ба қавли худашон хостанд муҳтарамона моро бибаранд, ки бо ин тартиб моро савори мошин карданд ва ба идораи иттилоъот burданд.

Ишора ба ин масъала низ зарурӣ медонам, он чӣ ки ба назар мерасид ва шояд муҳимтарин омиле, ки сабаб гардид ба мавзеъгирии сарсахтонаи маъмурини иттилоъот, аксулъамали нишон дода ва то сари ҳад бархурд ва эҷоди ташаннуҷ муқовимат кунанд, қатъан ҳузури донишҷӯи Суннимазҳаб ба номи (Муҳаммад Ризо Мусоӣ), ки аз аҳли Гургон ва доniҷӯи намунаи улуми пизишкӣ ва ҳамтерми мо буд ва ҳатто дар замоне, ки намози ҷамоъатро дар донишгоҳ барпо доштем, эшон яке аз касоне буд, ки дар пушти сари мо намоз барпо мекард ва ба иттиҳоми ҳодисаи ҳамон рӯз ва муддате баъд ва шояд ба фосилаи худуи се рӯз баъд, вай низ дастгир шуд.

Ба ҳар ҳол, ба маҳзи бурдани мо ба иттилоъот, чашмони моро баста ва пас аз мунтақил шудан ба утоқи табдили либос ва пушондани либоси махсуси зиндон ба утоқи хурди як нафарӣ интиқол ёфтем.

Фазои зиндон ё боздоштгоҳ ва ҳар он чӣ ки таъбир мешуд, то ҳадде торик ва хавфнок буд, ки тасаввури онро намекардем. Барои аввалин бор ман ва оқои Муҳаммадӣ чашмбаста ба дафтари раис ва ё ҳар каси дигаре, ки вайро Ҳоҷӣ садо мекарданд, бурда шудем. Ҳоҷӣ бо муқаддимачинӣ ва ба истилоҳ тазаккур дар мавриди аъмоли хилоф ва ё мавориди иттиҳом аз мо хост омили аслӣ ба ислилоҳ гумроҳии худро бозгӯ ва муъаррифӣ намоям.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки дар робита бо Суннӣ шудан омиле ҷуз хости Худовандӣ вуҷуд надошт, воқеъиятро

гуфтем ва изҳор доштем, ки тағйири ақидаи мо сирф бар асоси мутолиъот ва таҳқиқот ва бардоштҳои шахсӣ буда, ки албатта эшон изҳороти моро дурӯғ ва фиреб ва ғайра таъбир карданд ва гуфтанд, ки ман феълан ҳам қозӣ ҳастам ва ҳам Худои шумо "маъозаллоҳ" ва ҳама чизро агар рост бигуед, кумакатон мекунам, дар ғайр ин сурат ҳар чӣ бихоҳем амал мекунем.

Чун шахси мазбур (Ҳоҷӣ) ба муқовимати сарсахтонаи оқои Муҳаммадӣ, ки ба хақ  аз ман шоистатар, шуҷоътар ва боҳашаматтар буд, рӯ ба рӯ шуд ва посуххои Алиризо Ҳоҷӣро сахт хашмгин кард, ниҳоятан Ҳоҷӣ бо задан чапалоқ ба сурати оқои Муҳаммадӣ гуфт: ҳар тавр шуда ҳақиқатро аз гулӯятон берӯн мекашам.

Чун Ҳоҷӣ натавонист аз мо эътироф бигирад ва хусусан бо муқовимати оқои Муҳаммадӣ мувоҷеҳ шуд, ногузир ба равиши дигаре даст зад, яъне насиҳат ва роҳнамоӣ ва ғайра, ки дар чунин ҳоле Ҳоҷӣ хитоб ба оқои Муҳаммадӣ гуфт: медонӣ ин ҷо куҷост? Оқои Муҳаммадӣ дар ҷавоб гуфт: ин ҷо ҷойгоҳи шаётин аст. сипас Ҳоҷӣ гуфт: медонӣ, ки ман ки ҳастам? Муҳаммадӣ посух дод? Шумо ҳар ки бошед, ман шуморо хело дӯст дорам. Ҳоҷӣ хитоб бо Муҳаммадӣ гуфт: чаро маро дӯст медорӣ? Оқои Муҳаммадӣ гуфт: ба хотири ин ки хеле аҳмақи.

Ба ҳар ҳол пас аз пазироии муфассал моро равонаи утоқҳои хурд карданд, азон ба баъд моро ба таври ҷудо ҷиҳати бозҷӯйи мебурданд ва зарфи як ҳафта, ки дар зиндон будем, ҷуз ин ки садои ҳамдигарро мешунидем, ба лиҳози ин ки шАбӯ рӯз дар зиндон набуд ва гӯё ҳамеша шаб буд, ҳамдигарро намедидем.

Даҳ рӯзи зиндон поён ёфт ва намедонам, ки чӣ тавр шуд, то ин ки пас аз даҳ рӯз либоси моро пушонданд ва бо чашми баста моро берӯн бурданд. Вақте мутаваҷҷеҳ шудем дар назди донишгоҳ чашмҳои моро боз ва раҳо карданд, ки ҳамон рӯз бо ҳузур дар донишгоҳ ва дафтари Анҷумани Исломӣ, ки оқои Ваҳиди Хуросонӣ ва падар низ ҳузур дошт, ба маҳзи мушоҳидаи мо, падар низ маро бо задани селе ва катаккорӣ мавриди маломат қарор дод. Оқои Муҳаммадӣ ба падар гуфт: Эшон ба андозаи кофӣ катак хурдааст, лоақал шумо эшонро бештар назанед. Падар бо насазогӯи ва фаҳш ба оқои Муҳаммадӣ изҳор дошт, ба ту рабте надорад. Ба ҳар ҳол пас аз даҳ рӯзи зиндон ва озод шудан, тарҷеҳ додем аз анҷоми ҳар гуна аъмоли эҳсосбарангез ва ҳисоб нашуда, парҳез кунем ва ногузир шудем аз ибрози ақидаҳ дар малаи ом ва ё намози ҷамоъат барпо кардан ва ғайра худдорӣ намоем, ки ба қавл ё таъбири оқоён, оқил ва ё сари ақл омада будем. Албатта таҳлили шахсии мо ин буд, ки омили аслии даргирӣ ва эҷоди мушкилоти мазбур, оқои дуктур Ҳакокиён буд. Эшон узви ҳайати илмии донишгоҳ ва шояд узве аз иттилоъот буд.

## Дидор бо Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ ва Оятуллоҳ Устодӣ:

Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ дар дафтари Анҷумани Исломӣ ба ман гуфт: дар фурсати муносиб ба Қум биёед, то бо якдигар дидор дошта бошем, лизо пас аз чанд моҳе, ки аз оғози терми ёздаҳум сипарӣ шуда буд, ба иттифоқи оқои Ваҳиди Хуросонӣ ба Қум сафар кардем ва бо ҳузур дар ҳавзаи илмияи Қум бо таваҷҷӯҳ ба ин ки бо муҳити ҳавзаи илмия, устодон ва тӯлоб ошноии комил доштам,

аммо эҳсос намудам, ки нигоҳҳое ба наҳве ба мо маътуф шуда, ки эҳсоси бегонагӣ мекардам, лизо тамоюли чандоне ба мондан дар ҳавзаи илмияро надоштам.

Ба манзили оқои Ваҳиди Хуросонӣ рафтам. Оятуллоҳ бо нигоҳои худ ин паёмро дод, ки он робитаи дӯстона ва хоси устод ва шогирдӣ ва маъмули қаблӣро надоштем. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки эшон устоди мо низ буд, иродат ва эҳтироми хосе ба эшон доштем ва шояд ҳамин таъаллуқи хотир буд, ки оқои Ваҳиди Хуросонӣ моро бо замонат аз зиндон озод намуд.

Ба ҳар ҳол боби музокира гушуда шуд. Оқои Ваҳиди Хуросонӣ хитоб ба мо гуфт: Офарин ба шумо, ки аз талабаҳои бисёр барҷаста ва ба истилоҳ амири ҳавзаи илмия будед. Бисёр аз шумо гиламандам, чун эҳсос мекардам амири ҳавза шумо будед, ки тамоми устодон ва барномаҳои ҳавзаи илмияи Қумро нақш бар об кардед. Сипас афзуд: интихоб ва эъзоми шумо дар маъмуриятҳои мухталиф ба манотиқи Суннинишин, асосан ба ин хотир буд, ки шумо ба ҳавзаи илмия ва хусусан мактаби Алавӣ, ифтихор мекардед, аммо мутаассифона на танҳо ин тавр нашуд, балки шумо мояи сарафкандагии ҳавза ва мактаби Алавӣ низ шудед. Сипас афзуд: тасаввури мо бар ин буд, ки ҳузури шумо талабаҳои мумтоз ва барҷаста дар манотиқи Суннинишин комилан таъсиргузор бошад, аммо мутаассифона он чӣ шоҳид ҳастем, на танҳо таъсири мусбат ба ҷой нагузоштед, балки худ низ таҳти таъсири таблиғот теъдоде аз Сунниваҳҳобӣ, ки асосан бо мактаби Алавӣ инод ва адоват доранд, қарор гирифтаед ва ба тамоми муътақадоти Шиъаи худ пушт карда ва мазҳаби худро ба бозӣ гирифтед ва то ҳадде обрӯ ва эътибори ҳавзаи илмия, мазҳаби Шиъа, мактаби Алавӣ ва ҳатто

хонаводаи худро, зери суол бурда ва беэътибор кардед, ки донишҷӯён дар донишгоҳро мутаассир кардаед ва ангезаҳои дарунии ононро аз байн бурдаед, тавре ки донишҷӯён ҷиҳати анҷоми муносибатҳои мазҳабӣ ва барномаҳои мазҳабӣ, ҳузур намеёбанд. Ва ҳамчунин изофа намуд: он қадар мазҳаби Шиъа ва хати фикри Шиъаро сАбӯк пиндоштед ва ба он зарба ворид кардаед, то кунун собиқа надоштааст. Дар поён гуфт: агар мушкили молӣ дошта бошед ва ё сабаби заъф ва ниёзи молӣ ва аз ин ҷиҳат ба мазҳаби Шиъаи худ пушт кардаед ва Суннӣ шудаед, пас ҳар чӣ бихохед, ҳатто то сатҳи панҷ, даҳ милион тумон ба шумо хоҳам дод.

Бо вуҷуде, ки ман ва оқои Алиризо Муҳаммадӣ иродат ва эҳтироми хос нисбат бо оқои Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ доштем ва ба ҳеҷ ваҷҳ намехостем ҳаракат ва ё бархурди номуносибе анҷом диҳем, ки сабаби беадабӣ шавад, аммо зарурати ибрози ақидаҳ ба мо ҳукм кард, то зимни муроъоти эҳтиром ва ҳарими ҳурмати устод ва шогирд ба тавсияҳои ба истилоҳ устодона ва падаронаи оқои Оятуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ қатъ карда ва гуфтам: шумо худатон медонед, ки мо чӣ қадар нисбат бо ҳазрати Алӣ иродат ва эҳтиром қоил ҳастем, аммо ин ҷо баҳси ақидаҳ аст ва мо ба ҷиҳати мутолаъа ва таҳқиқ ва бовариҳои динӣ иттисол ёфта ва Суннӣ шудем, лизо пул ва масоили дунявӣ барои мо ҳатто як риёл арзиш надорад ва бо ин сурат тавҷеҳ ва таъкид кардем, роҳеро ки интихоб кардем бидуни бозгашт хоҳад буд. Сипас гуфтам: Албатта ӯзр мехоҳем, ки дар ҳузури устоди худам ин мавзӯъро матраҳ мекунам. Инҷо баҳси ақидаҳ аст ва хитоб ба оқои Ваҳиди Хуросонӣ гуфтам: Шумо баҳс аз панҷ милион доред, аммо бо ҳозирем бист милион тумон ба шумо

диҳем ва шумо Суннӣ шавед, ки билохира эҳсос кардем идомаи баҳс аз ин навъ танҳо мушкили мо ва оқои Ваҳиди Хуросониро ҳал нахоҳад кард, балки тасаввур кардем, ки заминаи эҷоди кудурати бештарро ба ҳамроҳ хоҳад дошт, лизо тарҷеҳ додем бо хатми ҷаласа аз эшон худоҳофизӣ кунем, ки дар ҳамин асно эшон гуфтан: Оқои Оятуллоҳи Устодӣ ба ман гуфта буд, дар сурати ҳузури шумо назди ман низ дидор дошта бошанд, ки бар асоси ин тавсия ба хидмати Оятуллоҳ Устодӣ ва Оятуллоҳи Макорими Шерозӣ расидем.

Оятуллоҳи Устодӣ, риёсати ҳавзаи илмияи Қумро низ ба уҳда дошт, ки бо ҳузур дар манзилаш ва ҷаласаи як соата, эшон низ айнан ҳамон матолибе, ки Оятлуллоҳ Ваҳиди Хуросонӣ гуфта буданд, такрор кард. Сипас бо худоҳофизӣ аз эшон ба Теҳрон баргаштем. Ба ҳар ҳол дар вақти худоҳофизӣ бо ҳар ду шахсияти Рӯҳонии мазкур, эҳсосот ва умқи норизоятӣ ва таассуфи ононро нисбат ба гумроҳ шудани мо комилан дарк намудем.

## Сафар ба Кошон ва суханронӣ дар масҷид он:

Бо иттифоқи оқои Муҳаммадӣ бо мошини шахсии худамон ба Кошон сафар намудем. Албатта ҳадаф аз мусофирати Кошонро қаблан дар зеҳни худ барномарезӣ карда будем ба наҳве, ки қарор гузоштем бо ҳузур дар Кошон ва барқарории иртибот бо фарзанд Оятуллоҳи Маданӣ, ки мудирияти ҳавзаи илмияро ба ӯҳда дошт, барномаи суханронӣ дошта бошем. Гар чӣ аз осор ва натиҷаи мусофират ва суханронӣ дар Кошон огаҳӣ доштем ва медонистем суханронӣ дар чунин макони хос, пардохти баҳои сангине барои мо ба ҳамроҳ дошт ва ё ба таъбири дигар, иҷрои чунин барномае мисдоқи комили

худкушӣ ва даргириҳои баъдӣ ва ғайра хоҳад буд, аммо тамоми мушкилотро пазируфтем ва ё ба иборати дигар, эътироф дорем ба ин ки ангезаҳои дарунӣ ва эътиқодӣ сабаб шуда буд, бидуни таваҷҷӯҳ ба осор ва авоқиби хатарсози чунин барномае, ба истилоҳ риск карда ва тамоми осори тахрибии ин сафарро пазируфтем. Ба ин асос қасди сафар карда будем.

Пас аз вурӯд ба Кошон оқои Маданӣ фарзанди Оятуллоҳи Маданӣро дар манзилаш дидем. Бо таваҷҷӯҳ ба ошноии қаблӣ, ки бо эшон доштем, барномаи сафари хешро ба иттилоъи эшон расондем. Аз ӯ хостем, то тартиби баргузории ҷаласаи суханронӣро бидиҳанд. Оқои Маданӣ, ки эҳтимолан аз таҳаввулоти эътиқоди (Суннӣ шудани мо) бе хабар буд, ва аз мушкилот ва гирифториҳои эҷод шуда дар донишгоҳ иттилоъе надошт, лизо пазируфт ва дар муносибати хос ва дар яке аз масоҷиди Кошон барномаи суханронӣро тартиб дод, ки бо ин шакл тавонистем дар масҷиди Кошон суханронии доғе дошта бошем.

Албатта ишора ба ин нуқтаро низ зарӯрӣ медонам, ки оқои Муҳаммадӣ ба лиҳози доштани лакнат дар забон, маъмулан барномаи суханронӣро ба ӯҳдаи ман мегузошт, лизо дар ибтидои баҳс ва суханронӣ саъй кардам куллибофӣ ва ё куллигӯйиро муроъот ва дар шарҳ ва баёни ақидаҳ, таҳлил ва назароти эътиқодии худро тавре матраҳ созам, ки эҳсосбарангез набошад. Аммо ин тавр нашуд ва ба истилоҳ, то ҷое пеш рафтам, ки хатти фикрии Шиъаро низ зери суол бурдам, ва ба хатти сурх расида будам.

Чун баҳси шахсият ва ҷойгоҳи ҳазрати Умар(р) дар байни Хулафо ва Саҳобаи Паёмбар(с) ва ҳамчунин ин

нуқтаро изофа кардам, ки Ислом овардани Алӣ(р) ончунон, ки мегуянд ва менависанд, боиси фахр ва мубоҳот нест, зеро Алӣ(р) кудаке беш набуда ва дар хонаи Паёмбар(с) парвариш ёфта ва афкор ва ахлоқ ва ақидаи Расули Худо(с) дар ӯ низ таъсиргӯзор буд. Пас Ислом овардани Умар(р) муҳим буд, ки эшон яке аз бузургони қабоил буда ва мавзуъи "Абӯлӯлӯ"и малъун низ ба миён кашида шуд. Ҳозирин дар ҷаласа шояд то он замон ҳеҷ гоҳ бо чунин суханронӣ ва аз забони ҳеҷ Рӯҳонии Шиъа нашунида буданд ва ба истилоҳ гунгу гаранг ва дар таъаҷҷуб шуда буданд, ки чӣ шуда, ки як Рӯҳонии Шиъа аз шахсияти ҳазрати Умар(р) ва ба қавли онҳо, дӯшмани Аҳли Байт ин тавр ва бо эҳтиром ёд мекунад.

Ба ҳар ҳол вазъиятро ба ҳадде номуносиб дидам, ки тарҷеҳ додам ба суханронӣ хотима диҳам. Пас аз хатми ҷаласаи суханронӣ ба ҳар шакле, ки шуд аз масҷид хориҷ шуда ва ба Теҳрон баргаштем.

Муддате баъд аз баргаштамон ба Теҳрон, ин суханронӣ бозтоби номуносибе дар фазои донишгоҳ ба ҷо гузошт ва тақрибан ин тавр матраҳ мешуд, ки тедоди Суннивахҳобӣ бо либоси Рӯҳонии Шиъа дар масҷиди Кошон суханронӣ карданд.

Албатта он чӣ, ки ба назар мерасид, ин хабар бозтобе аз суханронии рӯзи ҷумъаи баъдии имом ҷумъаи Кошон буд, ки бо интиқод аз амалкарди нерӯи иттилоъоти дар мавриди иҷоза додани суханронӣ ба ду нафар Суннивахҳобӣ дар масҷиди Кошон, ки ба қавли эшон аз дӯшманони мазҳаби Шиъа таъриф ва ё тамҷид намуда буданд, зери суол бурд.

Пас аз ором шудани овозаи хабари суханронӣ дар Кошон ва ором шудани фазои донишгоҳ, мутаваҷҷеҳ

шудем, ки донишҷӯи зиндонӣ (Муҳаммадаризои Мусавӣ), пас аз дастгири тавассути мамурини иттилоъот ва шиканҷаҳои рӯҳӣ ва равонӣ ва хусусан сузанҳои барқӣ, мағзи ӯ дучори ихтилоли равонӣ шуда ва дар осоишгоҳи равонии Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад, лизо ман ва оқои Муҳаммадӣ ба осоишгоҳ ҷиҳати мулоқот бо эшон рафтем.

Оқои (Муҳаммадаризои Мусавӣ), ки комилан дучори ихтилолоти равонӣ шуда буд, моро намешинохт ва пас аз вуруди мо то ҳудуди ним соат бо хандаҳои давомдор ба мо нигоҳ мекард, ки бо мушоҳидаи ҳолати равонӣ ин донишҷӯ, нороҳатӣ ва изтироби шадиде ба мо даст дод, зеро эшон аз мутафаккирин ва мағзҳои донишгоҳ ба шумор мерафтанд. Ба ҳар ҳол баъдан мутаваҷҷеҳ шудем, ки эшон ба ҳамин ҳолат шаҳид шудаанд. "Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷмъун". Ин иттифоқ дар авосити терми дувоздаҳуми донишгоҳ рух дод.

### Ихроҷ аз донишгоҳ, шиканҷа ва зиндон:

Дар ибтидои терми сездаҳум қарор доштем. Пас аз овозаҳои зиёде дар мавриди воқеъаи суханронии Кошон ва ба дунболи он шаҳодати (Муҳаммадаризои Мусавӣ), саъй мекардем, то аз анҷоми ҳар гуна ҳарақат ва амали ғайри маъмулӣ, махсусан аъомолм ғайри мутаъориф ва барпо намудани намози ҷамоъат дар донишгоҳ, ки заминаҳои адами ризоияти донишгоҳ, ба вижа Анҷумани Исломӣро ба дунбол дошт, парҳез намоем. Аммо воқеъаи шаҳодати (Муҳаммадаризои Мусавӣ) боис шуд, то ба муносибати гиромидошти хотираи ва ёди ин донишҷӯи шаҳид, маҷлиси бузургдоште баргузор намоем.

Пас аз баргузории маҷлис ва иқомаи намози ҷамоъат, ки ҳудуди ҳаштод ё навад нафар донишҷӯи

Шиъа ҳузур доштанд, зимни ироъаи суханронӣ, масъала ва баҳси ду нафар Суннивахҳобӣ ва суханронии онон дар масҷиди Кошонро матраҳ карда, бо ин тартиб ифшо кардам, ки он ду нафар Суннивахҳобӣ ман ва оқои Муҳаммадӣ будем.

Рӯзе баъд, дафтари Анҷумани Исломии Донишгоҳ ман ва оқои Муҳаммадиро эҳзор карданд. Боз оқои дуктур Ҳакокиён онҷо ҳузур дошт. Ба мо тазаккур дода шуда ва ё ба қавли худашон итмоми ҳуҷҷат гардид, агар дар оянда дар муҳити донишгоҳ чунин ҷаласа ва гирдиҳамоӣ сурат гирад, бо мо шадидан бархурд хоҳанд кард.

Муддате баъд ба муносибати хосе қарор шуд, иҷтимоъе дар донишгоҳ ташкил шавад. Яке аз Рӯҳониён, ки масъулияти барномарезӣ ва иҷрои ҷаласаро ба ӯҳда дошт, пас аз муқаддимачинӣ ва таъриф ва тамҷидҳои зиёде, покетеро ки гӯё ҳомили панҷоҳ ҳазор тумон пул буд, ба ман дод ва сипас афзуданд: Дар ифтитиҳияи ҷаласа, оёте аз Қуръони Каримро тиловат кунед, аммо дар поёни тиловат (садақаллоҳулалиюлъазим) бигуед. Эҳсос кардам, ки эшон мавриди хосеро дар назар дорад, гӯё мутталеъ шуда бошад, ки ман Суннӣ шудаам ва эҳтимолан ин талаққиро дошт, ки Суннӣҳо аз талаффузи ном "Алӣ" ҳатто дар қироат низ хӯш надоранд.

Аҷиб тарзи тафаккури аҳмақона ва аблаҳонае буд. Кадом мусалмони Аҳли Суннат аст, ки аз зикри номи "Алӣ" хушаш наояд? Ба ҳар ҳол чун хостам, ки фақат эшонро асабонӣ карда озор диҳам гуфтам: На! Ман ба ҳеҷ ваҷҳ "садақаллоҳул-алиюл-ъазим" намегуям, балки "садақаллоҳул-ъазим" мегуям. Ва ба ин сурат бугу бугу байни ман ва оқои Ризоӣ ба ҳадде расид, ки бо гузоштани покете, ки пул дошт дар дасташ, гуфтам: Ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир

ба қироат нестам. Аммо чӯн барномаи ифтитоҳия наздик ва эҳтимолан шахси дигаре ҳузур надошт, бо исрор ва самоҷати устодони донишгоҳ, хусусан оқои "Ҳидоят" ба қироати Қуръон пардохтам ва бо "садақаллоҳул-ъазим" таловатро хотима додам.

Пас аз ин иттифоқ, субҳи рӯзи дуввум ё саввум буд, ки ба дафтари донишгоҳ эҳзор ва бо фосилаи фақат ним соат, ҳукми ихроҷи манро пас аз ҳафт соли таҳсил дар донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ, содир намуданд, ва ба ҳамин тартиб амалан аз донишгоҳ ихроҷ шудам.

Гар чӣ оқои Муҳаммадӣ баъд аз фаҳмидани моҷаро, ки бештар аз ман нороҳат ба назар мерасид, хост бо шахсе, ки ҳукми ихроҷи манро дода буд, мушоҷара кунад, аммо он бандаи Худо худаш гуфт, ки фақат масъулияти иблоғи ҳукми ихроҷро дорад ва бас ва тасмимгирӣ дар хусусӣ ихроҷ аз донишгоҳ бар асоси тасмимоти комисиюн ва ё ҳайати илмии донишгоҳ ва ғайра сурат гирифтааст.

Пас аз ихроҷ аз донишгоҳ, телефонӣ падарро хабар кардам, аммо падар зимни ин, ки сахт асабонӣ ба назар мерасид гуфт: муборак бошад, ҳоло роҳат шудӣ? Бирав гове курбонӣ кун. Ба ҳар ҳол нороҳат ва музтариб ба хона омадам ва бо сарзаниш ва маломатҳои волидайн, падарбузургҳо ва модарбузургҳо ва дигарон мувоҷеҳ шудам. Албатта падар ва модар талоши зиёде ба амал оварданд, то заминаҳои баргашти маро ба донишгоҳ фароҳам созанд ва ҳатто масъулини донишгоҳ пазируфтанд ва шарт гузоштанд ба ин ки тавба кунам, аммо шартҳои оқоён ба гунае буд, ки барои ман ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул ва пазириш набуд.

Ҳатто яке аз рӯҳониён, ки дар Анҷумани Исломии Донишгоҳ ҳузур дошт, як рӯз бо ҳам бархурд кардем.

Эшон ба ман гуфт, ки дар хоб дидам шумо тавба кардед ва ба донишгоҳ баргаштем. Ма дар ҷавоби эшон гуфтам: Хайр аст, хоби парешон ва ғайри қобили таъбир аст.

## Сафар ба сӯйи Балучистон:

Пас аз ихроҷ аз донишгоҳ ва сарзаниш ва маломат шудан тавассути волидайн ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки шароити ғайри қобили таҳаммуле бароям эҷод шуда буд, бо оқои Муҳаммадӣ тасмим гирифтем сафари муҷаддаде ба Балучистон дошта бошем.

Дар Булучистон бо теъдоде аз шахсиятҳои Рӯҳонӣ иртибот бар қарор карда ва дар мавриди вазъияти хеш тавзеҳ додем ва гуфтем: қаблан Шиъа будем ва ҳоло Суннӣ шудем ва тақозо нумудем, то дар ҳавзаҳои илмӣ (мадориси динӣ) ба таҳсил машғул бошем, аммо оқоён, ки умдатан эътимод ба мо надоштанд ва тасаввур мекарданд, ки иттилоъотӣ ва ҷиҳати хабар омадем, бо баҳонаи мударрисин ва донишҷӯён ба лаҳҷаҳои маҳалӣ тадрис ва таҳсил менамоянд, маҳдудиятҳои маконӣ ва тағзия доранд, имкони кофӣ надоранд ва ғайра, аз пазируфтани мо худорӣ намуданд. Аммо таҳлили шахсии мо ин буд, ки оқоён асосан эътимод ва ё эътиборе ба қавли ва қарорҳои Шиъа қоил нестанд, ки бо ин тартиб муҷаддадан ба Теҳрон бозгаштем.

## Бозгашт ба Теҳрон:

Пас аз бозгашт аз мусофирати чандрӯзаи Балучистон ва ҳузур дар хонавода, падарам ки сахт нороҳат ва асабӣ шуда буд, бидуни таваҷҷӯҳ ба отифаҳои падарӣ ва мулоҳазоти шахсиятӣ ва ҷойгоҳи иҷтимоъии худ, ки як

пизишк буд, ба хушунат мутавасил шуда ва бо шапалоқ ва мушту лағад бо кабели барқ, ба ҷони ман афтод ва ҳар чӣ қадар, ки тавонист маро калтаккорӣ кард. Аз хушунати падар ва дидани ин саҳна, модар шадидан нороҳат шуда буд, ба қасди миёнҷигарӣ пеш омад, аммо падар то ҳадде асабӣ ва хашин шуда буд, ки модарро низ калтак зад.

Дар он рӯз ва шояд рӯзи баъд, чандин бор аз ҳӯш рафтам, ки бо рехтани об ба сару суратам ба ҳӯш омадам. Дар охирин марҳалаи катаккорӣ ва замоне, ки падар хост аз манзил берӯн шавад, даст ва пойи маро баста ва ба гунае, ки қассобҳо лошаи гусфандро овезон мекунанд, маро овезон намуд, ки пас аз хуруҷи падар, модар вазъияти пеш омадаро телефонӣ ба иттилоъи оқои Муҳаммадӣ расонид ва аз ӯ хост, то маро берӯн бибарад. Замоне, ки оқои Муҳаммадӣ расид, ҷоне надоштам ва ӯ ҳамонанди ҷанозае маро ба дӯш гирифт ва аз манзил берӯн бурд, ки билохира аз он иттифоқ чанд рӯзе нагузашта буд, ки ҳодисаи дастгирии ман ва оқои Муҳаммадӣ пеш омад.

## **Дастгирии муҷаддад**:

Дар манзили оқои Муҳаммадӣ нишаста будем, дуруст ёдам ҳаст, ки духтарбачаи чаҳорсолаи эшон, ки дар олами кудаконаи худ ғарк ва дар ҳоли бозӣ ба як зарфи бузург ва пӯр аз об буд, ногаҳон дарвозаи манзил ба садо даромад, пас аз боз шудани дарби манзил теъдоди иттилоъотӣ ворид манзил шуданд. Билофосила ман ва оқои Муҳаммадиро дастбанд зада, дар ҳоли кашон кашон ба берӯн мебурданд, давида ва бо ду дасти кучаки худ дастбандҳои падарро гирифт ва он қадар фишор медод ва талош мекард, ки дастибандро пора ва боз кунад, аммо

муваффақ нашуд. Муҷаддадан шалвори падарро муҳкам гирифт ва он чунон чеғ ва дод кашид, ки дидани он лаҳазоти отифӣ, қалби ҳар инсони боъотифаеро ба дард меорад.

Ба ҳар ҳол чорае набуд дар ҳоле, ки дасти оқои Муҳаммадӣ дастбанд зада шуда буд, дастҳои худро даври гардани духтараш андохт ва пешони ва фарқи сари ӯро бусид ва худоҳофизӣ кард. Дидани он саҳна ва талоши кудак ва худоҳофизии падар, дил ҳар назорагареро оташ мезад.

Пас аз дастгирии ман ва оқои Муҳаммадӣ, ба қисми иттилоъотии кишвар интиқол дода шудем. Албатта намедонем куҷо буд. Дар иттилоъот бархурди номуносиб ва шиканҷа ва озори бадани дар кор набуд. Авқоти мо бештар сарфи мусоҳаба ва муколама, бозҷуйи, такрори мукаррарот ва аз ин навъ буд. Албатта аз мо асосан пиромуни масоиле аз ин, ки чӣ гуна ва чӣ тавр шуд, ки гумроҳ шудед, омил чист ва кист ва умдатан пурсиш ва посух дар ин заминаҳо буд. Тасаввур мекунам, ки ҳудудан даҳ ё дувоздаҳ рӯз ба тӯл анҷомид. Албатта аз ҳамон авоили дастгирӣ ва тавқиф дар иттилоъоти кишвар ба вуҷуде, ки ҳамеша ҷуз дар мавориде ки дар утоқи худ будем, дар ҳолати чашмбаста ба сар мебурдем. Оқои Муҳаммадӣ гуфт: Амаки ман яъне, (Фаршед)ро ҳини бозҷӯйи аз мо дидааст, ки ҳузур дошта аст. Ин эҳтимол вуҷуд дошт, ки амакам яке аз масъӯлини муҳими иттилоъотӣ буда бошад.

## Интиқол ба шиканҷагоҳи ваҳшатноки иттилоъот:

Пас аз ҳудуди даҳ рӯзи бозҷӯйи, моро ба қисми дигаре, ки шиканҷагоҳи ваҳшатнок ва бузӯрге буд, интиқол доданд. Дар ҳоле, ки чашмони моро баста буданд, фарде бо садои зишт ва дурӯшт ба он маъмур ва ё маъумуроне, ки моро гӯсел ва интиқол дода буданд гуфт: Инҳо ҳамон ёрони Умар ва дӯшманони Алӣ ҳастанд.

Ба ҳар ҳол пас аз таҳвили мо ва рафтани маъмурон, муҷаддадан ҳамон мард бо садои дурӯшт ва зишт хитоб ба мо гуфт: Оё медонед ин ҷо куҷост? Сипас афзуд: Инҷо ҷоест, ки хурморо меоваранд ва инсон мекунанд.

Тариқи сухани ин шахс, ки вайро Ҳоҷӣ садо мекарданд, дили моро такон дод. Сипас моро дар ду утоқи ҷудо аз ҳам ва утоқи якнафарӣ қарор доданд. Фосилаи мо ба ҳадде буд, ба заҳмат садои ҳамдигарро мешунидем. Албатта вазъияти маҳали нигаҳбонӣ ба ҳадде номуносиб буд, ки буйи пусидагӣ медод. Ба ҳар ҳол пас аз муддате, ки намедонам чӣ қадар гузашт, моро барои ҳисоб ва китоб бо сурати инфиродӣ бурданд. Аввал оқои Муҳаммадиро бурданд. Намедонам бо ӯ чӣ кор карданд, аммо замоне, ки навбати ман расид ва ба қавли онон эътироф нанамудам, аввал насиҳат ва сипас бо селе ва лағат аз ман ҳисобӣ пазироӣ карданд. Албатта воқеъан манзури шиканҷагаронро аз эътироф намедонистам, чун ҳар чӣ карда ва ё гуфта будем, ҳамаро дар ҳамон марҳалаи таҳқиқот ва дар иттилоъоти кишвар гуфта будем ва ё дар воқеъ чизе барои гуфтан надоштем, аммо ба қавли оқои Муҳаммадӣ шаётин чӣ навъ эътирофоте ва ё масоиле матраҳ менамуданд, ки рӯҳи мо азон хабар надошт?

Воқеъан эътироф ба сурати розе даромада буд ва ин ки ба чӣ чизе ва чӣ гуна эътирофе дошта бошем, то назари шиканҷагаронро таъмин намояд, аммо нашуд.

Як ду рӯз баъд, ду бора ҷиҳати ҳисоб ва китоб ва ё гирифтани эътироф, эҳзор шудем. Ин бор низ бо задани шаллоқ ва сими кабел ба кафи пойҳо, то ҳадде ки имкони роҳ рафтан набуд, моро шиканҷа доданд, аммо натавонистанд аз мо эътироф бигиранд.

Марҳалаи саввум ва дар рӯзи баъд ба дохили утоқи бузурге, ки эҳсос мекардам дар табақаи поён аст, моро бурданд. Абзор ва олоти пешрафтаи шиканҷа ва озори бадани ба сурати автомотикӣ гузошта шуда буд. албатта ин, ки бо мо чӣ карданд ва чӣ дидем ва чӣ шуд, Худо медонад ва ҳамин бас, ки тарсими тасвири он чӣ ки шуд, дар зеҳнам ба ҳеҷ сурат намегунҷад. Фақат аз Худованди субҳон мехостам, ки ҳеҷ инсонеро ба ин маҳал накашонад ва истиғфор менамудам.

Чанд рӯзе нагузашт, сипас марҳалаи чаҳоруми ҳисоб ва китоб шурӯъ шуд. Шиканҷа ва озор шояд аз бадтарин навъи худ буд, яъне бо ворид кардани сузанҳои баркӣ ба мағз барои аввалин бор бо ин равиши шиканҷа мувоҷеҳ шуда будем. Эҳсос мекардам ба муҷарради ворид намудани сузан аз ҳар ду тараф ва дохили гушҳоям хун берӯн мерезад, ки албатта дар ин равиш фақат муддати замони кутоҳе муқовимат ва дар ҳар марҳалаи сузан беҳӯш афтода ва то замоне аслан намефаҳмидам, ки бар сари мо чӣ омада аст. Ба ҳар ҳол ин равиш чандин бор такрор шуд.

Сипас равиши дигар, ки шакли дигаре буд, ба кор гирифтанд, ки бо бастани ҳар ду пой ба оҳане боло кашида мешудем ва пас аз муддате сарропойин қарор дода мешудем, то он чӣ ки дар шикам ва меъда буд берӯн резад, ва баъзан хун аз даҳанамон берӯн ва ҷорӣ мешуд. Дар охирин бор, ки ҷиҳати ҳисобу китоб ва бо шиканҷа

бурда шудем, ибтидо оқои Муҳаммадиро бурданд. Намедонам ба вай чӣ кор карданд, аммо замоне, ки навбат ба ман расид, ҷойгоҳи Алиризоро ончунон ғарқи хун дидам, ки ба назар мерасид шаҳидаш кардаанд. Комилан аз он миз ва ё тахт ва ё ҳар чӣ ки гуфта мешуд, хунҳои тоза мечакид. Пас аз бурдани ман дар ҷойгоҳ ва пойи мизи муҳокама, эҳсос мекардам, ки охирин лаҳазоти ҳаёти ман аст ва марги ман қатъӣ аст. Албатта чӣ шуд ва чӣ кор карданд, нафаҳмидам, аммо он чӣ ки баъдан ва дар утоқ ва ё салули худ мутаваҷҷеҳ шудем ин буд, ки тамоми бадан эҳсоси дард мекард ва комилан дучори заъф шуда будам, гӯё ҷанозае беш набудам. Пас аз ин шиканҷа, ки эҳтимолан охирин марҳилаи шиканҷаҳо буд, то муддати замони ҳудудан се рӯз аз аъмоли шиканҷа худдорӣ намуданд. Албатта ба тавре, ки баъдан мутаваҷҷеҳ шудем, чун қарор буд ба қариби ба додгоҳ бурда шавем. Шояд иллати таваққуфи шиканҷа ба ҳамин манзур буда бошад.

Пас аз ҳудуди се ё чаҳор рӯз, ки тақрибан тавони сари пой истодан доштем, ба додгоҳи вижаи рӯҳоният бурда шадем. Пас аз вуруд ба додгоҳ дар ҳоле, ки падар ва модар низ ҳузур доштанд, ба маҳзи дидани падар кушиш кардам эшонро набинам, лизо худро пушти сар маъмуре, ки моро оварда буд, пинҳон кардам, аммо падар маро дид тамоюли бархурд ва ассалому алайк ба ҳеҷ яке аз ошноён ва наздикон, ҳатто падар ва модарро надоштам ва ё ин ки наметавонистам ва ё шояд иҷоза надоштам, ки вазъияти худро барои онон шарҳ диҳам. Лизо оромии комилро ихтиёр намудам. Пас аз ҳузур дар дафтари оқои Салимӣ, ки қозии додгоҳ буд, чаҳор мавриди иттиҳом эълон шуд ба ин тартиб:

1- Муртад шудан

2- Муҳорабат бо Худо

3- Фасодкунанда дар замин

4- Робита бо Амрико ва Исроил.

Ба ҳар ҳол ин, ки чӣ тавр ва чӣ гуна аз худ дифоъ кардем ва чӣ гуфтем, намедонам. Аммо фақат медонам аз Худо кумак хостам. Оқои Салимӣ қозии додгоҳ, ҳукми боздошти муваққат ва интиқол ба зиндони (Увин)ро содир намуд. Пас аз судури ҳукм бо вуҷуде, ки ҳукми додгоҳ содир шуда буд, муҷаддадан бо ҳамон маъмурин ба шиканҷагоҳи қаблӣ мунтақил шудем. Гӯё оқоёни шиканҷагарон ҳанӯз ҳам мутақоъид нашуда ва ё ба қавли дигар, аз шиканҷа додани мо сер нашуда буданд. Марҳалаи дигаре аз сузани барқи мағзӣ анҷом ва сипас ба зиндони (Увин) интиқол ёфтем.

**Мунтақил шудан ба зиндони Увин**:

Пас аз интиқол ба зиндони Увин, гӯё дар дунёи дигаре қадам ниҳода будем, ба ин маъно ки аз ҷаҳаннам ба биҳишт омадаем. Чун ҳадди ақал аз он шиканҷаҳо ва озорҳои бадании шаётини шиканҷагар, роҳат шудем. Аз лиҳози баданӣ, то ҳадде заъиф ва лоғар ва осеб дида будем, ки тақвият ва тармими осебдидагиҳо муддати замоне бо тӯл анҷомид. Дар зиндони Увин афроди мутафовите аз ҳар қишр ва гуруҳ вуҷуд доштанд, аммо ҳавсалаи муъошарат ва гуфтугӯ бо касе надоштем. Пас аз муддати замоне, падар ва модар ба мулоқотам омаданд. Гар чӣ тамоюли чандоне ба мулоқот надоштам, аммо ба ҳар ҳол бо мулоқоти волидайн дар зимни суҳбатҳои эшон мутаваҷҷеҳ шудам, ки падар микдоре муътадил ба назар мерасид. Гар чӣ ҳеҷ гуна эътино ва таваҷҷӯҳе ба мулоқот ё баҳсҳои падар надоштам. Чанде баъд падари оқои

Муҳаммадӣ низ ба мулоқоти ман омад. Зимни муқаддимачинӣ изҳор дошт, агар шуморо бо додгоҳ эҳзор намуданд, шахсан ҳама чизро бо ӯҳда бигиред, то заминаи озод шудани Алиризо фароҳам шавад. Албатта ба қавли худаш, қавли мардона дод, ки пас аз озодии Муҳаммадӣ, заминаи озодии манро низ фароҳам кунад. Гар чӣ эътимоде ба қавл ва қарорҳои мардонаи он надоштам, аммо қаблан дӯст доштам, то оқои Муҳаммадӣ ҳар чӣ зудтар озод шавад ба ду далел:

Аввал, ин ки хотираи рӯзи дастгирии ман ва оқои Муҳаммадӣ ва он ҳолоти отифии духтарбачаи чаҳорсолаи оқои Муҳаммадӣ, ки кушиш мекард падарашро озод кунад, дар зеҳнам муҷассам ва зоҳир шуд.

Сонияи: Эҳсос мекардам, ки падари оқои Муҳаммадӣ ҳанӯз ҳам ба фарзандаш алоқаманд аст, лизо ба падараш қавл додам, ки вақти ҳузур дар додгоҳ тамоми масъӯлиятро шахсан ба ӯҳда хоҳам гирифт ва эълон хоҳам кард, ки оқои Муҳаммадиро ман фиреб додам. (Тавзиҳан ин ки оқои Муҳаммадӣ аз қавл ва қарорҳои ман ва падараш комилан бе хабар буд).

Ба ҳар ҳол, пас аз ҳузур дар марҳалаи дуввум дар додгоҳ, масъулияти тамоми қазияҳоро ба уҳдаи худ гирифтам, ки бар асоси ҳукми додгоҳ оқои Муҳаммадӣ ҳудудан пас аз се моҳи зандонӣ бо қарори васиқа озод шуд.

Тақрибан дар панҷумин ва шашумин моҳи зиндонӣ дар (Увин), осори сурзанҳои барқии мағзӣ таъсироти худро нишон дод, ба наҳве, ки дар зиндон чандин бор дучори ихтилолоти мағзӣ шуда беҳӯш мешудам. Ҳолоти равонии мазбур, то ҳадде хатарсоз ба назар мерасид, ки зиндониёни (Увин) ихтилолоти мавҷуд ва хатарҳои ношӣ

аз онро бо додгоҳ иттилоъ доданд. Пас аз ҳузури марҳалаи саввум дар додгоҳ ва дар ҳоле, ки теъдоде аз дӯстон ва ошноёни қаблӣ, ки дар ҷамъи онон оқои дуктур "Ҳакокиён"и малъӯн низ ҳузур дошт, ки албатта баъдан мутаваҷҷеҳ шудам, ки сабаби ҳузури онон адои шаҳодат бар зидди ман буда, пас аз судури қарори васиқа ба мизони панҷ милион тумон аз зиндон озод шудам. Ба ҳар ҳол, авориз он шиканҷа ва ихтилолоти мағзӣ то ҳанӯз ҳам дар мағз ва аъсобам бурӯз мекунанд ва зуҳур доранд.

## Сафар ба Машҳад ҳамроҳи падар ва модар:

Соли 1377 пас аз судури қарори васиқа ва озодӣ аз зиндон ва ба ҷиҳати бурӯзи аворизи мағзии ношӣ аз сузанҳои барқӣ, вазъияти рӯҳӣ ва ҷисмии муносиб надоштам ва падар низ, ки тақрибан муътадилтар шуда буд, таҳти дармони мустакили падар қарор гирифтам, ба наҳве, ки беҳбудии нисбӣ ҳосил гардид. Дар ин мақтаъи замонии хос падар тасмим дошт, то тартиби эъзоми манро ҷиҳати пайгирӣ ва дунболи идомаи таҳсил ва гирифтани мадорики пизишкӣ ба хориҷ аз кишвар бидиҳад, аммо мушкили умдае, ки вуҷуд дошт ва ё садди роҳи тасмимгирии падар буд, ҳамон мавриди хос, яъне тағйири ҷиҳат ва ақидаҳ буд, ба наҳве ки роҳеро, ки интихоб карда будам, бедуни бозгашт медидам. Ба ҳар ҳол волидайн диданд, ки ба Машҳад мусофират кунем ва ба зиёрати имом Ризо(а) биравем ва аз ҳазрат бихоҳанд, то тағйироти рӯҳӣ ва ақидатӣ дар ман ба вуҷуд оварад. Албатта барномаи мусофират ба Машҳад ва барномарезии хос ва ба шарҳи фавқ ба наҳве буд, ки ман аз моҳияти сафар ба Машҳад бехабар бимонам. Лизо таҳти унвони мусофират ба Машҳад ва рафъи ҳастагиҳои

рӯҳӣ ва равонӣ пас аз ин, ки муқаддимоти сафар фароҳам шуд, ба Машҳад сафар кардем.

Пас аз ҳузур дар Машҳад, рӯзе ба манзури зиёрати марқади имом Ризо, дар марқад ҳузур ёфтем. Модарам ҳалқаи занҷире дошт, ки хост онро ба гарданам биандозанд ва пас ба панҷараи фулодӣ бибандад, ки бо ин тартиб аз тасмими модарам мутаваҷҷеҳ шудам, ки мехоҳанд бо бастани занҷир бар гарданам, тақозои шафоъат намоянд, ки бо дидани ин саҳна ва тасмими модар бе ниҳоят мутассир шудам ва гуфтам, ки модар! магар ман саг ҳастам, ки бо андохтани занҷир ба гарданам маро ба ин панҷара мебандед.

Билохира ҳар чанд гуфтам, ки модар! Шумо дуктур ва равшанфикр ҳастед, ин ақидаи дурусте нест, аммо модар гуфт, ки бачаҷон! Саги имом Ризо будан ифтихор аст. Бар ҳар тартибе, ки шуд муқовимат кардам, аммо чун эҳсосот ва авотифи модарӣ тавре бар ман ғолиб шуда буд, муқоваматро беҳуда медидам, бо нороҳати гуфтам: Эй имом Ризо! Агар ту муъҷиза мекунӣ, пас ҳозир ҷонамро бигир, то аз шарри модар роҳат шавам. Модарам бо дидани ин саҳна тағйири мавзеъ дод. Ба ҳар ҳол баъд аз он аз модар ҷудо шудам ва нафаҳмдам, ки чӣ кор карданд ва чӣ гуна зиёрат карданд. Ман дар гушае қарор гирифтам ва бо қироъти чанд аз оёте аз Қуръони Карим аз холиқи имом Ризо тақозо кардам, то моро ҳидоят кунад, ба ин тартиб зиёрат дар Машҳад поён ва ба Теҳрон баргаштем.

Пас аз баргашт ба Теҳрон ва ин ки тақрибан вазъияти рӯҳии муносибтар доштам ва дар канори хонавода эҳсоси оромиши беҳтаре менамудам, муҷаддадан ҳузури дуктур "Ҳакокиён", яъне он устураи хабосат ва разолат дар фазои хонаводаамон соя андохта вай дар колаби ҷуброни

иштибоҳоти гузашта ва эҷоди иртибот бо хонавода ва ман бо ибрози муҳаббат кардан ба ман ва руйи хуш нишон додан, як қабза силоҳи тапонча ба ман дод, то дар фурсати муносиб ҷавози тапончаро бароям биёварад, аммо баъдан мутаваҷҷеҳ шудам гӯё ин дуктур бе виҷдон дар назар дошт бо додани тапонча ба ман, маро муртакиби ҷиноят кунад ва ё аҳёнан агар бо тапонча дастгир шудам, ҳадди ақал ба ҷурми ман чизе изофа шуда бошад.

Тавзиҳан ин, ки бародари азизам шаҳид Алиризои Муҳаммадӣ замоне, ки мавриди исобати гулӯла қарор гирифт ва вайро ба бемористон интиқол медодам, дар он ҳолат ба ман гуфт, ки калат тавассути дуктур ба ман ва аз манзури вай мутталеъ шуда ва дар фурсати муносиб калатро, ки дохили дашбурди (бардачок) мошин буда бардошта ва дар маҳали амне махфӣ карда, пас аз сафари Машҳад ва баргашт ба Теҳрон ва муддате баъд, ки тақрибан аз бекорӣ ва хонанишини хаста шуда будам, бо ҳамроҳии Алиризо тасмим гирифтем ба минтақаи Курдистон мусофирате дошта бошем.

Пас аз ҳузур дар Курдистон, дар чаҳор ҷойи мухталиф бо либоси рӯҳонии Шиъа ба ироди суханронӣ пардохтем, ғофил аз ин ки иттилоъот дар тамоми мааворид моро таҳти назар дошта ва суханрониҳои мо тавассути омилони иттилоъот сабт мешуд. Пас аз иҷрои барномаи суханрониҳои мазбур ва ин ки эҳсос кардем, ки гӯё иттилоъот ташхис дода ва моро ғудаи саратонӣ медонист, дар чанд маврид дар садади дастгирии мо баромаданд. Чун вазъиятро номуносиб ва ноамн дидем, ба Теҳрон баргаштем.

Дар Теҳрон низ гӯё, ки барномарезиҳои иттилоъот комил шуда ва дастгоҳҳои иттилоъотӣ дар чанд маврид

таҳти назар қарор додан дар таъқиби мо дар садади дастгирии ва ё терори мо буданд. Мо низ масъаларо дарёфта будем, ки дастгирӣ ва терори мо қатъӣ шудааст. Лизо аз ҳузур дар манзил парҳез ва баъзан дар манозили ошноён ва атрофиён, иқомат менамудем.

## Шаҳодати Алиризо Муҳаммадӣ:

Пас аз баргашт аз Курдистон, як рӯз баъд аз зуҳр ва дар ҳоле, ки бо мошини шахсӣ бо ҳамроҳии Алиризо Муҳаммадӣ қасди сафар ба Караҷро доштем. Дар атрофи майдони Валии Асри Теҳрон эҳсос менамудем, ки мошин иттилоъот моро таъқиб мекунад. Пас аз давр задан ва рад гум кардан аз маёдини шаҳри Техрон, аз тариқи роҳҳои ҳошияи дигар ба ҷодаи Караҷ роҳ ёфтем. Аз он ҷое, ки дастгоҳҳои иттилоъотӣ ҳамоҳанг карда буданд, дар ҳини ҳарақат дар ҷодаи Карач мутаваҷҷеҳ шудем, ки бо қарор додани як дастгоҳи автомобил, ҷода масдуд шудааст, лизо билофосила ба самти Теҳрон бо суръати зиёде ҳарақат намудем. Пас аз пайнамудани масофаи кутоҳе як дастгоҳи автомобили патрул, ки ба мо наздик шуда буд, ба сӯй мо тирандозӣ карданд, дар натиҷа Алиризо Муҳаммадӣ мавриди исобати гулула аз тарафи пушт ва кафаси сина қарор гирифт. Мошинро ба ҳошия ва бағали ҷодда кашидам. Иттилоъотиҳо, ки фикр мекарданд гулулаҳо ба мо исобат кардааст, бо ҳамон суръат ба самти Теҳрон ба ҳаракати худ идома доданд.

Алиризо сахт маҷрӯҳ шуда ва дучори хунрезии шадид буд ва ӯро ба бемористони Лабофинаҷод интиқол додам, ки ҳудудан соати сеи баъд аз зуҳр буд, ки ба итоқи амали ҷарроҳӣ интиқол шуд. Аммо иқдомоти пизишкӣ муассир воқеъ нашуд ва ҳудудан соати дувоздаҳи шаб,

Алиризои Муҳаммадӣ ба дараҷаи баланди шаҳодат ноил шуд. "Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун".

Пас аз шаҳодати бародар Муҳаммадӣ бо таваҷҷӯҳ ба шароити хосе, ки доштам, имкони ҳузур дар маросими ташеъи ҷаноза ва тадфин наёфтам (албатта ташеъи ҷанозаи чандони сурат нагирифт), то ин ки як ду рӯз баъд ба таври махфиёна ба манзили падари шаҳид Муҳаммадӣ рафтам. Нигоҳҳо, бархурдҳо ва хосатан изҳороти падари шаҳид Муҳаммадӣ ба гунае буд, ки маро омили кушта шудани Алиризо медонист, аммо шахсан ақидаи дигаре доштам ва ин ки мӯътақид будам ба ин, ки машият ва хости Худовандӣ ва ё тақдир чунин буд, ки оқои Муҳаммадӣ шаҳид шуд.

Пас аз шаҳодати ӯ ба унвони як бародар ва ё дӯст ва ё ҳамфикр дар ин дунё ёр ва ғамхори дигаре надоштам.

## **Шаҳодати Арасту Родмеҳр**:

Пас аз шаҳодати Алиризо Муҳаммадӣ ва ин, ки шадидан таҳти таъқиби дастгоҳи иттилоъотӣ будам, маъмулан ба сурати махфӣ дар манозили атрофиён ва ошноён ба сар мебурдам ва аз ҳузур дар манзил ва хонавода худдорӣ мекардам. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки волидайн то ҳадде асабӣ ва хашин шуда буданд, ки шояд мехостанд, то ҳар чӣ зудтар тавассути иттилоъот тастгир ё ба қавле аз шарри ман роҳат шаванд ва ин ки иттилоъот низ шадидан ба дунболи дастгирӣ ва ё терори ман буд, дар чунин шароит ва мақтаъи замонии хос танҳо касе, ки тақрибан ёварӣ ман буд, бародарам (Арасту) буд. Албатта бо вуҷуди ин, ки эшон аз лиҳози фикрӣ ва ақидатӣ бо ман ҳамақидаҳ набуд, аммо ба хотири авотифи фитрӣ ва

бародарона ба қавли маъруф, мувозиби ман буд, то ин ки як рӯз инчунин иттифоқ афтод:

Ҷиҳати гирифтани китобе таҳти унвони "насли сӯхта" пиромуни ақидаи ҷавонони насли баъд аз инқилоб, ҷамъоварӣ карда будам, ки микдори аз онро дар зиндон ва бахши дигареро низ дар замони пинҳон ва фирорӣ будан, навишта будам, ба муассисаи интишороти "сурӯш" мурочиъа намудам, то агар маҷмӯъаи мазбур чоп ва омода аст, онро бигирам.

Гӯё эшон (Арасту Родмеҳр) мутаваҷҷеҳ шуда буд, ки таҳти назари иттилоъотиҳо ва ё дар дом афтодаам. Эшон, ки аз ҳузури ман дар интишороти сервиси бо хабар буд, бо ҳамроҳии оқои дуктур (Ҳидоят), ки албатта ва эҳтимолан тасодуфи ҳамроҳи эшон буд, ба муассиса омаданд ва ба таври саросема гуфт: иттилоъотиҳо дунболи ту ҳастанд ва билофосила савори мошин шуда ва ҳаракат кардем. Иттилоъотиҳо, ки моро дида буданд, моро таъқиб мекарданд ва дар ҳоле, ки ба самти ҷодаи Қум дар ҳаракат будем, пас аз паймудани масофаи зиёде билохира мошини иттилоъот, ки эҳтимолан ду кобин ва бесимдор буд, ба мо наздик шуда ва ба сӯйи мо тирандозӣ кард. Дар ин ҳодиса бародарам аз нохияи сар ва гардан мавриди исобати гулула қарор гирифт. Бо нигоҳ ба бародарам, ки шадидан хунрезӣ дошт, мутаваҷҷеҳ шудам, ки эшон пас аз исобати гулӯла дар ҷой шаҳид шуданд, "Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун".

Ба ин тартиб, пас аз шаҳодати бародарам бо ҳамон мошин ба дарби манзил рафтам ва аз тариқи занги хона, падарро дар ҷараёни ҳодисаи шаҳодати Арасту қарор додам ва сипас ба хотири тарс аз падар, аз он ҷо рафта ба

наҳве, ки ҳатто имкони ҳузур дар маросими ташеъи ҷаноза ва тадфин бароям мумкин нашуд.

Пас аз шаҳодати бародарам Арасту ва ин ки дар ин дунё ҳатто як нафар ба унвони ёр ва ёвар дар Теҳронро надоштам, дар чунин шароите тасмим гирифтам аз тариқи марзи Туркия ба хориҷ аз кишвар биравам, аммо бо асбобе сафари марбуз таҳқиқ наёфт, ки ногузир шудам ба Кирмоншоҳ биравам. Пас аз чанд моҳе муҷаддадан дар Кирмоншоҳ дастгир ва ба зиндон афтодам, ки албатта шарҳи ҳоли оворагӣ ва дастгирӣ ва зиндон дар Кирмоншоҳ, достони тӯлоние дорад, ки аз ҳавсала ва маҷол ва баҳс дар ин маҷмӯъа фаротар ва ё шояд зарурате барои шарҳ ва баёни он намебинам. Тавзеҳан ин ки воқеъаи шаҳодати бародарам се рӯз қабл аз замони баргузории маросими ақдаш иттифоқ афтод, чун қарор буд рӯзи бистунуҳум маросими ақд бошад, аммо бародарам дар бистушашум шаҳид шуд.

## Дастгирӣ дар Кирмошоҳ ва зиндонии муҷаддад:

Пас аз воқеъаи шаҳодати бародарам Арастӯ он чунон Теҳронро танг ва маҳдуд медидам, ки дар хонавода низ ҷой надоштам, лизо пас аз муддате ба Кирмоншоҳ сафар кардам, ки аз он тариқ ба Курдистон сафар дошта бошам. Албатта ин ки дар Кирмоншоҳ чӣ тавр ва чӣ гуна ва чӣ кардам, баҳси ҷудогона аст, ки ниёз ба баён ва шарҳ надорад. Лизо фақат мухтасаран ишора мекунам ба ин, ки вазъият бисёр сахт ва шароит то ҳадде ногувор буд, ки Худо медонаду бас. Ба ҳар ҳол ҳудуди чанд моҳе гузашт ва дар манзили хонаводае будам, ки аз шанси бади ман байни шавҳар ва ҳамсари хонавода ихтилоф ва носохгорӣ вуҷуд дошт. Рӯзе ҳамсари хонавода, ки шавҳараш даъвояш

шуда буд, ба иттилоъот занг зада ва иттилоъ дода буд, ки шавҳараш ба як нафари фирорӣ паноҳ дода ва гуфта буд, ки ин фирори ҳамакнун дар хона аст. Маъмурини иттилоъот ба манзил рехтанд ва маро дастгир карданд ва ба ин тартиб фасли дигаре аз гирифторӣ ва шиканҷа ва озори бадан ва зиндон оғоз гардид.

Муддате дар иттилоъот ва зиндони "Дизалобод"и Кирмоншоҳ нигаҳдорӣ шудам, сипас бо ҳавопаймо ба Теҳрон мунтақилам карданд. Ба ҳамон ҷойгоҳи аввалия, яъне иттилоъоти кишвар ва он шиканҷагоҳи лаънати интиқол ёфтам. Пас аз интиқол ба шиканҷагоҳ ин бор низ шадидтар, хашинтар ва бадтар аз давраи қабл таҳти шиканҷа ва озори баданӣ қарор гирифтам, ки шояд гуфтан ё шунидани он муйи бадани ҳар инсонро рост мекунад. Муддати ҳудуди се моҳ таҳти шиканҷа қарор доштам, сипас ба додгоҳи вижаи рӯҳоният муъаррифӣ шудам, ки ба муҷиби ҳукми додгоҳ муҷаддадан ба зиндони "Увин" интиқол ёфтам ва сипас ба зиндони қасри Теҳрон, аммо бо иллати суханронӣ дар зиндон ба зиндони марказии "Арок" табъид шудам ва дар охир боз маро ба зиндони "Увин" бурданд.

Пас аз ин ки муддате гузашт, он дуктури малъӯн, яъне Ҳакокиён ин бор таҳти унвони дидори мулоқот бо ман, ба зиндон омад, сипас бо барқарории иртибот бо хонавода, фазое дар зиндагӣ ва хонавода соя андохт. Ин бор дуктури малъун нақшаи ҷудоии ман аз ҳамсарамро барномарезӣ карда буд, ба ин наҳве, ки мулоқот ва дидор бо ман мегуфт, ки ҳамсарат аз додгоҳ тақозои талоқ карда ва мутақобилан ба ҳамсарам мегуфт, ки чун умеде ба зиндагӣ ва бозгашт надорам, лизо метавонад аз додгоҳ тақозои талоқ намояд, ки ба ин тартиб ва мубодилаи паём

ва иртибототи мутақобил ва ду ҷониба билохира заминаҳои ҷудойи ман ва ҳамсарамро фароҳам ва бидуни ин ки иттилоъте дошта бошам ва ё ба лиҳози қонӯнӣ нусхаҳои сонӣ додхости талоқ бо сурати мутаъориф ва қонӯнӣ дар зиндон иблоғ шавад, додгоҳ ҳукми талоқро содир намуда буд.

Дар зиндон бо теъдоде аз шахсиятҳои равшанфикри зиндонӣ ҳам банд шуда будем. Дар ин мақтаъ гӯё барои ман вакил гирифта буданд. Албатта намедонам чӣ тавр ва чӣ гуна ва пас аз чанд мавриди эҳзор ба додгоҳ ва дифоъ тавассути вакил аз ман, гӯё маҳкум ба эъдом шуда будам.

Ҳукми эъдом аз ҷониби вакил ба хонавода иблоғ шуда буд, аммо ман то он замон аз натиҷаи расидагӣ ва ё судури ҳукми эъдом беиттилоъ будам, то он ки рӯзе ба додгоҳ эҳзор шудам ва ба ҳамроҳи теъдоде аз маъмурин ҳиросати зиндониён маро ба дохили дафтари қозӣ бурда буданд, ки дар фазои додгоҳ байни як нафар Рӯҳонӣ ва як нафари дигар мушоҷара ва мунозаъа сурат гирифта, маъмурини бадарқаи ман, ки бо задани дастбанд ба дасти ман ва ба ҳам часпида будем, бо боз кардани дастбанд ҷиҳати мудохила ва ё ҳифзи назм аз ман ҷудо шуд ва ё ба самти ҷамъияти издиҳомкунанда рафт, ба ин тартиб ман фурсатро муносиб дидам, лизо бо истифода аз мавқеъияти вижаи ин издиҳом, муваффақ ба фирор шудам, ки шояд ин худ хости Худовандӣ буд.

Бо ин тартиб, пас аз ҳудуди нуҳ моҳ дастгирӣ ва шиканҷа ва зиндон, муваффақ ба фирор шудам. Дар иртиботи баъдӣ бо хонавода мутталеъ шуда будам, ки ҳукми талоқ содир шуда, назди ҳамсар рафтам, аммо эшон гуфт: Ба хотири ризои Худо дар зиндагии ороми вай дахолат накунам, лизо бо вуҷуди доштани фарзанд ва он

шароити хос, сирфан ба хотири ин ки ҳамсарам битавонад зиндагии роҳате дошта бошад, барои ҳамеша дафтари зиндагии муштараки худ ва ҳамсарамро бастам.

Пас аз фирор аз зиндон аз соли 1378 то ба ҳол зинда ҳастам, албатта иртибот бо хонавода ба кулли катъ шуда ва чунон чӣ дар мавориди иртиботи телефонӣ бо волидайнам барқарор намоям, хусусан падарам ба ҳеҷ ваҷҳ тамоюл ба суҳбат кардан бо манро надорад, ки ба ин тартиб, танҳои танҳо дар ин дунёи фонӣ мондаам.

## **Оворагӣ ва дарбадарӣ ва терор дар Покистон**:

Пас аз раҳойи аз зиндон ба наҳве, ки дар бахши қаблӣ ба он ишора шуд ва ин ки дигар на ҷое доштам ва на маконе ва бо вуҷуди шароити бисёр сахт, ин бор низ тарҷеҳ додам ба Балучистони Ирон ва ё Балучистони Покистон сафар кунам, ки ба ҳар ҳол тайи сафаре ба Покистон рафтам. Ин ки ба чӣ сурат ва чӣ гуна бо Покистон расидам, худ ҳикоят ва баҳси тӯлонӣ дорад.

Фақат инро метавонам бигуям, ки расидан ба Покистон шароити бисёр сахтеро пушти сар гузоштем.

Пас аз вуруд бо Покистон ва надоштани ошно аз як тараф ва адами ошнои бо забони Урдӯ ва ҳамчунин шароити хукумати Толибон ва баҳси Толибони Афгонистон ва ҷанги Амрико ва шабакаи Ал-Қоъида, ки фазои номуносибе дар Покистон эҷод карда буд, бар мушкилотам афзуда шуд ва боис гардид, то дар ҳар мадрасаи динӣ, ки мехостам сабти ном кунам, аз пазириши ман худдорӣ намоянд ва ҳатто дар мавориде аз роҳ додани ман дар масоҷид, ки қасди истироҳат доштам, ҷалавгирӣ ва мамонеъат мекарданд, хусусан надонистани

забони Урдӯ ва Балӯчӣ, шароити сахт ва ногӯвореро бар ман таҳмил карда буд.

Ба ин тартиб ва баъзан гоҳо иттифоқ меафтод дар тӯли шабонарӯз ҳатто як луқма нон намехурдам, ва шабҳо дар тӯли тарадудҳои марзӣ, албатта марзи Ирон ва Покистон дар ҷангалҳо ва биёбонҳо танҳо ва бо ҳайвоноти ваҳшӣ, амсоли рубоҳ, шағол ва гург, ҳамнишин ва ҳамқарин будам.

Ба ҳангоми тараддудҳои марзӣ дар манотиқи марзии Балучистони Ирон, ин эҳсосро доштам, ки иттилоъот ҳамчунон дунболи ман бошад ва шояд хатари иттилоъотиҳо аз гургҳо ва ҳайвонот низ бештар буд. Муддати бисёр тӯлониро ба ин тартиб сипарӣ кардам, то ин ки аз Покистон бо яке аз дӯстони қадимии худ дар Теҳрон тамоси телефонӣ барқарор ва вазъияти худро барои вай бозгӯ ва нишони комили худро дар Покистон ба эшон додам. Он дӯсти қадимӣ, ки Худо падарашро биёмурзад, хуб ва дӯстона амал кард.

Гӯё вай пас аз иртиботи телефонӣ ба ҷиҳати ин, ки таҳти фишори иттилоъот ва ё аз тариқи иттилоъот таҳрик шуда буд, ва ё ба иборати дигар иттилоъот ба вай қавл дода буд, ки дар сурати додани нишон ва дастгирии ман, соҳиби инъоми хубе хоҳад шуд. Билофосила нишон ва адресро дар ихтиёри онон мегузорад, ки гуруҳи иттилоъотӣ ҷиҳати дастгирӣ ва терори ман ба Покистон эъзом мешаванд. Ғофил аз ҳама чиз, як шаб дар масҷид машғули вузу будам ҷавоне, ки шакл ва шамоили Афғонӣ дошт, дар масҷид омад ва бо салом алайки мухтасар гуфт: шумо Иронӣ ҳастед? гуфтам: бале ва худро муъаррифӣ намудам.

Пас аз аҳволпурсӣ ва ин ки аз вазъияти ҷисмонии худ, гила ва шикоят доштам, хусусан ин ки дорӯҳоямро низ тамом карда будам, баҳси дорӯро ба миён овардам. Ин шахс гуфт: Ҷоеро медонад, ки имкони таҳияи дорӯ вуҷуд дорад. Лизо ҷиҳати таҳияи дорӯ бо эшон аз масҷид хориҷ шудем. Як дастгоҳи таксӣ дар пеши масҷид истода ва ду се нафар дохили он нишаста буданд. Ман ба хотири торикӣ натавонистам онҳоро ташхис диҳам. Мо низ дар ҳамон таксӣ савор шудем ва тайи масофаи маҳдуде садои як нафар таваҷҷӯҳи маро ба худ ҷалб кард, ки гуфт: Оқои Родмеҳр аз Теҳрон омадаем, то туро бибарем, мисли бачаи одам ҳамроҳи мо биё!.

Бо шунидани ин садо, ки садои "Фаршеди Родмеҳр", яъне амаки ман буд. мутаваҷҷеҳ шудам, ки дар дом афтодам, лизо дар дохили мошин даргири байни ман ва онҳо пеш омад, то битавонам аз мошин берӯн шавам, аммо амакам Фаршед, ки мегуфт: падарат гуфтааст, агар наомад ҷанозаашро биёваред, шурӯъ кард ба корд задан ба бадани ва дар ниҳоят пошидани кистлота бар баданам аз ноҳияи даст ва гардан (шоҳраг) ва чанд нуқтаи дигари бадан, маҷрӯҳ шудам. Ба ҳар ҳол ба муқовимат идома дода ва бо задан ба гардани ронанда, мошин ба самти дигаре мунҳариф шуда истод. Дар ҳоле, ки аз мошин берӯн шудам, бо онҳо даргир будам ва муқовамат мекардам, теъдоде аз мардум ҷамъ шуданд издиҳоми кучаке эҷод шуд, дар ҳоле, ки ба забони Покистони тасаллут надоштам, хитоб ба ҷамъияти ҳозир гуфтам, ки Суннӣ ҳастам ва инҳо Шиъа ва мехоҳанд маро бикушанд. Ҷамъияти ҳозир ба дахолат ва ҳимояти аз ман, оқоёнро фирорӣ додан, ки ба ин тартиб муваффақ ба терор ва бурдан нашуданд.

Пас аз фирори оқоён, шахсе маро ба маркази дармони интиқол ва бо духтани чароҳат, таҳти назари пизишк қарор гирифтам ва пас аз беҳбудӣ, мураххас шудам.

Баъд аз ин иттифоқ ва терори нофарҷом, дучори ризаҳои мағзӣ шудам, ба наҳве ки бо такрор дучори ин ихтилолоти мағзӣ ва беҳӯш мешудам ва шиддати авориз ба ҳадде буд, ки маро ногузир сохт ба марокизи дармонӣ ҷиҳати илоҷ муроҷаъа намоям, ки албатта ба сабаби мушкили молӣ муъолаҷа нашудам.

Чандин маврид ба марокизи дармонӣ муроҷаъа кардам, ки охирин натиҷаи озмоиш ва таҳқиқоти пизишкӣ бар ин аст, ки "тумури мағзӣ" дар ман фаъол шудааст, ки ҳатто як маротиба низ дармони кимиёӣ шудам. Албатта шарҳ ва баёни ҳолоти рӯҳӣ, равонӣ ва даврони оворагӣ ва дарбадарӣ дар Балучистони Покистон ва Ирон худ ҳикоят ва достони бузурге аст, ки ин шаммае аз он ба сурати хулоса ва ишора буд.

## Ҳарфи охар:

Хонандаи гиромӣ!

Ҳамон тавре ки ишора шуд, ба хотири вобаста набудани нависанда ба шахсиятҳо, гуруҳҳо ва аҳзоби сиёсӣ дар тақдими иттифоқот, назарот, таҳлилҳои шахсӣ мулоҳазот ва ҷиҳатгириҳои сиёсӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ мавриди лаҳоз қарор нагирифта ва ё ба иборате ин китоб, сиёсӣ нест ва аз тарафе ба ҷиҳати маҳдуд будани сатҳи огоҳии нависанда дар боби илми фиқҳ, ё адами дастрасӣ ба муаллафаҳои илмии фиқҳӣ, кушиш шудааст аз ҳар гуна ибрози ақидаҳ ва назари илмӣ, ки эҳтимолан суолбарангез ва ё сӯйи тафоҳумеро ба дунбол дошта

бошад, парҳез шавад ва ин масъала низ мавриди таваҷҷӯҳи хос қарор гирифта, ки дар ҳамаи холатҳо ҷониби эҳтиёт ва асли амонатдорӣ дар баён ва шарҳи матолиб ва пешкаши назарот ва таҳлилҳо, муроъот гардад, ки бо ин биниш ва тарзи тафаккури асосӣ, хулосаи иттифоқот ва назарот ва таҳлилҳои худро дар се қисмат ба тартиби зер, ҷамъбандӣ менамоям:

1. Аз таваллуд то синни сездаҳ солагӣ:

Ҳамон тавре, ки дар бахшҳои қаблӣ ишора шуд, банда аз хонаводаи Шаъа ҳастам ва падар ва модар ҳар ду пизишт ҳастанд. Падарам ҷарроҳ ва мутахассиси мағзи аъсоб ва модарам чарроҳ ва мутахассиси қалб ва уруқ мебошад ва ҳар ду низ, устоди донишгоҳ ҳастанд.

То ҷое, ки ёд дорам, ба хотири ҳозир набудани падарам дар хонавода ва рафтан ба хориҷ аз кишвар ба муддати замон тӯлонӣ, аз ҳамон кудакӣ таҳти таълим ва тарбияти модарам будам ва хонаводаи модарам хонаводаи мутаъассиби Шиъа ҳастанд, ки истилоҳан аз Содоти Хусайн мебошанд.

Дар арса ва майдони улуми ҳавзавӣ то расидин ба рутбаи "Ҳуҷҷатул-ислом" шудан саладор шудан ва дар ҳавзаи илмияи "Файзия"и Қум ва ба таври ҳамзамон таҳти шадидтарин бамборонҳои тарбиятӣ ва ақидатӣ низ қарор доштаам, ки бар ин асос ба мулоҳазот ва муътақадоти Шиъа, огоҳӣ ва пойбандӣ ва таъхудди хосе низ доштам.

Дар мақотеъи таҳсилот, аъам аз донишгоҳӣ ва ҳавзавӣ ба вижа дар фарогирии улуми ҳавзавӣ ба наҳве, ки дар бахшҳои қаблӣ низ ишора шуд, яке аз талабаҳои барҷаста ва шохис дар ҳавзаи илмияи Қум ва донишҷӯи мумтоз ва муваффақ дар муҳити донишгоҳ будам. Ба шаҳодати корномаи дурахшони ҳавзавӣ, ҳамвора мавриди

тайиди устодон дар ҳавзаи илмияи Қум, (маркази мудирият) низ будам, ки ба ин лиҳоз, доштани ваҷҳи тамоюз ва барҷастагии хос дар байни донишҷӯён ва муҳити илмӣ, аъам аз ҳавза ва донишгоҳ, ба унвони як талабаи барҷаста ва шохис, ба унвони донишҷӯйи мумтоз ва муваффақ матраҳ будам.

Дар майдони мубоҳасот, мунозарот, ибрози суханронӣ ва марсияхонӣ дар муносибатҳои мухталиф низ ҳузури фаъол доштем.

2. Тағйири мазҳаб:

Инҳирофи ҷиҳат ва ақидаҳ ва тағйири мазҳаби Шиъа ва интихоби мазҳаби Аҳли Суннат дар бахши руйкарди асосӣ ва ё мушаххасан, пушт кардан ба мазҳаби Шиъа ва пайвастан ба мазҳаби Аҳли Суннат бо таваҷҷӯҳ ба тавсиф ва таъорифи хосе, ки ба он ишора шуд, гар чӣ  дар дар ибтидои таҳқиқоти илмӣ ва таҳқиқӣ, чандон муҳим намепиндоштам, аммо то ҳамин ҳад мебошад, ки эълон кунам омили аслии руйкарди эътиқодии ман танҳо дарки воқеъиятҳои динӣ ва мазҳабӣ ва расидан ба ҳақоиқ ва воқеъиятҳо буд, на чизи дигар.

3. Таҳлили ниҳоӣ:

Хонандаи азиз! Хоҳар ва бародари мусалмон, ҳамватан, падар ва модар, хитоб ба ҳамагии шумоҳо ин суолро матраҳ мекунам ва аз шумо мепурсам:

Чӣ омиле ва ё чӣ шахсияте ва чӣ ҳадафе буда, ки тавониста, ин гуна шахсе монанди манро, ки замоне Ҳуҷҷатулислом будам, замоне яке аз беҳтарин равзахонҳо будам, ки дар гирёндан ва саргарм кардани мардум, бисёр муваффақ ва номдор будан ва... ва хулоса шахсе мисли ман, ки як Шиъаи сарсахт будам, чӣ чиз сабаб шуд, ки бо чархиши 180 дараҷаи тағйири мазҳаб ва ақидаҳ диҳам ва

бо пушт кардан ба мазҳаби Шиъа, ин бор огоҳона мазҳаби Аҳли Суннатро баргузинам?

Кадом файласуф, муфассир ва таҳлилгар ва коршиноси масоили эътиқодӣ ва ё ғайри эътиқодист, ки бидонад, чӣ омил ва ангезаҳое боис мешавад, то як ҷавони таҳсил кардаи донишгоҳӣ, ки ба фосилаи як қадаме пизишк шудан қарор гирифта ва аз лиҳози зиндагии хонаводагӣ, на танҳо эҳсоси ҳеҷ гуна камбудӣ надошта, балки дар сатҳи бисёр мураффаҳ ва мумтоз низ ба сар мебурда, бо доштани падар ва модари таҳсил карда, равшанфикр, дуктур ва устоди донишгоҳ, хулоса бо доштани як хонаводаи огоҳ ва як зиндагии мураффаҳ, ба тамоми инҳо пушт карда ва роҳи соддазистан ва оворагиро ба хотири ормон ва ақидаи ҷадидаш пеш бигирад?

Чӣ чизе сабаб шуда, ки ин ҷавон ба ин зиндагии ҳақирона ва содда, аммо бо ин эътиқод ва боварии ҷадид, ифтихор намояд ва на танҳо барои зиндагии гузашта ва рафоҳии зоҳирӣ хам ба абру намеоварад, балки аз он гузаштаи нанг ва торик, истиғфор мекунад?

Хонандагони гиромӣ! Шояд посух додан ба ин пурсишҳо барои фалосифа, муфассирон, андешамандон, таҳлилгарон, соҳибназарони масоили эътиқодӣ ва ё ғайри эътиқодӣ, ки мехоҳанд аз зовияи мантиқ ва истидлол ва ба тариқи илмӣ ва таҳқиқӣ, посухгӯйи намоянд, шояд мушкил ба назар бирасад, аммо ман талаба ва Ҳуҷҷатул-исломи собиқи Шиъаи ҳавзаи илмияи Қум ва донишҷӯйи собиқи донишгоҳи шаҳид Биҳиштии Теҳрон, Суннии овора ва беном ва нишони феълӣ, хеле содда ва роҳат ба ин тартиб посӯх медиҳам.

Аввал ин, ки чунин шахсе девона аст! Ин назари волидайн, дӯстон ва атрофиёни Шиъа ба вижа устодон ва уламои ҳавзаи илмияи Қум (маркази мудирият) мебошад. Онҳо эътиқод доранд, ки девонаам, аммо ишкол инҷост, ки оқоён дар пешкаши истидлоли баҳси девонагӣ ва ин, ки чаро ва чӣ гуна девона шудаам ва ё омили девонагиям чист ва кист, тасаввур мекунам, бе ҷавоб монданд.

Зимни ин ки дар баҳс ва боби девонагӣ, шахсан бо оқоён иттифоқи назар дорам ва ё ба иборате, эътироф ба девонагӣ менамоям, мазидан маҷмӯъаи истидлол ва мантиқ худро дар бахши омили девонагӣ чист ва кист ва чӣ гуна девона шудаам, ин тавр матраҳ ва тасреҳ менамоям.

Омил ва нерӯе, ки тавонист воқеъиятҳо ва адами воқеъиятҳо, садоқатҳо ва дурӯғҳо, мусбатҳо ва манфиҳо, шиъор доданҳо, аммо амал накарданҳо, ибрози муҳаббат кардан, аммо амал накардан ва иқтидо накарданҳо, ба зоҳир гирёндан дигарон, аммо дарди гиря дар дил надоштанҳо, ибрози муҳаббатҳои козиби маслаҳатӣ ва мақтаъиҳо, бозӣ гирифтани дин ва ақидаҳ дар ҳар куҷо, ки лозим бошад, муъомалаи дин ва ақидаҳ бо маслиҳатҳои дунявӣ, дӯшман шумурдани муҳиббон ва муқтадиёни воқеъии улгӯҳои динӣ бино ба маслиҳатҳо, риёсатталабиҳо, ҷоҳталабиҳо, ифрот ва тафритҳо, ташкик ва тардидҳо, фуру рехтани деворҳои баланди ҷоҳилият, парда бардоштан аз торикиҳо, ошкор шудани тафовутҳо ва фосилаҳо ва дар ниҳоят аён сохтани воқеъиятҳо дар қалб ва рӯҳи ман, мушаххас намояд. Пас ӯст омили девонагӣ ва ё мушаххасан омили қудрат ва нерӯе, ки девонаам кард, ҷуз зоти лоязоли Худованд, ки тамоми ҷаҳони ҳастӣ дар қабза ва ҳокимияти мутлақи ӯст, чизи

дигаре набуда ва нест. Лизо ин зовия ва дидгоҳи эътиқодист, ки худро девона медонам ва тамоми ҳастии худро сарфи ризои ӯ ва муъовиза ва муъомила бо ризои ӯ кардаам ва ё ба иборати дигар, ҳама чизи худро дар гарави ризои он омили девонагӣ медонам ва аз он чӣ ки ба истилоҳ аз даст додаам, на танҳо эҳсоси надомат ва пушаймонӣ намекунам, балки агар шоиста ва мисдоқи мақулаи маъруф "ба дарвешӣ қаноъат кун, ки султонӣ хатар дорад" буда бошам.

Ба чунин дарвешӣ, ки ризои омили девонагиро ба дунбол дошта бошад, муфтахир ва бисёр шокир хоҳам буд, ки Худованди Субҳон манро ба ин дарвешӣ мутассил кард.

Аз Худовади Субҳон, ду тақозо дорам:

Аввалан: Аз Худованди Субҳон мехоҳам, ки рӯҳи се бародари шаҳидам, Муҳаммадризои Мусоӣ, шаҳид Алиризои Муҳаммадӣ ва шаҳид Арастуйи Родмеҳрро қарини раҳмати хеш гардонад.

Сонияң: Касонеро, ки ҳанӯз дар дунёи торикии ҷаҳолат, хурофот, мавҳумот, ифрот, тафрит, ташкик ва тардид ғутавар ҳастанд, ба вижа волидайнамро ба шоҳроҳи вақеъиятҳои динӣ ва ақидатӣ, ҳидоят фармояд.

Чунон чӣ чанд набоҳи дигар умр боқӣ монд, на танҳо сабр ва субот ва истиқомат ато фармояд, балки замоне, ки ин девонаро мусофири диёри абадӣ хоҳад сохт, ғуфрон ва раҳмати хешро дар конори ӯ гузоштааст, иншоаллоҳ.

Дар ин ҷо, ҷо дарад ки аз заҳамоти бедареғи Абӯ Абдуллоҳ, ташаккур намоям.

**Муртазо Родмеҳр**
**Ҳуҷҷатул-исломи собиқи ҳавзаи илмияи Қум**

**Донишҷӯи собиқи донишгоҳи шаҳид Биҳиштии Теҳрон, Овора ва гӯмноми имрӯз**
**19/3/1380, Рабиъулаввали 1323 ҳ.ш.**

**Ба ёди шаҳиди ҳамеша ҷовид: Ҳуҷҷатул-ислом Муртазо Родмеҳр.**

Хушо онон, ки бо иззат зи гетӣ
Бисот хеш барчиданду рафтанд
Хушо онон, ки дар мизони виҷдон
Ҳисоби хеш барчиданду рафтанд
Нагардиданд ҳар гиз гирди ботил
Ҳақиқатро писандиданду рафтанд
Хушо онон, ки дар роҳи адолат
Ба хуни хеш галтиданду рафтанд
Хушо онон, ки бизри одамият
Дарин вайрона пошиданду рафтанд
Чу нахли борвар бар тангдастон
Самар доданду бахшиданду рафтанд
Зи ҷазру мадди ин гирдоби ҳоил
Сабукборон натарсиданду рафтанд
Хушо онон, ки по дар водии хақ
Ниҳоданду налагжиданду рафтанд
Хушо онон, ки ба ин арсаи хок
Чу хуршеде дурахшиданду рафтанд

***

Ҳангоме ки аз донишгоҳ бармегаштам, писарам ба ман иттилоъ дод, ки амаки Мустафо ду се бор аз субҳ то ҳол занг задааст, фавран гуши телефонро бардоштам ва ба Мустафо, ки дар ҷануби Карочӣ сукунат дошт, телефон кардам. Аз шунидати садоям бисёр хушҳол шуда бо завқу

шавқи хос ба ман гуфт: Оқои дуктур, дӯсти бисёр азизе меҳмони ман аст, мехоҳам агар иҷоза бидиҳед, эшонро ба шумо муъаррифӣ кунам, чӣ вақтеро муносиб медонед?

Мустафо аз ҷумлаи уламои Аҳли Суннати Ирон аст, ки солҳои зиёдеро ба ҷурми фаъолияти динӣ ва кушиш барои бедории ҷавонони аҳли суннати Ирон дар зиндонҳои он кишвар гузаронда ва дар асари шиканҷа, яке аз чашмонашро аз даст дода ва соқи пояшро ҳам шикастаанд, ки ҳоло бо вуҷуди ин ки устухонаш ба ҳам часпидааст, боз ҳам наметавонад дуруст роҳ биравад.

Солҳост, ки аз ошноиям бо Мустафо мегузарад. Мардест бисёр самимӣ ва бо сафо, чеҳраи нуронӣ дорад, ки солҳои зиндонӣ ва шиканҷа, бо вуҷуди кур кардани яке аз чашмонаш ҳеҷ натавониста аз зебогияш бикаҳонад. Ҳамеша ба шухӣ ба ӯ мегуям: Хушо ба ҳолат, воситаи қавӣ дорӣ, як чашмат пеш аз ту ба биҳишт рафта, худат ҳам ба баҳонаи ҳамин як чашм ҳар тавре шуда худатро дохили биҳишт мекунӣ, дуое ба ҳоли мо бечорагон кун! Ӯ ҳам лабханде мезанад ва ба шухӣ мегуяд: Шумо бароям дуои истиқомат кунед, ин нашавад, ки чашмам аз ман изҳори безорӣ кунад ва пушти дари биҳишт бимонам!

Ҷавонест бисёр хуштабъ ва бо ҳол. Рӯзҳои сахти ҳиҷрат ва зиндагӣ дар Покистон, ҳар гиз натавониста камари ӯро хам кунад. Мегуяд: Дар сахтарин рӯзҳои ҳиҷрат, бисёр эҳсоси хушбахтӣ мекунад ва Худоро шукр мегузорад, бо худ мегӯяд: Бардагии Юсуф барояш беҳтар аз зиндагӣ дар чоҳи сиёҳ ва торик буд!

Робитаи ман бо Мустфо хело самимӣ буд ва ҳеҷ таъоруфе бо ҳам надоштем. Аз ин ки дар пушти телефон хеле муҳтарамона аз ман мепурсид, чӣ вақти муносиб аст барои дидоратон ташриф биёварем, фаҳмидам меҳмонаш

барояш хеле муҳтарам ва азиз аст, ба эшон гуфтам: Баъд аз намози аср ташриф биёваред, муносиб аст.

Вақте, ки аз намози аср ба хона бармегаштам, дидам, ки Мустафо бо ҷавоне, ки ҳаё дар симояш мавҷ мезанад, пеши хона истодаанд. Онҳоро ба утоқи пазирой роҳнамойи кардам.

Мустафо дӯсташро чунин муъаррифӣ кард: Бародар дуктур Муртазо Родмеҳр ҳастанд. Эшон аз уламои ҳавзаи илмияи Қум буданд, ки чанде пеш пас аз мутолиъот ва муназароте, ки бо мавлоно Муҳаммад Умари Сарбозӣ доштанд, ба мазҳаби Аҳли Суннат гаравиданд ва ба қавли худашон: Аз ширк наҷот ёфта, Ислом оварданд!.

Муртазо сарашро поён андохта ҳеҷ чиз намегуфт. Ман ба тарафи эшон нигоҳе андохта гуфтам: Аз ошноиятон хеле хушбахтам, сипас идома дода гуфтам: бародар чаро намегӯйи Суннӣ шудам? Ва чаро исрор дорӣ худро мушрике, ки мусалмон шуда бидонӣ?

Эшон оҳе кашида гуфт: Шояд шумо бо мазҳаби Шиъа ошноии кофӣ надоред. Ман талабаи ҳавзаи илмия будам ва бо таваҷҷӯҳ ба он чӣ аз худ ва мазҳаби худ медонам, чунин истинтоҷ кардаам.

Худо медонад, ки дар даруни худ эҳсос мекардам, ки ҷавонест мухлис ва ростгӯ. Суханаш ба дил менишаст. Дар симояш ҷуз садоқат ва ростӣ ҳеҷ намедидӣ, вале ман бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи собиқ мор газида шуда будам. Ҷавонони бисёре аз Шиъаро дида будам, ки худро Суннӣ ҷо мезаданд ва бо ҳила ва найранги "тақия" дар байни ҷамоъатҳои Исломӣ рахна карда, барои ҳукумати Ирон ҷосусӣ мекарданд.

Зиёд ба ҳарфҳои ин ҷавон аҳамият надодам ва бо лаҳни бисёр хушк ва бе меҳре ба ӯ гуфтам: Бубин бародар!

Ман намегӯям шумо мисли хелеҳои дигар дурӯғ мегӯед ва ба ман иҷоза бидиҳед бигӯям: намехоҳам ҳарфҳоятонро ҳам бовар кунам, чун ҳамин бародар Мустафои азиз бо қалби покаш чанд вақт пеш пизишкеро ба ман муъаррифӣ кард, ки мисли шумо иддиъоҳо мекард ва мегуфт: писари Оятуллоҳи фалон аст, ва Суннӣ шуда ва мо ба ӯ кумак кардем. Муддате дар ин ҷо монд, сипас аз мо хост ӯро ба пеши яке аз раҳбарони Аҳли Суннати Ирон, ки дар Қандаҳор буд, бифиристем, то бо ҳамкории эшон битавонад бемористони саҳроӣ барои табобати захмиҳои Толибон, ифтитоҳ кунад. Аз инҷо ба Қандаҳор рафт ва муддате ҳам дар байни Толибон буд, ва баъдан шунидем аз он ҷо ғайб зада ва муддате баъд мутаваҷҷеҳ шудем, иттилоъотӣ буда ва ба Эрон бозгаштааст.

Ҳоло шояд шумо ҳам нусхаи дигаре аз ӯ бошед. Барои ман ҳеҷ муҳим нест бародари азиз, агар иттилоъотӣ ҳастӣ, бош ва агар ҳам мухлис ва ростгӯ ва бо имон ҳастӣ, бош. Ин дунё арзиши инро надорад, ки инсон ба хабосат ва макр ва найранг ду рӯза зиндагияшро фидо кунад. Фардои қиёмат ҳар он чӣ будем, бармоло мешавад. Вале агар иҷоза бидиҳед ман ба шумо дӯстона як насиҳат мекунам. Агар рост мегӯйи ва Суннӣ шудаи, бидон, ки мо Сунниҳо кам нестем, то шумо бихоҳед як адад ба мо изофа кунед ва аз лиҳози олим ва донишманд, ҳеҷ камӣ надорем, ки рӯйи шумо ҳисоб кунем. Агар рост мегӯйи ва қавм ва хешат мушрик ва бединанд, пас онҳо ба шумо ниёз мубрам доранд, баргард ба Ирон ва қавматро аз ширк наҷот бидеҳ, ин вазифаи аслии тӯст!

Ҷавон сураташро боло гирифт ва барои як лаҳза дуруст чашмонаш дар чашмонам афтод. Барқ аз чашмонаш маро асири худ кард ва сидқ ва сафои онҳо

боис шуд арақи сарде ҷисмамро биларзонад, эҳсос кардам бо ҳарфҳоям ба ӯ зулм кардам. Ором гуфт: бале бародар! Дақиқан ҳақ бо шумост.

Мустафо, ки ҳаргиз чунин бархурди сардеро аз ман таваққуъ надошт, хост каме маҷлисро самимӣ кунад. Ба ҷавон нигоҳе андохта бо лабханди сохтагӣ гуфт: бародар Муртазо! Аз оқои дуктур ҳеҷ нороҳат нашав. Дуктур дилаш аз ман пураст, ки он ҷавони иттилоъотиро қаблан пеши ӯ оварда будам. Албатта хақ ҳам дорад. Мани содда, ки ғайб намедонистам, ӯ гуфт ман ҳам бовар кардам, ҳоло мехоҳад қасдашро аз шумо бигирад. Дуктур дилаш соф аст, мисли дарё, рӯзи дигар вақте як кам абрҳои осмонаш интараф ва онтараф бираванд, дубора меоем ва хоҳӣ дид, ки кӯлест хушбӯ ва бе хор...

Бо садои азони шом аз ман иҷоза хостанд рафъи заҳмат кунанд, ҳангоми рафтан ҷавон ҳамин китобе, ки ҳоло дар дасти шумост хонандаи азиз, ба ман ҳадя дод (чаро Суннӣ шудам?) ва гуфт: бародар ин хотироти зиндагии ман аст, хоҳиш мекунам инро бихон ва бароям дуои истиқомат ва пойдорӣ кун, ман аз шумо ҷуз аз дуо ҳеҷ намехоҳам ва аз Худованд мехоҳам, ки ҳамаи моро дар биҳишт баррин дар канори Паёмбаронаш даври ҳам ҷамъ кунад.

Ҳамдигарро оғӯш гирифтем, ашкҳои Муртазо бар гунаҳояш ҷорӣ шуд, сураташро бусидам ва гуфтам: Ба умеди дидор...

Мустафоро ҳам дар бағал гирифтам, ором дар гушам гуфтам: Аз шумо интизор надоштам, куҷо рафт нармӣ бо тозамусулмон! Баъд садояшро баланд карда гуфт: оқои дуктур! Гумон накун ин ҳарфҳоятро мо ба дил гирифтем, шоме ҳам пешкаш накардӣ бахил, вале мутмаин бош, то

як ваъдаи ғизо аз ҷайби шумо ба зӯр берӯн накашам, намегузорам бародар Муртазо аз Карочӣ биравад.

Ин ҷо буд, ки тоза ёдам омад, онҳоро ба шом ҳам даъват накарда будам, бо маъзаратхоҳӣ гуфтам: бубахшед, аслан ҳавосам набуд, хеле маъзарат мехоҳам, бисёр мояи саъодатам хоҳад шуд, агар шомро дар ин кулбаи дарвешӣ бо ман бошед.

Мустафо, ки аз хона берӯн шуда буд, хандае сар дод ва гуфт: Ҳоло пушаймонӣ фаидае надорад, як вақти дигаре бояд дар ресторант ҷуброн кунӣ, албатта ду рӯз пеш ба шумо иттилоъ медиҳем, то хуб омодагӣ бигирӣ ва мо ҳам ду рӯз худамона гурусна нигоҳ медорем, то заҳматҳои шумо беҳуда зоеъ нашавад.

Муртазо лабханди муаддабона зад ва гуфт: Ҷаллодони имоми замон маро накуштанд, аммо шумо мисли ин ки аз гуруснагӣ мехохед маро бикушед... Ду дӯст даст дар дасти ҳам гузошта аз ман дӯр шуданд...

Лаҳзаи ҷӯдойи ва ашкҳои Муртазо хеле маро ба худ машғӯл кард, аз бархурди сардам бо ӯ эҳсоси гуноҳ мекардам.

Баъд аз мағриб ба хонумам гуфтам: ман майле ба шом надорам, лутфан музоҳим нашавед. Дохили утоқи мутолиъа рафтам ва дарро ба руйи худам қуфл карда китобчаи (чаро Суннӣ шудам?)ро гирифта ва шуруъ ба хондам кардам. Аз ҳар калимаи он ростӣ ва садоқатро эҳсос мекардам.

Он шабро натавонистам то субҳ бихобам, хеле эҳсоси гуноҳ мекардам, тасвири зиндагии он ҷавони мухлис ва бо имонро байни ҳар сатр ва дар пушти ҳар калимаи китоб медидам.

Субҳи рӯзи баъд, ба дӯстам Мустафо телефон кардам то эшонро бо ҳамроҳи меҳмонашон ба шом даъват кунам, аммо мутаассифона телефонаш ҷавоб намедод. Баъд аз зуҳр муваффақ шудам Мустафоро рӯйи телефон биёбам, ба ман иттилоъ дод, ки меҳмонашон ба Кувейта рафтанд.

Гоҳ гоҳе, ки фурсате пеш меомад ва аз Мустафо дар мавриди дӯсташон мепурсидам. Шунидам, ки дар Кувейта издивоҷ кардаанд, баъдҳо шунидам, ки Худованд бачае ҳам ба эшон дода... . Аз он моҷаро муддате дарозе гузашт ва кам кам хотирааш дар зеҳнам камранг ва камрангтар шуд...

Чанд сол баъд аз моҷаро сафаре ба Зоҳидон доштам. Зоҳидон барои ман шаҳри хотираҳост, муддати замони дарозеро дар ин шаҳр сипарӣ кардаам, ҳар вақт фурсат ёрӣ мекунад, кушиш мекунам барои тоза кардани хотиротам ва барои дидор бо дӯстон ва бархе аз хешо, саре ба ин  шаҳр бизанам.

Рӯзе намози асрро дар яке аз масоҷид хондам, пас аз намоз машғули зикр ва дуо ва наёиш будам, ки метаваҷҷеҳ шудам ҷавони лоғарандом ва беморҳол ба ман хира хира нигоҳ мекунад. Каме пеш омад ва дар канорам нишаст, ҳеҷ таваҷҷӯҳе ба ӯ накардам, лабханди ширине бар сурати рангпарида ва зардаш нишаст, ва ором гуфт: Намешиносӣ дуктур?

Салом кардам ва гуфтам: Бубахшед бародар, қаблан шарафи дидори шуморо доштам? Лабханде зад ва гуфт: намедонистам, ки ин қадар хушгил шудам, ки дигар касе маро намешиносад! Саъй мекард ларзиши дастҳояшро каме контрол кунад, вале ба иродаи ӯ набуд. Бо хиҷолат мехост ҳадди ақал ман мутаваҷҷеҳи дастҳояш нашавам, онҳоро пушти камараш гиреҳ кард. Каме истод, сипас

сарашро боло гирифт ва гуфт: Ходими шумо Муртазо Родмеҳр ҳастам! Ёдат нест дар Карочӣ бо бародар Мустафо ба хонаат омадем?

Намедонам чӣ шуд, дунё пеши чашмонам тор шуд, ҳама он хотироти талх, ҳама он эҳсоси гуноҳ, ҳама он орзӯҳои дидори ин ҷавони мумин дар як лаҳза колбадамро ларзонд. Ҳеҷ нафаҳмидам, ки чӣ тавр ӯро ба оғӯш гирифтам, чӣ гуна сару сураташро бусидам. Танҳо вақте мутаваҷҷеҳ шудам, ки ӯ дар бағалам буд ва мо ҳар ду зорзор мегиристем. Намозгузорон рафта буданд, танҳо бархе аз писарбачаҳое, ки зоҳиран дар масҷид ва ё атрофи он машғул ба таҳсил буданд аз дӯр бо таъаҷҷуб ва ҳайрат ба мо нигоҳ мекарданд. Ашк аз чашмонам сарорез шуда буд, гуфтам: Муртазо, марди Худо, чӣ балое сари ту омад, туро қасам ба Худо, ту Муртазо ҳастӣ? На.. на.. на ба Худо боварам намешавад, ин шакл ва киёфаи Муртазо Родмеҳр нест, чаро ин қадар лоғар ва заъиф шудаӣ? Чаро рангат зард шуда, Худо накарда мариз ку нестӣ? Писар чӣ балое ба сари худат овардӣ, ту куҷову инҷо куҷо?!

Худашро контрол кард ва пеши ҳарфам парид ва гуфт: дар Карочӣ фикр карди ҷосусам, ҳоло ки ин ҷо маро мебинӣ, ҳеҷ шакке дар ҷосусиям нахоҳӣ дошт, ба шумо ҳақ медиҳам дуктур...

Албатта аз ҳарфхояш ҳеҷ қасди хосе надошт, ҳамаш содагӣ ва ихлос буд, гуфтам: лутфан аз ин ҳарфҳо дигар назан, бигӯ чӣ балое сарат омада..

Дӯсте, ки меҳмони эшон будам, сар расид ва мутаваҷҷеҳ шуд, ки осори ғам ва ондӯҳи амиқе бар чеҳраам нишастааст, моро ба хонааш, ки дар наздикии масҷид буд, раҳнамоӣ кард.

Муртазо якрез ҳарф мезад, мегуфт: Дар сарзамини ҳиҷрат хоб ва ором надошта, ҳамеша дар фикри ин буда, ки чӣ тавр хонавода ва дӯстон ва азизон ва ҳамаи миллати Иронро ба тавҳид боз гардонад ва аз ширк ва қабрпарастӣ ва бидъатҳо раҳо диҳад, то билохира тасмим мегирад даст ба як риски хатарногк бизанад ва барои даъват ба Ирон бар гардад. Пас аз муддате дастгир мешавад ва ӯро ба зиндони Кирмон мунтақил мекунанд. Вақте, ки аз шиканҷаҳо ва таъзибҳои дохили зиндон мегуфт, муйи баданам рост мешуд.

Ҳар гиз тасаввур намекардам инсон, ин мавҷуди ду по рӯзе ба ин дараҷа аз пастӣ ва вахшигарӣ ва дӯшманӣ бирасад. Худо медонад, агар Муртазоро намедидам ва ҳарфҳояшро намешунидам ва ҳар гиз боварам намешуд дар зиндонҳо бо ин ҳайвоният ва гургманишӣ ва дарандагӣ ва беҳаёӣ ва разолат ва пастӣ бо инсонҳо бархурд шавад.

Сабр ва истиқомати Родмеҳр зери шиканҷаҳо  худ далел бар лаззат ва тароват ва ишқи имон аст. Худованд вақте бандае аз бандагони солеҳ ва некукорашро мавриди озмоиш ва ибтило қарор медиҳад, сабре ба бузургии сахтиҳояш ба ӯ ҳадя мекунад.

Дар зиндони Кирмо ва дар зери дастгоҳҳои шиканҷа ва сузанҳои барқӣ ва ҳарорати инсонкуш, утугҳо ва дарандагии ҷаллодони шаҳватпараст, имон буд ки истиқомат мекард, ва ҳамин оҳанпора ва ҳайвоният ҳаргиз наметавонад камари фулодини имонро дарҳам шиканад. Дар ҷанги имон ва куфр, танҳо барандаи маъракa имон аст.

Ман борҳо ва борҳо дида будам, бархе аз уламои Аҳли Суннат ва ё талабаҳои ҳавзаи илмия ва ё

равшанфикронашонро муддате ба зиндон мебурданд ва ба онҳо заҳри дарозмуддат мехалонанд, ки пас аз озодӣ авоизаш бо зард шудани ранги сару сурат ва ҷисм ва ларзиш дар дастҳо ва камкам заъиф шудани тамоми бадан ва аз по даромадан зоҳир мешавад.

Ашк бар рухсора зард ва сурати парешон ва ошуфтаи Алиризо мисли сел ҷорӣ буд ва ӯ шеъре сузноке, ки дар зиндон суруда буд, мехонад. Ҳарфашро катъ карда гуфтам: бародар Родмеҳр! Дар зиндон чизе ба ту тазрик накардаанд?

Гуфт: Худованд ба ман раҳм ва шафқати хосе дошт. Бо шурӯъи шиканҷа ман беҳол мешудам ва аз шиканҷаҳояш лаззати хосе ба ман даст медод. Лаззати имонро ба хубӣ мечашидам ва аз худ бе худ мешудам ва ҳеҷ намефаҳмидам, вақте чашм боз мекардам худамро дар салули торик ғарк дар хун медидам.

Рӯзона чанд воксин тазрик мешуд, ва чун ҷавоби ҳар ҳарфам чанд мушт ва лағад буд, намепурсидам, ки воксинҳо барои чист.

Буйи биҳиштро эҳсос мекардам, ҳар рӯз фикр мекардам ин охирин рӯзи зиндагиям аст ва шаҳодатро оғуш хоҳам гирифт.

Аз шиканҷа ҳеҷ тарс ва воҳимае надоштам, баръакс хеле ҳам лаззат мебурдам. Дар зери шиканҷаҳои бераҳмонаи дӯшманон ва ҷаллодон Худоямро беҳтар мешинохтам ва аз имонам бештар лаззат мебурдам ва ба ақидаам бештар ишқ меварзидам. Танҳо чизе, ки маро озор медод, ин буд, ки эҳсос мекардам ман ба зуди вориди биҳишт мешавам ва миллатам ғарки ширк ва гумроҳӣ аст, мехостам дасти мардум ва миллатамро бигирам ва аз ботлоқи ширк ва бидъат, берӯн кашам.

Муртазоро бағал гирифтам ва сару сурати зард ва ошуфтаашро бусидам ва бо ӯ гуфтам: Бародар, ҳеҷ нороҳат набош, шумо ба орзӯи шаҳодат хоҳед расид ва даъватат ба ҳама Шиъаёни гумроҳ дар бидъат ва хурофот хоҳад расид ва ҳидоят ҳам дасти Худост, ҳарон ки дар пайи ҳидоят ва растагорӣ бошад, бидуни шак ба он даст хоҳад ёфт.

Сипас аз ӯ хоҳиш кардам бароям бисёр дуо кунад, чун эҳсоси амиқе ба ман мегуфт, ки ӯ аз ин дунё комилан бурида ва дар фазои малакути ба сар мебарад, ва дилам бо яқини комил ба ман мегуфт: Муртазо шаҳидест, ки ба зуди ба сӯйи Худояш пар хоҳад кашид.

Пас аз ин, ки ӯро гусел кардем, ба сӯйи дӯстон гуфтам: Барои бародаратон, шаҳид Муртазо Родмеҳр дуо кунед, Худованд раҳматаш кунад. Ҳама бо таъаҷҷуб гуфтанд: манзуратон чист оқои дуктур?

Ашкҳое, ки дар чашмонам ҷамъ шуда буд, рӯйи рухсорам сарозер шуд. Буғз гулуямро ба шиддат фишурд, ором гуфтам: Бародарон, Муртазоро ба шаҳодат расонидаанд, ба ӯ заҳри бисёр хатарнок тазриқ карданд, ӯ бештар аз чанд рӯз меҳмони ин дунё нест!

Муртазо пеши хонаводааш ба Кувейта бозгашт. Чанд рӯз аз равшан шудани кулбаи имон ва ишқ ин парастӯйи муҳоҷир нагузашта буд, ки духтараки нозанинаш мутаваҷҷеҳ шуд сурати падар аз ҳамеша равшантар шуда, вале ҳеҷ ҳарақат намекунад. Лабханди сокит бар лабаш нақш баста ва ӯ ба дидори маъшуқ пар гушуда, шамъе шуда фурӯзон, вале ҷомид ва бе ҳаракат…

Бо гиряе, ки аз аъмоқи исмати кудаконаи духтари маъсуми дуктур Муртазо Родмеҳр баромада буд, пардаи

осмон дарҳам дарид ва ҳама фаҳмиданд руҳи шаҳид ба ҷойгоҳи абадии хеш парвоз кардааст.

Муртазо Родмеҳр чанд рӯз пас аз охирин дидорам бо ӯ, дар Кувейта ҷоми ширини шаҳодате, ки дар зандони Кирмон ба дасти ӯ дода буданд, сар кашид ва бо сӯйи Худояш шитофт, то шоҳиде бошад бар зулми дӯшманони шаҳватпараст ва гувоҳе бошад ба хукумате, ки садди роҳи даъвати Худо шуда ва дар талош аст нӯри Худоро бо боди даҳонаш хомӯш кунад.

Ӯ рафт, вале даъвати ӯ боқӣст. Муртазо рафт... вале рӯҳи ӯ дар ҷавонони бедор мавҷ мезанад. Ӯ ниҳоли бедорӣ ва ҳидоят ва растагориро кошт ва бонги тавҳиди Билолро дар фазои ширколӯди майҳан басадо доровард.

Имрӯз дар ҳар куча ва шаҳри Ирон ҷавонеро меёбӣ, ки бо шаҳид Муртазо Родмеҳр мисоқи истиқомат ва пойдорӣ дар роҳи растагорӣ бастаанд.

Ва фардо ҳамаи Иронзамин яксадо бонги тавҳид бархоҳад овард ва рӯҳи Муртазо Родмеҳр шод хоҳад шуд.

Ёдатро гиромӣ медорем ва паёматро ҷовид, эй шаҳиди роҳи тавҳид ва растагорӣ, эй Родмеҳри ҳамеша зинда...

Дуктур А.С

## Тазаккур

Хонандаи азиз, хоҳар ва бародари мусалмон, хитоб ба ҳамаи шумо:

Ин китоб, дардномаест аз тарафи муаллиф барои ҳамватанонам. Ба насли имрӯз ва фардо, ки дунболи ҳақиқат мегарданд ва аз фиреб ва хурофотҳои мазҳабтарошони бебунёд хаста шуданд, тақдим кардаам ва ҳар гиз худро гумном нахоҳам кард ва банда барои анҷоми ҳар навъ мусоҳаба ва мунозара дар сурати лузум, ҳозирам иншоаллоҳ.

Кутуб ва васоили мутаъаддиде дар ин замина ҳамчун:

Издивоҷи муваққат (мутъа) ва паёмадҳои он дар ҷаҳони ташаюъ.

Таҳрифи Қуръон дар дунёи ташаюъ.

Оё Шиъа ва Суннӣ бо ҳам бародар ва баробаранд?

Насли сухта (пиромуни ақида ва имони насли ҷавон пас аз инқилоб) омодаи чоп аст, ки иншоаллоҳ ба дасти ҳақиқатҷӯёне, ки ба дунболи ҳақиқат ҳастанд хоҳад расид, иншоаллоҳ.

## Ёдоварӣ

Лозим ба зикр аст, ки бародари азизи мо Ҳуҷҷатул-ислом Муртазо Родмеҳр (раҳмати Худо бар ӯ бод) дар соли 1384 ҳ.ш дар Покистон ба шаҳодат расид. Аз Худованд масъалат менамоем, ӯро раҳмат кунад ва қабри ӯро бустоне аз бустонҳои биҳишт қарор диҳад, омин.

* * *